**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**УДК-7А6.1 (575)**

**ББК-75.81 (5Т)**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**САБУРОВ ИХТИЁР МУҲИДИНОВИЧ**

# АМСИЛАСОЗИИ ЭКОНОМЕТРИКИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲИИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт

Роҳбари илмӣ:

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Қодиров Абдураҳмон Лакимович

Хуҷанд – 2022

Мундарича


**Муқаддима** ........ 4

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ** ........ 6

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ АМСИЛАСОЗИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲӢ** ........ 13

1.1. Моҳияти мафҳум ва махсусияти сайёҳӣ ........ 13

1.2. Марҳалаҳои рушди сайёҳӣ ва махсусияти он ........ 30

1.3. Усулу амсилаҳои тадқиқ ва оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ ........ 42

**Хулосаи боби якум** ........ 54

**БОБИ 2. АМСИЛАСОЗИИ ИҚТИСОДӢ-МАТЕМАТИКИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲӢ** ........ 55

2.1. Меъёрҳои иқтисодии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ ........ 55

2.2. Амсиласозии математикии оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ ........ 65

2.3. Оптималӣ гардонидани зинабазинаи рушди маҷмааи сайёҳӣ ........ 79

**Хулосаи боби дуюм** ........ 97

**БОБИ 3. АМСИЛАСОЗИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲИИ ВИЛОЯТИ СУҒД** ........ 98

3.1. Нишондиҳандаҳои рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд ........ 98

3.2. Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд ........ 115

3.3. Самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ ........ 135

**Хулосаи боби сеюм** ........ 146

**ХУЛОСА** ........ 147

**II.ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ** ........ 149

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........ 152

Замима ........ 168

## Рӯйхати ихтисорҳо:

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон
МС - маҷмааи сайёҳӣ
АИМ - амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ
АИМО - амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ оптималигардонӣ
ШСН - шабакаи сунъии нейронӣ
БОТ - Бонки Осиёии Тараққиёт
БОР - Бонки Осиёии Рушд
АБР - Ассотсиатсияи байналмилалии рушд
БММБ - баргардонидани мутлақи аз меъёр боло
ЗС - зеҳни сунъӣ
ТС - тиҷорати сайёҳӣ
ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
СС - саноати сайёҳӣ
ИХС - истеҳсолӣ–хизматрасонии сайёҳӣ
СБ - сайёҳии байналхалқӣ
КҶ - коэффитсиенти ҷаззобият
ОИС - обектҳои истироҳатӣ-солимгардонӣ
МДОРМС - меъёрҳои динамикии оптималияти рушди МС
КД - коэффитсиентҳои дохилӣ
АОСБ - амсиласозии объектҳои сайёҳии баррасишаванда
БМ - буҳрони молиявӣ
ҶМ - ҷалби маблағгузорӣ
ВМ - воридшавии маблағ
КД - коэффитсиентҳои дохилӣ
СБ - стандартҳои байналхалқӣ
ОД - омори давлатӣ
АО - амсилаи оптимизатсионӣ
АШМ - амсилаҳои шабакавии маҷрой
АС - амсилаҳои статикӣ
АР - амсилаҳои рушд
АОМТ - амсилаҳои оптимизатсионӣ ва математикии такрорёбанда
АЭ - амсилаҳои эконометрӣ

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозира сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои рушди босамари иқтисодӣ ва сердаромад мебошад. Сайёҳӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию фарҳангӣ хидмат менамояд. Он ҳамчун воситаи муосири ҳавасмандии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ васеъ истифода шавад. Дар ҳудуди минтақаҳои мушаххас, пеш аз ҳама, вазифаҳои сайёҳӣ зоҳир мешавад. Имкониятҳои инкишофи минтақаро маҳз шароити захираҳои табиии он муайян мекунад.

Консепсияи рушди устувор аз муҳимтарин тамоюлҳои бахши сайёҳӣ-рекреатсионии ҷаҳонӣ мебошад. Консепсияи рушди устувор имкон медиҳад, ки ихтилофи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон аз байн бурда шавад. Ин кор боиси рушди босуръати сайёҳӣ мегардад ва микдори маҳдуди захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мавзеъҳои қабулкунанда дар ҳолати бадшавии муҳити зист ҳал карда мешавад.

Вобаста ба ин, масъалаҳои тадқиқи суръат ва самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва таъмини асосноккунии илмию методии иқтисоди он дар шароити норасоии шадиди захираҳо ва сармоя аҳамият пайдо менамояд. Танҳо дар асоси амсилаҳои дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ натиҷаи боэътимоди микдории оптималӣ гардонидани рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ва макони сайёҳии бораќобат ва стратегияҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ бо назардошти арзиши хароҷот барои ҳифзи захираҳои табиӣ ва манфиатҳои ҳамавақта ва хусусӣ аз фаъолияти сайёҳӣ ба даст оварда мешавад. 22-юми декабри соли 2017 дар Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд ва 29-уми декабри соли 2017 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №977 ба имзо расид. Ҳадаф аз ин иқдом рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии муносиби имкониятҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллии кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ ва мусоидат ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошад.

Истифодаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки тамоми иқтисоди миллии кишвар такмил дода шавад. Дар бисёре аз кишварҳо соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани мувозинати савдои хориҷӣ накши муҳим мебозад. Соҳаи сайёҳӣ ба чунин соҳаҳои асосии иқтисодиёт, ба монанди наклиёт ва алоқа, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғайра таъсири калон мерасонад, яъне ҳамчун як навъи нишондоди тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад. Ин аҳаммияти тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва таҳияи як қатор муаллифони пешбари ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи усулҳои иқтисодию риёзӣ ва иқтисодиёти сайёҳӣ дар рафти тадқиқу таҳлил истифода шудаанд, чун Ю.Александров, А.Бойматов, Б.Боголюбов, Х.Грин, Ғ.Ҷӯрабоев, И.Зорин, А.Мадаминов, Ф.Котлер, И.Кабушкип, А.Дурович, О.Щербина, В.Сапрунова, A. Blake, C.Lim, S.Divisekera, R.Durbarrv, J.Muellbauer, M.Sinclair ва дигарон. Ин барои васеъ намудани маводи ташхиси тадқиқоти диссертатсионӣ, муайян кардани самтҳои тараққиёти соҳаи сайёҳӣ, баровардани хулосаҳо имконият дод.

Масъалаҳои рушд ва ташкили фаъолияти сайёҳӣ, бозори сайёҳӣ ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун системаи иҷтимоию иқтисодӣ, рушди сайёҳии минтақавӣ ва арзёбии таъсири он ба низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа, аз ҷумла масъалаҳои амалӣ ва назариявии омӯзиши бозори сайёҳӣ баррасӣ гардидааст.

Ба тадқиқи муаммоҳои макро-микроиқтисодии ташкил ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва сохтори рекреатсионӣ олимони ватанию хориҷӣ мисли С.Амонова, М.Ефремов, И.Балабанов, Н.Даниленко, Н.Қодиров, Т.Кириллов, С.Богомолов, Ҷ.Комилов, Г.Тапирян, С.Комилов, К.Кулер, Х.Саидмуродов, М.Нурмаҳмадов, С.Ҳабибов, Ф.Одинаев, Р.Раҷабов, С.Сенин, Р.Гранде, О.Байдики, П.Деффер, Г.Харрис, Ҳ.Саидова, С.Хантер, М.Синклер, М.Стаблер, Н. Фақеров, Қ.Ҳусаинов, А.Чудновекий ва дигарон машғул буданд.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои моделронии рушди сайёҳӣ, таҳлил ва пешгӯии он чун соҳаи хизматрасонӣ, равандҳои динамикии рушди иқтисодии минтақаи сайёҳӣ,

ки бо ҳамкории мураккаби ҷамъшавии сармоя аз ҷониби ширкатҳои хусусии сайёҳӣ тавсиф мешавад, ба таври зарурӣ инкишоф наёфта, дар ташаккул ва рушди низоми идоракунии тиҷорати сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии сифати молу хизматрасонӣ дар бозори сайёҳӣ ва коркарди амсилаҳои амалан татбиқшаванда ба таври систематикӣ имрӯз ҳалношуда боқӣ мемонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 977 «Дар бораи эълон намудани соли 2018 - Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», №1445 дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 642 аз 30-юми декабри соли 2019 оид ба «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро гардида, дар Шурои олимони Донишгоҳ муҳокима шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ таҳияи маҷмуи амсилаҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар асоси омӯзиши равандҳои сайёҳӣ дар минтақа мебошад, ки барои таҳлили вазъи кунунӣ ва пешгӯии рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади пешбинишудаи диссертатсия муаллиф ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён гузоштааст:

- таҳқиқи муҳтавои мафҳумҳои соҳаи сайёҳӣ;
- таҳлили нишондиҳандаҳое, ки ба тавсифи натиҷаҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва муайян намудани омилҳои асосии рушди маҷмааи сайёҳӣ равона шудаанд;
- муайян намудани талабот дар шароити ташаккули бозори дохилии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ташаккули алоқаи он бо бозори ҷаҳонӣ нисбат ба вазифаҳои рушди комплексии соҳаи сайёҳӣ дар минтақа;

- омӯзиши амсилаҳои иқтисодӣ ва математикии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, равиш ва усулҳои ҳалли масъалаҳои рушд дар маҷмуи сайёҳӣ ҳамчун системаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ;

- коркарди амсилаи динамикии рушди маҷмуи сайёҳӣ барои баҳодиҳӣ, ҳисоб, муқоиса ва интихоби вариантҳои оптималӣ;

- тартиб додани асосҳои ташаккул ва танзими минтақавии рушди сайёҳӣ ва сиёсати ягонаи давлатӣ.

**Объекти тадқиқот** маҷмуи сайёҳии минтақавӣ, инфрасохтори сайёҳӣ ва операторони сайёҳӣ мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оид ба амсиларонии рушди маҷмуи сайёҳӣ дар минтақа бо назардошти рақобат дар бозори сайёҳӣ ва истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ ташкил менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Амсиласозӣ ва оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ таъмин мегардад агар: мафҳумҳои маҷмуи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва потенсиали сайёҳӣ муайян ва арзёбӣ гардад; мавқеи соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва таъсири иҷтимоӣ - иқтисодии он ба ҷамъият муайян гардад; барои ҳалли масъалаҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ амсилаҳои иқтисодӣ - математикии ҷойдошта, ё такмилнамудани онҳо, ё коркарди амсилаи зарурии иқтисодӣ-математикӣ вобаста аз натиҷаи таҳлили амсилаҳои рушди сайёҳӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ асоснок ва мавриди истифода қарор дода шаванд; амсилаи тавсияшуда, вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаҳоро дар соҳаи сайёҳӣ таъмин намояд; барои дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас тавсия гардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии тадқиқотро асарҳои фундаменталии олимони шинохтаи иқтисодшиносони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи амсиласозӣ ва рақамигардонии иқтисодиёт ва инчунин дар соҳаи сайёҳӣ ташкил

додаанд. Махсусан, омӯзиши консепсияҳои илмии мактабҳои муосири амсиласозии иқтисодӣ - математикии соҳаи сайёҳӣ мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмии таҳлил ва синтез, амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ, тадқиқоти эконометрикӣ, назарияи фоиданокӣ, назарияи оптималӣ гардонидани динамикӣ, муқоисаи статикии мувозинат ва таҳлили факторӣ мебошад.

**Сарчашмаи маълумотии** таҳқиқотро қарорҳо, консепсияҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо доир ба фаъолияти сайёҳӣ, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ, маводи омории Агентии омор оиди фаъолияти сайёҳӣ, маводи конфронсҳои илмию амалӣ, нашрияҳо дар матбуоти даврӣ, сарчашмаҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ, захираҳои тематикии интернет ташкил менамоянд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шудааст.

**Давраи иҷрои диссертатсия** солҳои 2018–2022-ро дар бар мегирад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия.** Навоварии илмии тадқиқот дар коркард ва ассосноккунии мукамалгардонии амсиласозии математикию иқтисодии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамигардонии иқтисодӣ мебошад. Натиҷаҳо ва навовариҳои муҳимтарини илмии бадастовардаи муаллиф инҳоянд:

- асосноккунии илмии муҳтавои маҳфумҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар;
- тавсифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такмили афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ. Амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ ва усулҳои математикӣ дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқ барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмуҳои сайёҳӣ асоснок пешниҳод шудааст;

- асоснок намудани унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ. Натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ ва дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиёд арзёби гардида, меёрҳои беҳтарин таҳияи амсилаҳои иқтисодию математикиро муйаян карда шудааст;

- тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, таъсир ва тақсимоти он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ. Ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрас шудан ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшуда ба комплекси сайёҳиро модели иқтисодию математикии оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳии пешниҳодшуда дар пуррагӣ дар бар мегирад;

- инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд;

- пешниҳод ва асоснок намудани нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ мебошад. Иқтидори азими сайёҳии Тоҷикистон ва вазъи воқеии маҷмааи сайёҳӣ ташаккули чунин сиёсатро ба зарурат табдил додааст. Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи муосири рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон тадбирҳои асосии дастгирии давлатии инкишофи маҷмааи сайёҳӣ коркард ва пешкаш шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:**

- муҳтавои мафҳумҳои сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар аниқ карда шудааст;

- тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ ва тақсимоти он дар заминаи вазъи муосири макроиқтисодӣ;

- асоснокнамоии унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ;
- таснифоти амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмӯи сайёҳӣ ва муайян намудани самтҳои такмили афзорӣ дар рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ;
- инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд;
- пешниҳод ва асоснок намудани нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии кор дар рушди минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди комплекси сайёҳӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи оптималӣ гардонидани динамикӣ, таҳлили фракталӣ дар ташаккул ва пешниҳоди як қатор хизматрасонӣ дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ва тақсимоти маблағҳои сармоягузорӣ барои рушди маҷмааи сайёҳӣ зоҳир мешавад.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** аз он иборат аст, ки амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои дар рисола таҳияшуда ба татбиқи стратегияи идоракунии рушди сайёҳӣ аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Амсилаи таҳиягардидаи иқтисодӣ-математикии рушди динамикии сайёҳӣ дар иқтисодиёти минтақа арзиши маҷмуи хизматрасонии сайёҳиро бо назардошти хусусиятҳои бозорҳои минтақавӣ ва миллӣ муайян менамояд. Ҳисобҳои таҷрибавӣ дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон доданд, ки амсилаи иқтисодӣ-математикии пешниҳодшуда муносиб ва амалан дар компютерҳои муосир қобили иҷро мебошад ва ба таври стандартӣ барномарезӣ шудааст. Усули рақамӣ гардонидани амсилаи зинабазинаи таҳияшуда имконияти истифодаи онро дар шуъбаҳои сайёҳӣ барои асоснок кардани суръат ва самтҳои рушди сайёҳӣ,

мушаххас кардани муқаррароти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои худ таъмин менамояд. Онҳоро дар ташкил ва такмили курсҳои макроэкономика, эконометрика, амсиласозии равандҳои макроиқтисодӣ ва тайёр кардани менеҷерони соҳаи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо истифода аз усулҳои муосири математикии оптималигардонӣ ва таҳлил, санҷиши таҷрибавии амсилаҳо, формулаҳои асосноки ҳисоб ва коркарди маълумотҳо дар мисоли мушаххас тасдиқ карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои тадқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мувофиқат мекунанд: 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳо додани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди маҷмуи сайёҳӣ ва дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ сахми муайян гузоштааст. Ҳангоми муайян кардани инкишофи амсилаи зинабазинаи рушди маҷмааи сайёҳӣ муаллиф маҷмуи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди маҷмааи сайёҳӣ ва сармоягузории нави фоида овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд.

**Санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот**. Ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияи таълимӣ-методии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир» бахшида ба соли

рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Хуҷанд-2018), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Душанбе-2020), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Барномаи саноаткунонӣ - омили рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ. Барои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯён.” (Бӯстон-2020), конференсияи байнидонишгоҳии илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни вилояти Суғд «Системаи иттилоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» (Хуҷанд-2020), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ” (Душанбе – 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ ва амали "Мушкилоти муосири математикаи амалӣ ва нақши математикии амалӣ ва нақши онҳо дар ташаккули ҷаҳони техникии ҷомеа" (Хуҷанд-2021) ироа карда шуданд. Дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда натиҷаҳои таҳқиқот ба чоп расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташкили хатҳои сайёҳӣ ва пешбинии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби сармоя ва тақсимоти асосноки он истифода шудааст: Натиҷаҳои тадқиқот дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар раванди таълими ихтисосҳои «Эконометрика», «Усулҳо ва амсилаҳои иқтисодӣ-риёзӣ» ва «Макроиқтисод» истифода шудаанд. Маълумотномаи татбиқи натиҷаҳо таҳти №1/16210 аз 26.11.2022 мавҷуд аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 5,6 ч.ч., аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, аз 175 саҳифаи матни чопӣ, 15 ҷадвал, 6 расм, замима таркиб ёфта, 151 номгӯи адабиёт истифода шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ АМСИЛАСОЗИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲӢ

## 1.1. Моҳияти мафҳум ва махсусияти сайёҳӣ

Сиёсати давлат дар танзими соҳаҳои хоҷагии халқ омӯзиши ҷиддии махсусият ва вежагиҳои инкишофи таърихӣ ва арзёбии вазъи ҳозираи соҳаи сайёҳиро тақозо мекунад. Таҳлили сайёҳӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ, дар ин банд муайян кардани моҳияти он, таъсири он дар макро ва микросатҳҳо ҷой дода шудааст. Ба таври кофӣ муайян набудани мафҳумҳо зарурати таҳқиқи онҳо, алалхусус мафҳумҳоеро, ки бештар дар соҳаи сайёҳӣ истифода мешаванд, ба миён меоварад.

Умуман, соҳаи сайёҳӣ, ҳатто дар миқёси ҷаҳонӣ, аз назари таърих соҳаи нисбатан ҷавон мебошад. Танҳо дар даҳсолаҳои охир барои омӯзиши он, тадқиқи он таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Бо назардошти рушди босуръати сайёҳӣ дар соҳаи саноат, таъсири бевоситаи он ба иқтисод ва соҳаи сайёҳӣ норасоии зиёд, аз ҷумла набудани тадқиқоти илмӣ ва барномаҳо ба назар мерасад.

Байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳуми сайёҳӣ ва моҳияти он қабул нашудааст. Методҳои илмӣ ва маърифати имрӯза баррасии ин мафҳумҳоро аз назари пешравии илми иқтисод имкон медиҳад. Маънои ибтидоии истилоҳи туризм дар кишварҳои ғарб tourisme ё tour (аз забони фаронсавӣ) – сайр, сафар, фароғат дар вақти саёҳат аст. Дар забони тоҷикӣ дар баробари истилоҳи туризм калимаи сайёҳӣ ба кор меравад, ки аз решаи арабии соҳа / сиёҳа ба маънои сафар кардан гирифта шудааст [24,с.198]. Вожаи “сайёҳ” маънои сайёҳаткунанда, сафаркунандаро дорад ва мутаносибан калимаи “сайёҳӣ” раванди сафарро ифода мекунад.

Дар асри XIX сайёҳӣ дар натиҷаи табаддулоти саноатӣ дар Аврупо хусусияти иқтисодӣ касб мекунад. Шабакаи роҳҳои оҳан бунёд гардида, дар асоси иқтисоди нав саноати сайёҳӣ ташаккул меёбад. Дар ин марҳала муносибатҳои байналхалқӣ нисбатан мунтазам гардида, алоқаҳои тиҷоратӣ васеъ ба роҳ монда мешавад. Пайдоиши мафҳуми сайёҳӣ дар давраи эҳё рост ояд ҳам, танҳо дар охири асри XIX чун амали мустақил, ҳамчун бизнес роиҷ мегардад ва чун бозори соҳавӣ шинохта

мешавад. Коргоҳҳои рекламавӣ ва ширкатҳои сайёҳӣ, ки дар бозори соҳавӣ фаъолият мебаранд, бунёд мешаванд. Дар оғози асри XX талабот ба сайёҳӣ чун ба фаъолияти рекреатсионӣ-истироҳатӣ ва ташаккули сайёҳӣ меафзояд, ки ин воқеа инқилоби саноатӣ ном гирифтааст. Сайёҳӣ вақтгузаронии маърифатӣ, вале бе мақсад нест. Сайёҳӣ чунин намуди истироҳати зарурӣ мебошад, ки шахс он чизҳоеро, ки дар ҷойи зисти худ ё дар шаҳри саноатии муосир пайдо намекунад ва аз онҳо маҳрум аст, ба даст меоварад.

Бояд ба рушди сайёҳӣ дар нимаи дувуми асри XX таваҷҷуҳ намоем. Он, пеш аз ҳама, вобаста ба рушди нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ, баҳрӣ ва роҳи оҳан сурат мегирад. Аз тарафи дигар, барои беҳтар кардани вазъияти иҷтимоию сиёсӣ, ба роҳ мондани ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон вобаста аст. Дар натиҷа сайёҳӣ чун соҳаи мустақили иқтисодӣ шинохта мешавад. Бояд гуфт, ки мунтазам ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳон ба ҳамаи давраҳо рост меояд [125,с.136].

Бо гузашти вақт дар натиҷаи муошират мафҳуми сайёҳӣ низ тағйир меёбад. Дар конференсияи байналмилалӣ оид ба амали сайёҳӣ (1992) он чунин таъриф шудааст: Сайёҳӣ сафари на беш аз 12 моҳ буда, бо мақсади дилхоҳ ба истиснои машғул шудан бо фаъолияти пардохтшаванда пешниҳод гардидааст.

Дар Эъломияи Гаага омадааast, ки: “сайёҳӣ ҳама гуна ҷойивазкунии озоди одамон аз маҳалли истиқомати доимию кори онҳо, ҳамчунин, соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи дар натиҷаи ин ҷойивазкунӣ ба миён омада, таъсис ёфтааст” [33,с.135].

Ҷон Уоркер – профессори амрикоӣ дар ин ҷода андешаи дигар дошта, ӯ сайёҳиро ба илм ва ё санъат монанд кардааст. Ҳамчунин, сайёҳӣ чун хизматрасонӣ ба одамони муқимии берун аз ҷои истиқомат, муваққатан қарор доранд, таъриф ёфтааст. Ин соҳаи махсуси хоҷагӣ ё бозоре мебошад, ки талаботи чунин шахсонро бо молу дигар хизматрасонӣ қонеъ мегардонад. Чунин бармеояд, ки сайёҳӣ ҳамчун намунаҳои сотсиалӣ, ҳифзи табиат, техникию фарҳангӣ якҷоя бо иқтисод дастрасии истироҳатро дар вақти фароғат таъмин менамояд [9, с.223].

Аз тарафи дигар, соҳаи сайёҳӣ иқтисоде аст, ки фаъолияти иштирокчиён ё ташкилотчиёнро дарбар мегирад. Чунин фаъолият бояд идора карда шавад. Аз ин нуқтаи назар чунин таъриф низ ҷой дорад: "Сайёҳӣ зуҳуроти маҷмуии соҳаи хоҷагии халқ, намуди фаъолияте мебошад, ки ба талаботи одамоне, ки аз ҷойи зисти доимиашон муваққатан барои истироҳат, солимгардонӣ, фаъолияти маърифатӣ ва тиҷорат берун рафтаанд, мутобиқат мекунад" [53,с.644].

Аз таърифҳои таърихи сайёҳӣ, ки овардаем, чунин нуқтаҳоро бояд махсусан қайд кард:

- иваз кардани маҳал бо мақсади сайёҳӣ;
- ҷой гирифтани ҳатмӣ берун аз макони истиқоматӣ ва иҷрои амалҳое, ки аз ҳаррӯза маъмулан фарқ доранд;
- ҷойивазкунии кӯтоҳмуддат ё муваққатӣ бо мақсади муайяни сафар, маблағгузории ҳатмии сафар.

Чунин андешаҳо дар ҳамаи таърифҳо ҷой дода шудаанд ва асоси онро ташкил медиҳанд. Дар айни замон, таърифҳои мазкур аз лиҳози мансубияти соҳавии мафҳуми сайёҳӣ фарқи назаррас доранд. Сайёҳиро чун тарзи фаъолият ё ҳаёт қабул менамоянд. Сайёҳӣ чун намуди истироҳат дар варзиш низ ҷой дорад.

Дар баъзе мафҳумҳо соҳаи сайёҳӣ чун як қисми бозори хизматрасонӣ маънидод шудаанд, ки чунин таърифи сайёҳӣ ба чаҳор қисми таркибии ҳамагуна бозор такя мекунад. Дар навбати аввал ин хизматрасонии мусофирон, истеъмолкунандагон ва талаботи онҳо мебошад. Ба ин бояд истеҳсолкунандагони хизматҳои сайёҳӣ ва пешниҳодкунандагони онро низ ҳамроҳ кард.

Дигар намуди қабули соҳаи сайёҳӣ дар ин мафҳумҳо чун илм ва санъат, қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон дар давраи фароғат аст. Ва дар охир қабул намудани соҳаи сайёҳӣ дар мафҳумҳо чун соҳаи иқтисодӣ мебошад.

Дар натиҷаи ташхиси ин мафҳумҳо ва таърифҳои олимони ватанӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки аксари муаллифон сайёҳиро нисбатан маҳдуд маънидод кардаанд. Аммо таърифҳое, ки дар онҳо сайёҳӣ чун соҳаи истироҳат, истеҳсолкунандагони фароғати сайёҳӣ ва захираҳои сайёҳӣ маънидод шудаанд, ба таври зарурӣ инкишоф наёфтаанд.

Барои бартараф намудани чунин фаҳмиши сайёҳӣ бояд дар таърифи он талабот ва пешниҳод, қисми таркибии низоми муносибатҳои иқтисодии миллӣ ва ҷаҳонӣ будани сайёҳӣ ҷой дода шавад. Аз ин нуқтаи назар, чунин таърифи мафҳуми сайёҳӣ пешниҳод мешавад: сайёҳӣ соҳаи хоси иқтисодӣ буда, фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро дар самти пешкаш намудани маҷмуи хизматрасонии сайёҳӣ ва фурӯши хатҳои сайёҳӣ дарбар мегирад.

Он маконҳоеро, ки маҳсулот барои сайёҳон ва молҳои сайёҳӣ истеҳсол мекунанд, корхонаҳои сайёҳӣ меноманд. Ҳуқуқи сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз таърифи сайёҳон амалӣ карда мешавад. Ин таъриф ба маҳсулоти сайёҳӣ аз мавқеи истеҳсолгарон баҳо медиҳад. Дар адабиётҳо таърифи дигари маҳсулоти сайёҳӣ дучор мешавад, ки дар он маҳсулоти мазкур аз мавқеи моҳияти иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Масалан, аз нигоҳи В.Сенин, маҳсулоти сайёҳӣ "маҷмуи арзишҳои истеъмолӣ ва хадамоти ғайримоддие аст, ки барои қонеъ гардидани талаботи дар давраи сайёҳат ба вуҷуд омада ва ба он боис гардида заруранд" [119,с.400]. Камбудии ин таъриф, ба назари мо, дар он аст, ки он мафҳуми маҳсулоти сайёҳиро бо арзишаш, ки аз ҳосили ҷамъи таркибҳои он ташаккул меёбад, пайванд наменамояд ва байни мафумҳои маҳсулоти сайёҳӣ ва моли сайёҳӣ фарқ намегузорад. Таърифи В.Сенинро, ба назари мо, пурра кардан мумкин аст: маҳсулоти сайёҳӣ хидматҳои алоҳидаи сайёҳӣ ё бастаи сайёҳӣ аст, ки дар давраи саёҳат (сафар) ба вуҷуд меоянд ва маҳз ҳамин саёҳат ба пайдоиши онҳо боис гардидааст.

Аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда, фаъолияти корхона ё шахси алоҳида, ки ба он қонеъ намудани талаботи сайёҳ дар вақти саёҳат равона мебошад, ба назар гирифта шудааст. Дар дигар таъриф, хизматрасонии сайёҳӣ аз нуқтаи назари талабот ба миён омадааст. Аз ҷумла, А.Колесник он соҳаи махсуси хизматрасониро, ки барои қонеъ ва амалӣ намудани ҳадафи сайёҳон дар вақти фароғат равона шудааст, хизматрасонии сайёҳӣ меномад.

Бастаи сайёҳӣ маҷмуи хизматрасонии сайёҳӣ, саёҳат ва сафар аст, ки дар асоси инфиродӣ ё дастаҷамъӣ аз рӯйи хатсайру барномаи муайян бо бронкуниҳо ва харидани чиптаҳои сафар ташкил карда мешавад. Албатта, дар чунин хизматрасонӣ

ҷой гирифтан дар меҳмонхона, хӯрок, суғурта, экскурсия ва бо монанди инҳо ба этибор гирифта мешавад.

Ба фикри мо, маҳсулоти сайёҳӣ ва моли сайёҳӣ мазмуни ягона надоранд. Ин дар қонун низ пурра дарҷ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, аз чӣ иборат будану нишон додани фарқи ин ду мафҳум зарур мебошад.

Аз рӯйи мантиқ моли сайёҳӣ натиҷаи меҳнати истеҳсолгарони соҳаи истеҳсолот мебошад, албатта, он қисми маҳсулотест, ки барои харидории сайёҳон равона шудааст.

Бо назардошти ин мафҳум ва таърифи сайёҳӣ рушди сайёҳӣ ба сифати яке аз муҳимтарин омилҳои рушди сатҳи молиявӣ ва рушди мамлакат баромад мекунад. Зиёда аз ин, ҷойҳои кории шавқовар дар таъминоти шуғли аҳолӣ низ ба нақша гирифта шудааст. Сайёҳӣ дар як вақт чун омили рушди соҳаҳои савдо, нақлиёт, алоқа, меҳмонхона, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

Соҳаи сайёҳӣ соҳаи пурсамари иқтисодӣ аст. Таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ чун ИМА ва Фаронса нишон медиҳад, ки монанди истихроҷи нафту газ ва истеҳсолу фурӯши аслиҳа имрӯз манфиатнокии соҳаи сайёҳӣ ба исбот расида, рақобати бомуваффақияти он бо чунин соҳаҳои самараноке чун нафту газ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

Муҳим он аст, ки сайёҳӣ на танҳо дар минтақаҳои алоҳида, балки дар кулли мамлакат чун соҳаи самараноки иқтисодӣ мебошад. Зиёда аз он, дар ҳолати рушди соҳаи сайёҳии миллӣ метавонад дар бозори ҷаҳонӣ иштирок намояд. Якҷоягии манфиатнокии иқтисодиро бо ҳадафи рушди иҷтимоӣ сайёҳӣ чун соҳаи махсус таъмин менамояд. Гирифтани даромад дар сатҳи микро ва макро иқтисодӣ, хидмат ба манфиатҳои инсон ва умуман, ҷамъият якҷоя сурат мегирад.

Ба воситаи ташхиси мақсаду маром ва сохтори элементҳо метавон моҳият ва мундариҷаи сайёҳиро чун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ муайян намуд. Гирифтани фоида аз қонеъ гардонидани талаботе аст, ки дар инсони муваққатан дар ҷойи истиқомати доимиаш набуда пайдо мешавад ва ин мақсади сайёҳӣ барои истеҳсолкунанда маҳсулоти сайёҳӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари истеъмолгар, мақсади сайёҳат гуногун аст ва амалан ҳамаи тарафҳои ҳаёти ҷамъиятро дарбар мегирад: истироҳати фаъол, иштирок дар мулоқоти корӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, қонеъ гардонидани шавқу рағбати варзишӣ, солимгардонӣ, тарбиявӣ, мазҳабӣ, экологӣ, таърихӣ, меъморию шаҳрсозӣ, адабию бадей, таълимӣ ва завқи махсус мебошад.

Аз ин ҷиҳат сайёҳӣ манбаи даромади миллии соҳаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати аввал тавлид ва тақсими такрории даромади миллӣ ба воситаи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳӣ ба амал меояд. Ҳуқуқи истеъмоли хизматрасониҳо, маҳсулотҳоеро талаб менамояд, ки соҳаи сайёҳӣ надорад. Ин гуна хизматҳо дар дигар соҳаҳо истеҳсол мешавад. Дар ҳамин махсусияти соҳаи сайёҳӣ, ҳамчун соҳаи хоса зоҳир мешавад.

Дар микросатҳ махсусияти сифатии сайёҳӣ вежагиҳои фаъолияти соҳибкориро муайян менамояд, монанди истеъмоли мол, маҳсулоти сайёҳӣ, моли сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, бастаи сайёҳӣ ва ғайра. Объекти сайёҳӣ на мол, балки истеъмолкунандаи мол аст. Ба ибораи дигар, объект сайёҳ ва талаботи он мебошад. Субъекти сайёҳӣ корхонаи сайёҳӣ (фирмаи сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ) аст.

Таърифи мафҳумҳои сайёҳ ва захираи сайёҳӣ дар моҳияти сайёҳӣ зоҳир мешавад [112,с.17]. Г. Карпова дар асараш таҳлили муфассали мафҳуми сайёҳиро овардааст. Агар шахс бо ташкилоти саёҳатӣ бо мақсади сафари сайёҳӣ шартнома баста бошад ва арзиши онро пардохт намояд, чунин шахси воқеиро Т.Борисов сайёҳ медонад. Боз дар назар дошта шудааст, ки ба дигар шаҳр ё мамлакат бо мақсади ҳаловату лаззат, истироҳат, рухсатӣ, солимгардонӣ, варзишӣ, зиёрат, таҳсилот, конференсия сафар намояд. [59,с.412].

Мувофиқи таърифи Ю.Соколов, “сайёҳ шахси дилхоҳ - новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва мазҳаб аст, ки ба қаламрави ягон давлат, ба ғайр аз мамлакате, ки ин шахс маъмулан дар он ҷо истиқомат дорад, ворид мешавад ва дар он ҷо ҳадди ақалл 24 соат ва ҳадди аксар шаш моҳ дар давоми давраи 12-моҳа бо мақсадҳои миҷоз, ғайр аз муҳоҷират аз рӯйи вазъияти оилавӣ ё ба мақсади саёҳат, хушгузаронии вақт, варзиш, муолиҷа, таълим, зиёрати мазҳабӣ ва ё бо мақсадҳои корӣ буду бош мекунад” [122,с.168].

Ба таърифи сайёҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон низ махсусан таваҷҷуҳ шудааст. “Туризм шуғле аст, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои хаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути сайёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ ба роҳ монад ” [9,с.228].

Мо чунин меҳисобем, ки таърифи мафҳуми “сайёҳ” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба сайёҳӣ” нисбатан кӯтоҳ аст, лекин ворид сохтани иловаҳоро тақозо менамояд. Мо иловаи зеринро пешниҳод мекунем:

“ ..... ва бо агентии сайёҳат оид ба сафари сайёҳӣ қарордод баста, арзишашро пардохт кардааст”.

Объектҳои намоишӣ, таҳқиқи омилҳои сайёҳӣ ва дигар объектҳои нишондиҳӣ, ки метавонад инкишофи нерӯҳои ҷисмонӣ ва дигар талаботи маънавии одамонро қонеъ мегардонад, захираи сайёҳӣ ҳисобида мешавад.

Дар соҳаи сайёҳӣ дигар мафҳумҳое ҷой доранд, ки мо онҳоро мавриди истифода қарор медиҳем. Дар навбати аввал ин инфрасохтори сайёҳӣ дигар бозори сайёҳӣ, минтақа ва агентии сайёҳӣ низ ба эътибор гирифта шудааст. Вобастагӣ ё, аниқтараш, ҳамкории чор унсури асосии бозори сайёҳиро ифода менамояд.

Дар навбати аввал нарх ва рақобат дар пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, умуман, талаботи сайёҳӣ мақоми махсус дорад. Бартарии хизматрасонӣ яке аз хусусиятҳои асосии бозори сайёҳӣ мебошад. Дигар хусусияти ин бозор тақсим шудани сохтори он ба се қисми асосӣ аст: якум, хизмату молҳое, ки барои сайёҳ пешниҳод карда мешавад (шабгузаронӣ, хӯрду хӯрок ва фароғат). Дигар, хизмату молҳои якдафъаина, ки ба сайёҳҳон барои истеъмоли ҷорӣ ва оянда пешниҳод карда мешавад. Албатта, ин се қисми ҷудонашаванда мебошад ва баръакс якдигарро пурра мегардонад.

Вежагиҳои рекриатсионӣ, маърифатӣ ва корӣ дар таркиби ин қисмҳо дучор мешаванд. Ин вежагиҳо намудҳои сайёҳӣ ва моҳияти онро муайян мекунанд. Бояд дар таркиби талаботи сайёҳӣ ду сатҳро фарқ кард. Мамлакатҳои мутараққӣ, ки урбанизатсиягии баланд доранд ва қисми зиёди талаботи ҷаҳониро ҷалб менамояд

ва генератори асосии талаботи сайёҳӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Ин, асосан, дар мамлакатҳои Ғарб мебошанд.

Нишондиҳандаҳои зиёде, монанди ҷойи зист, сатҳи маълумот, сатҳи молиявӣ, доштани нақлиёт ва синну соли сафаркунанда дар сайёҳӣ ба таври алоҳида вобаста мебошанд. Нисбат ба ҳавасмандгардонӣ ба сайёҳӣ барои гурӯҳҳои камдаромад талаботи инфиродии сиёсати давлат таъсири хосса дорад.

Ба ҳолати муосири бозори сайёҳӣ афзоиши нақшаи сегментатсияи бозор, афзоиши аҳаммияти ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои бозор ва тақвияти равандҳои монополиягӣ хос аст.

Дар соҳаи сайёҳӣ ду намуди ташкилотҳои сайёҳӣ - операторҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Оператори сайёҳӣ ташкилоте мебошад, ки ба ташкил ё комплектатсияю фурӯши саёҳат ё танҳо омода кардани маҳсулоти сайёҳӣ машғул мешавад. Ташкилоте, ки рекламаҳо, хатсайрҳоро кор карда, ба онҳо нарх мегузорад ва иҷрояшро ба хизматрасонӣ пурра менамояд, оператори сайёҳӣ номида мешавад. Пас, барои ба фурӯш баровардан роҳхатҳо ба агентҳои сайёҳӣ дода мешавад. Ҷавобгарии иҷрову хидматҳо дар роҳхатҳо пурра дар уҳдаи оператори сайёҳӣ мебошад. Оператор ин хизматҳоро ё мустақилона (агар соҳиби меҳмонхона, тарабхона ва ғайра бошад) ё ба воситаи контрогенҳо, дар аксари ҳол тавассути дигар агентҳо пешниҳод карда метавонад. Оператороне, ки сайёҳатро таҳия карда аз ташкилот харидорӣ менамояд ва то истеъмолкунанда мерасонанд, агентиии сайёҳӣ номида мешавад. Ин ду вежагиро оператори сайёҳӣ метавонад якҷоя кунад, яъне фурӯшро низ ба уҳда гирад.

Сайёҳӣ хусусияти фазогӣ низ дорад, ки дар сатҳи макро иқтисодӣ муайян карда мешавад. Ин, пеш аз ҳама, масъалаи молию пулӣ аст, ки ба сайёҳ вобаста мебошад. Дигар минтақаи сайёҳӣ, маконе мебошад, ки бевосита ҷойи саёҳат ба ин вобаста аст.

Дар байни олимон оид ба ҷудо кардани “саноати сайёҳӣ” ва “инфрасохтори сайёҳӣ” баҳсу мунозираи хеле шадид идома дорад. Масалан, Ю.Соколов истилоҳи, саноати сайёҳиро “маҷмуи мустақили калони хоҷагидорӣ, ки аз гурӯҳҳои соҳаю

корхонаҳо иборат аст ва вазифаи он қонеъ гардонидани талаботи гуногун ва рӯзафзун ба намудҳои мухталифи истироҳат ва хушгузаронии вақти холӣ мебошад", маънидод кардааст [122,с.168].

Таърифҳои дар боло зикргардидаро ба назар гирифта, бояд қайд кард, ки индустрияи сайёҳӣ, бахши сайёҳӣ пешниҳоди маҳсулоти маҷмӯии сайёҳӣ ва хизматрасониҳои туристии истеҳсолкардаи субъектҳои бозори сайёҳӣ мебошад. Дар ҳоле, ки бозори хидматрасонии сайёҳӣ мафҳуми маҷмуиест, ки мафҳумҳои қаблиро дар худ фаро мегирад.

Инак, Л.Ю. Красавцева қайд менамояд, ки бозорҳои миллии сайёҳӣ «...низомҳои аз ҷониби давлат танзимшавандае мебошанд, ки дар онҳо сохторҳои бозорӣ ташаккул меёбанд ва амал мекунанд, ки фаъолияти онҳоро соҳаи сайёҳии сатҳи муайяни рушд таъмин менамояд...» [54,с.136-143]. Рушди устувори бозори сайёҳӣ, ба ақидаи И.З. Жук, «... бо тараққиёти муътадили соҳаҳои дигари иқтисодиёт вобаста буда, пешниҳодро бо роҳи фаъолияти пурсамари саноати сайёҳӣ таъмин менамоянд» [55, с.190].

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм омадааст. "Саноати туристӣ маҷмуи меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиршавӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ, тамошо, шиносоӣ, хизматӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва воситаи таъиноти дигар, ташкилотҳое, ки танзими туризм ва агентии туристиро амалӣ месозанд." Таърифи мазкур бештар ба инфрасохтори сайёҳӣ мувофиқ меояд [3].

Аз нигоҳи нисбатан васеъ саноати сайёҳиро чун маҷмуи хоҷагии халқ маънидод намуда, қисмҳои зерини онро бояд қайд кард. Дар навбати аввал ба он воситаҳои мусофиркаш бо ҳамаи намудаш ва шабакаи васеи худ дохил мешавад. Дигар, муассисаҳо ва корхонаҳои тахассусиеанд, ки бевосита барои соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ нашуда, аммо хидмат мерасонад, ба монанди нуқтаҳои хӯроки умумӣ, корхонаҳои армуғонбарорӣ, сохтмонӣ ва монанди инҳо. Саноати сайёҳиро соли 1988, асосан, олими немис В.Фрейер пешниҳод карда буд. Ӯ саноатро аз нуқтаи назари классикӣ баррасӣ карда онро аз истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот ва истеҳсоли предметҳои истеъмолот иборат медонад [25,с.768].

- бозори сайёҳӣ ба маънои маҳдуд - хизматҳои типи сайёҳӣ;
- бозори сайёҳӣ ба маънои васеъ - хизматҳои типи сайёҳиро корхонаҳои ғайри типӣ истеҳсол мекунанд;
- бозори беруна – дар чунин бозорҳо молу хизматҳое пешкаш мегардад, ки махсусан барои сайёҳон пешбинӣ нашудаанд, монанди сартарошхона, финикулёр, театр, кино ва ғайра.

Сохтор ё таркиби сайёҳӣ, ки дар ҷадвали 1.1.2. оварда шудааст, хеле гуногун мебошад. Ба он корхонаҳои сершуморе дохил мешаванд, ки мумкин байни ҳам алоқа надошта бошанд, вале дар якҷоягӣ маҷмуи бузурги истеҳсолиро ташкил мекунанд, пойгоҳӣ моддию техникӣ, ашёи хом ва нерӯйи кориро муттаҳид месозад ва онҳо дар соҳаи сайёҳӣ хизматҳои гуногун мерасонад.

Ба ин хизматрасониҳо, ҷойгир кардани сайёҳон, бо озуқа таъмин кардани онҳо, ҳамлу нақли онҳо, хизматрасонии рекламавӣ, хизматрасонии агентиҳои сайёҳӣ оид ба фурӯш, хизматрасониҳо доир ба фарҳанг ва қонеъ гардонидани талаботи фароғатӣ ё илмии сайёҳон, муассисаҳои савдои фаъолияташон ҳам махсус ва ҳам умум тааллуқ доранд. Ҳамзамон хизматрасонии маҷмааи сайёҳӣ, ҳифзи табиат, таърихи меросӣ, хизматрасонии назоратӣ, маъмурӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ низ ба назар гирифта шудааст. Т.И. Ткаченко чунин мешуморад, ки дар соҳаи сайёҳӣ «...ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳамаи корхонаю ташкилотҳоеро, ки ба сайёҳон дар доираи соҳаи муайян ё як намуди фаъолияти хочагидорӣ машғуланд, истеҳсол, фурӯш ва истеъмоли молҳои гуногунро ташкил мекунанд, дохил карда мешаванд, сарфи назар аз нақши сайёҳӣ дар ташаккули даромади ин корхонаҳо» [58,с.49-52].

Ба назари мо, имрӯз ба ҷадвали Фрейер иловаю таҳрирҳои зарурӣ дохил намудан лозим аст. Аз ҷумла, чудо кардани таърифи мафҳуми “инфрасохтори сайёҳӣ” ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар асоси таърифи классикӣ мо аз мафҳуми “инфрасохтори сиёсӣ” маҷмуи иншоот, биноҳо, низомҳо ва хадамот барои амалкарди соҳаҳои истеҳсоли моддӣ ва таъмини шароити фаъолияти ҳаётию ҷамъиятии зарурииро мефаҳмем, ки барои мо ва қонеъ гардидани талаботи сайёҳон зарур аст [25,с.863].

Иловаҳое, ки барои шарҳи истилоҳи “саноати сайёҳӣ” лозим шуморидем, дар ҷадвали 1.1.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.1.1. -Тақсимоти корхонаҳои саноати сайёҳӣ**

| Саноати сайёҳӣ ба маънои аслии калима. Корхонаҳои типии сайёҳӣ | Саноати сайёҳии иловагӣ. Корхонаҳои махсус | Саноати сайёҳии канорӣ. Корхонаҳое, ки то як дараҷа ба сайёҳӣ вобастаанд |
|---|---|---|
| Корхонаҳои ҷобаҷокунии сайёҳон; Нақлиёт (роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ, баҳрӣ); Операторони сайёҳӣ; Агентиҳои сайёҳӣ; Истироҳатгоҳҳо; Иттиҳодҳо, ассотсиатсияҳо ва мақомоти давлатӣ оид ба танзими рушди сайёҳӣ; Ташкили конгрессҳо; Ширкатҳое, ки намоишу ярмаркаҳо ташкил мекунанд. | Истеҳсоли армуғонҳо, молҳо барои истироҳат; Мошинсозӣ (автомобил, мотосикл ва ғайра); Нашри адабиёт оид ба сайёҳӣ (феҳристҳо, буклетҳо, харитаҳо ва ғайра); Истеҳсоли дорую дармон, соҳаи хизматрасонӣ; Хизматрасонии экскурсионӣ, роҳба-ладҳо, ташкили вақтхушӣ, рӯзнома-нигорон, ҳаммолон; Ниҳодҳои кре-дитӣ (мубодилаи асъор, кортҳои кредитӣ); Ширкатҳои суғуртавӣ; Иҷорадиҳии лавозимоти сайёҳӣ; Муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёрии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ; Ниҳодҳои тадқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ; Намояндагиҳои дипломатӣ (додани раводид). | Истеҳсолот; Молҳои варзишӣ; Либос (барои истироҳату саёҳат); Молҳои дастгоҳҳои аккосӣ; Воситаҳои косметикӣ; Дорую дармон; Соҳаи хизматрасонӣ. Корхонаҳои хӯроки ҷамъиятӣ (қаҳвахона, тарабхона, бар ва ғайра); Сартарошхона; Хизматҳои мураббиҳо. Лифт – фуниклерҳои лижаронӣ дар кӯҳ. Муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ (театр, кино, литсей, музей ва ғайра); Хизматрасониҳои тиббӣ. |

*Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Чӣ тавре ки зикр гардид, солҳои охир дар бозори сайёҳӣ сегментатсия меафзояд, ки ба афзоиши тафриқабандии талаботи муштариён алоқаманд аст. Имрӯз сайёҳӣ якнамуда нест, аз ин сабаб таснифи сайёҳӣ чун талаботи амалӣ ба миён меояд. Дар иҷрои гурӯҳбандии шаклҳои сайёҳӣ бояд чунин нишондиҳандаҳоро истифода бурд, ки инъикоскунандаи мақсадҳои муайяни амалӣ бошад.

Сайёҳии дохилӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм, чун ташкили сайёҳати истиқоматкунандагони доимӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод шудааст [3].

Бояд қайд намуд, ки ҳама намуди сайёҳӣ, ки дар поён ҷудо шудаанд, вобаста аз махсусияташон ҷиҳати танзим аз ҷониби давлат ва таваҷҷуҳи хоса ниёз доранд.

**Ҷадвали 1.1.2. -Тақсимоти корхонаҳои саноати сайёҳӣ ва таркиби саноати сайёҳӣ**

| Саноати сайёҳӣ ба маънои аслии калима. Корхонаҳои типии сайёҳӣ | Саноати сайёҳии иловагӣ. Корхонаҳои махсуси сайёҳӣ | Саноати сайёҳии канорӣ. Корхонаҳое, ки то як дараҷа аз сайёҳӣ вобаста мебошанд |
|---|---|---|
| Корхонаҳои ҷобаҷокунии сайёҳон; Нақлиёт (роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ, баҳрӣ); Операторони сайёҳӣ; Агентиҳои сайёҳӣ; Истироҳатгоҳҳо; Иттиҳодҳо, ассотсиатсияҳо ва мақомоти давлатӣ оид ба танзими рушди сайёҳӣ; Ташкили конгрессҳо; Ширкатҳое, ки намоишу ярмаркаҳо ташкил мекунанд; Соҳаи хизматрасонӣ; Хизматҳои воситаҳои ҷобаҷокунӣ. Хизматҳои корхонаҳои хӯроки умумӣ (қаҳвахона, тарабхона, бар ва ғ.); Хизматҳо оид ба ҳамлу нақл. | Истеҳсолот; Армуғон; Молҳо барои истироҳат; Молҳои варзишӣ; Либос (барои истироҳат ва сайёҳат); Маҳсулоти хӯрока. Нашри китобҳо оид ба сайёҳӣ (феҳристҳо, буклетҳо, харитаҳо ва ғайра). Истеҳсоли дорую дармон, Соҳаи хизматрасонӣ; Хизматрасониҳои экскурсионӣ, роҳбаладҳо, ташкили хушгузаронии вакт; Хизматҳои тиббӣ; Хизматҳои технологияи муосири иттилоотӣ. Воситаҳои алоқа. Воситаи ахбори омма; Ҳаммолон. Ниҳодҳои кредитӣ (мубодилаи асъор, кортҳои кредитӣ); Ҳисобукитоби молиявӣ; Ширкатҳои суғуртавӣ; Муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёрии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ; Ниҳодҳои тадқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ; Намояндагиҳои дипломатӣ (додани раводид) | Истеҳсолот; Таҷҳизот; Мошинсозӣ (автомобил, мотосикл ва ғайра); Сохтмони корхонаҳои ҷобаҷокунӣ ва таҷзияи сайёҳон; Молҳо барои аккосӣ; Воситаҳои косметикӣ; Дорую дармон; Соҳаи хизматрасонӣ. Хизматҳои сартарошхона. Хизматҳои мураббиён. Лифт-фуникулерҳои лижаронӣ дар кӯҳ. Муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ (театр, кино, литсей, музей ва ғайра); Иҷорадиҳии таҷҳизоти сайёҳӣ; Хизматрасонии коммуналию маишӣ. Хизматрасонии аккосӣ. Хизматрасонии казино. Толорҳои билярдбозӣ. Толорҳои варзишӣ. Хизматрасониҳои таваққуфгоҳҳои мошинҳо, таъмиру иҷорадиҳии мошин, шустушӯи мошин, таъминоти нақлиётӣ |

*Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Дар раванди истеҳсолӣ-хизматрасонии сайёҳӣ, шаклҳои сайёҳӣ, намудҳои сайёҳӣ, навъҳои шаклҳои сайёҳиро ҷудо мекунанд [16,с.176]. Шакли сайёҳӣ аз марзи мамлакати худ гузар кардани сайёҳ вобаста аст. Асоси ба шаклҳо ҷудо кардани сайёҳиро аломати кишварӣ - сайёҳии дохилӣ ва сайёҳии байналхалқӣ ташкил медиҳад. Сайёҳии дохилӣ – сайёҳии ватанӣ аст, яъне саёҳат дар дохили мамлакати худ. Баъзе мамлакатҳо таърифи худи сайёҳии дохилиро муайян мекунанд. Масалан, тибқи таърифи дар Канада қабулшуда, ҳаракат аз маҳалли истиқомати доимӣ ба маҳалли таъинот, агар масофа аз маҳалли истиқомат 25 мил (40,24 км) дуртар бошад, сайёҳии дохилӣ ҳисоб мешавад.

Сайёҳӣ ё саёҳат берун аз ҷойи истиқомати доимӣ сайёҳии байналхалқӣ номида мешавад. Сайёҳии байналхалқӣ бо эътирофи меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ амалӣ мегардад [16,с.176].

Нуқтаи назари дар боло қайд гардидаро ба назар гирифта, мо шаклҳои сайёҳиро аз рӯи аломатҳои зерин тасвир менамоем. (нигаред ба расми 1.1.1)




**Расми 1.1.1. -Шаклҳои сайёҳӣ аз аломатҳои кишварӣ**

**Манбаъ: Таҳияи муаллиф**

Дар ин соҳа дар бобати татбиқи қонунгузориҳо мушкилот ба миён меояд. Мавҷудияти онҳо дар шартномаҳои байнидавлатии сайёҳӣ на танҳо вежагиҳои ин муносибатҳо, балки мураккабии танзими шартномавию ҳуқуқиро низ пешакӣ муайян мекунад. Сайёҳии байналхалқӣ вурудӣ ва хориҷӣ мешавад:

Сафар ба дигар мамлакат аз ҷониби шахсоне, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ доранд, сайёҳии хориҷӣ ҳисобида мешавад.

Сафари чунин шахсон дар доираи мамлакати мо сайёҳии вурудӣ мебошад.

Аммо дар муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо сайёҳии байналхалқӣ моҳияти хоса дорад. "Дар шароити инқилоби илму техника, инкишофи имконёбандаи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ, амиқрафти минбаъдаи тақсими байналхалқии меҳнат, тақвияти иртиботҳои фарҳангӣ, илмӣ, варзишӣ, тамосҳои дигари байни давлатҳо, ҷидду ҷаҳди халқҳо ба муошират ва бо истифодаи таҷрибаи

мамлакатҳои дигар ба вуҷуд овардани сарватҳои моддию маънавӣ, сайёҳии байналхалқӣ дар робитаҳои корию илмӣ инъикос меёбад. Гирдгардиши сайёҳии байналхалқӣ дар баробари дигар намудҳои робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, техникии давлатҳо омили муҳимми таҳкими эътимоду боварии мутақобила буда, ба ҳалли масъалаҳо, аз қабили нигоҳдории сулҳ, мустаҳкам кардани муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳо саҳми назаррас мегузорад" [17,с.176].

Аз нуқтаи назари ба расмият даровардан вобаста ба амалҳои сайёҳон намудҳои зерини сайёҳиро фарқ мекунанд:

- сайёҳате, ки бо миёнаравии ширкатҳои маҳсулоти сайёҳӣ амалӣ мегардад. Ин намуди сайёҳӣ тавассути қарордод бо агентии саёҳат ба сафари сайёҳӣ бо пардохти арзиши он ба расмият даровaрда мешавад;
- сайёҳии иҷтимоӣ – сайёҳате, ки аз ҳисоби маблағҳои аз тарафи давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ пардохт мешавад;
- сайёҳии худфаъолиятӣ – сайёҳат бо истифодаи воситаҳои нақлиётии худ, ки сайёҳон мустақилона ташкил мекунанд.

Роҳҳои инъикоси нишондиҳандаҳои молиявии сайёҳӣ аз буҷети давлат ё минтақа вобастагӣ дорад. Бо ин нишондиҳанда ду намуди шаклҳои сайёҳӣ маълум аст: фаъол ва ғайрифаъол.

Агар асъор ба мамлакат ё минтақа ворид гардад, сайёҳӣ фаъол мешавад, яъне сайёҳони хориҷӣ ё ватанӣ ба он ҷо ташриф меоранд. Дар акси ҳол, яъне агар асъор аз мамлакат берун равад, сайёҳӣ ғайрифаъол мегардад. Дар ин ҳолат шаҳрвандон аз ин минтақаи мамлакат ба давлатҳои дигар сафар мекунанд.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои хоса шаклҳои сайёҳӣ ба якчанд навъ тақсим мешаванд. Хусусияти ташкилоти сайёҳат, ҳадафи сайёҳат ё худ аломати синнусолӣ, давомнокии сайёҳат ва ба монанди онҳо чун нишондиҳандаҳои тақсимот баромад мекунад.

Тақсимоте, ки вобаста аз ҳадафҳо мебошад, аҳаммияти амалӣ дорад. Аз рӯйи ин нишондод чунин тақсимот ҷой дорад: истироҳати муолиҷавӣ (рекриатсионӣ),

маърифатӣ (таҳсилот ё фарҳанг), зиёрати ибодатгоҳҳо, илмӣ, сайёҳати корӣ (тиҷорат) ва варзишӣ [60,с.412].

Дигар намуди тавсифҳо низ дар таҳқиқоти муосир дучор мешаванд. Чунин тавсифҳо бештар барои мақомоти танзими сайёҳӣ муҳим мебошад. Нишондодҳои зерин асоси ин тавсиф мебошанд: дар мувофиқа ва вобастагӣ аз таркиби истеъмолкунандагон: аломат, синусол ва миқдор. Пешниҳоди маълумотии И.В.Зорин аз омӯзиши захираҳои истифодашаванда иборат мебошад, кӯҳӣ, баҳрӣ, кӯлӣ ва монанди онҳо [62,с.320]. Маълумоти аз тарафи Н.И.Кабушкин пешниҳодгардида аз шакли ташкили сайёҳат иборат мебошад [52,с.644].

Тавсифҳо аз рӯйи шакли ҳамкорӣ (бе асъор ва бо мубодилаи асъор аз ҷониби гурӯҳҳои сайёҳӣ) ва аз рӯйи омилҳое, ки талаботро ба сайёҳӣ меангезанд (маърифатӣ, минтақавӣ, иқтисодӣ, психологӣ) сурат мегиранд [16,с.176].

Аз тадқиқот ва ташхиси мафҳумҳо ва моҳияти он чунин хулосаҳоро баровардан мумкин аст. Шакл, намудҳо ва омилҳои ба рушди сайёҳӣ таъсиррасонанда чунин тасвир кардан мумкин аст (нигаред ба расми 1.1.2.).




**Расми 1.1.2. Шаклу намудҳои сайёҳӣ ва омилҳои таъсиррасон.**

**Манбаъ: таҳияи муаллиф.**

Тавсифҳо аз намудҳои таснифи сайёҳӣ вобастагии зиёд дорад. Мо чунин мешуморем, ки гуногунии таснифоти сайёҳӣ дар амалия бо ҷудо кардани сегментҳои хурд бо мақсади мутобиқшавӣ ва таҳияи барномаҳои махсуси маркетингӣ, ки хусусиятҳои истеъмолиро дар сайёҳӣ, хосатан талабот ва пешниҳодотро дар назар дорад, ки он сурат мегирад. Он, дар навбати худ, тавлиди ҳадафманди маҳсулоти сайёҳӣ ва пешбурди онро пешбинӣ ва мусоидат менамояд.

Аксари муаллифони ватаниву хориҷӣ сайёҳиро аз нуқтаи назари истеъмолкунанда ба маънои маҳдуд таъриф кардаанд. Чунин маънидод васеъ паҳн нашудааст. Бояд маънидоди яктарафаро мувофиқи талаботу пешниҳодот ба фикри мо бояд пурра кард. Ҳамчунин, зарур аст, ки таркибӣ будани сайёҳӣ ва муносибатҳои иқтисодии миллӣ ва ҷаҳонӣ ба эътибор гирифта шавад. Ба назари мо таърифи зерини сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ мебошад: соҳаи махсуси иқтисодӣ аст, ки фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро оид ба пешниҳоди маҷмуи фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳ, ки дар давраи омодагирӣ ба сайёҳат ва дар рафти сайёҳат (сафар) ба миён меояд, дарбар мегирад. Байни мафҳуми моли сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ тафриқа гузоштан ҳатмӣ аст.

Соҳаи сайёҳӣ чун соҳаи иқтисоди миллӣ хусусиятҳои хос дорад. Хизматрасониҳое, ки дар соҳаи сайёҳӣ пешкаш мегарданд, аслан истеҳсоли ин соҳа нест. Аммо аз тарафи сайёҳ, аз чумла чун маҳсулот истеъмол мешавад. Хислати хоси соҳа аз ҳамкории фаъолияти пешкашкунанда ва истеъмолкунанда иборат аст. Ин асоси амалӣ гардонидани воридоти усулҳои муосир ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки объекти сайёҳӣ мол набуда, балки истеъмолкунандаи он аст.

Ба мафҳуми “сайёҳӣ” муайянӣ ворид карда шуда, шаҳрвандоне, ки бо мақсадҳои варзишӣ, мазҳабӣ, маърифатӣ, солимгардонӣ ҷойи будубоши муваққатиро зиёрат мекунад, сайёҳ ном мегиранд. Сайёҳӣ фаъолияти музддор набуда, зиёрати сайёҳӣ аз 24 соат то шаш моҳ бояд давом кунад. Ҳатман бо корхонаи сайёҳӣ бояд шартнома баста, харҷи сафар пардохта шавад.

Таснифоти сайёҳӣ ба ҷудо кардани он ба намудҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки ба муносибати махсуси танзими онҳо аз ҷониби давлат эҳтиёҷ доранд.

## 1.2. Марҳалаҳои рушди сайёҳӣ ва махсусияти он

Афзоиши сайёҳат дар дохили Тоҷикистон то солҳои 90-уми асри XX равшан ва аён буд. Аммо нокифоягии афзоиши сайёҳатро ташхис нишон медиҳад ва бояд гуфт, ки он таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд ва назаррас аст.

Омилҳое ҳастанд, ки имрӯз рушди сайёҳиро муайян менамоянд. Дар навбати худ беҳтар гардидани сатҳи молиявии аҳолӣ, дурӯза шудани истироҳати ҳафтаина, дароз гардидани муҳлати рухсатии солона низ ба сайёҳӣ водор мекунанд. Кӯмаки иттифоқи касаба ба сайёҳон барои хариди роҳхат, роҳхарҷ низ мусоидат менамояд. Ва, дар охир, қувват ёфтани базаи моддии сайёҳӣ ва зиёд шудани меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳо боиси беҳтар гардидани инфрасохтори сайёҳӣ гардид.

Агар бо стандартҳои байналхалқӣ муқоиса намоем, он ҳоло ҳам дар сатҳи баланд намебошад, ки ин аз нокифоя ҷудо шудани воситаҳо маънидод мешаванд. Имрӯз сайёҳии иҷтимоӣ рушд ёфта, дар ин ҷода ба ғайр аз иттифоқҳои касаба дастгириҳои молиявии давлат низ ҷой доранд. Тақрибан то 60% нархи роҳхатҳо аз ҳамон манбаъҳо пардохт мешуданд. Дар таносуб сайёҳии дохилӣ ва байналхалқӣ мувофиқан чор бар якро ташкил медод, яъне миқдори сайёҳони дохилӣ чор маротиба зиёд буданд.

Ин, дар навбати аввал, аз ҷой доштани маҳдудияти зиёд ба сафарҳои хориҷӣ ва баргаштан ба мамлакат маънидод мегардад. Умуман, танзими онвақтаи давлатӣ ва идоракунии соҳа чунин буд. Дар натиҷа, маҳдудиятҳо боиси боздошти сайёҳии хориҷӣ ва дохилӣ гардиданд. Дигар норасоии асосӣ сифати пасти хизматрасониҳо, набудани механизмҳои бозорӣ ва гардиши озоди пул дар бозори сайёҳии Тоҷикистон буданд.

Давраи дигар солҳои 1990-1997-и асри гузаштаро дар бар мегирад. Дар ин давра вазъи моддии сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ бад гардид. Дар навбати аввал ин ба фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонӣ оварда расонид. Дигар ин норасоии иншоотҳои ҷобаҷокунӣ мебошад. Инфрасохторҳо аз инкишоф монданд. Ба таъмиру таҷдид аксари тахкурсиҳои моддии сайёҳӣ ниёз доштанд. Дар хориҷа набудани имконияти рекламаи сайёҳии Тоҷикистон низ таъсири манфӣ мерасонд. Дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасонӣ ба саноати сайёҳӣ хос буд. Дар ин давра дар Тоҷикистон

шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ ба иншоотҳои ҷобаҷогузории сайёҳон ва инфрасохтори он мавҷуд набуд. Дар ин давра таҷрибаи фаъолият дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба назар намерасид, кадрҳо омода набуданд ва сатҳи тайёр намудани онҳо дар ҳолати хеле поён қарор дошт.

Аз наздикии соли 2000-ум давраи ташаккули соҳаи сайёҳӣ оғоз меёбад, ки дар натиҷаи бозсозӣ тағйироти назаррас ба вуҷуд омад. Миқдори корхонаю ширкатҳои сайёҳӣ, ки бевосита ба фаолияти сайёҳӣ равона гардида буданд, афзоиш ёфтанд. Дар натиҷа, дар бозори сайёҳии Тоҷикистон намудҳои маҳсулоти ба сайёҳӣ пешниҳодшуда зиёд гардид. Аз назари сайёҳон паст будани сифат дар ин давра ба беҳбуди рӯ овард. Ҳуқуқи устувори истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ пайдо гардид.

2-юми августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномадиҳӣ қабул ва ба танзим оварда шуд. Таъйини намудҳои фаъолияти сайёҳӣ дар асоси иҷозатнома оғоз гардид.

Дар ин давра коҳишёбии сайёҳӣ низ ҷой дошт. Дар навбати аввал ин қатъ гардидани таъмини илмии сайёҳӣ ба таври мутамарказ мебошад. Рӯз аз рӯз дар натиҷаи баланд шудани нархи маҳсулот, ҳамчунин қатъи дотатсияҳо ва пароканда шудани низоми наклиётӣ маҳсулоти сайёҳиро ба қисми аҳолӣ дастнорас кардаанд. Гарчанде сайёҳии иҷтимоӣ аз байн рафт, аммо сафар ба хориҷа нисбатан осон гардид.

Бо ташкили танзими давлатии бозори сайёҳӣ давраи нав оғоз меёбад. Афзоиши миқдор ва таъсири иттиҳодияҳои операторони сайёҳӣ дар ин давра назаррас гардид. Фаъол гардонидани соҳаҳои илм ва таҳсилот барои саноати сайёҳӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии бозори сайёҳӣ, ташаккули саноати сайёҳӣ накши муҳим гузошт.

Иҷозатномадиҳӣ намудеро муайян мекунад, ки бояд ҳар фаъолияти сайёҳӣ иҷозатнома дошта бошад. Ин санад асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатро барои машғул шудан бо фаъолияти сайёҳӣ муқаррар менамояд. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои бақайдгирии давлатӣ қабул гардид. Ба кадастраи давлатӣ объектҳои асосии фарҳангӣ, илмию техникӣ, солимгардонӣ ва табиӣ дохил

карда шудаанд, ки он аз ҷумла асоси маҳсулоти миллии сайёҳии мамлакатро ташкил медиҳад. Тартиби ҳисобгирии фаъолияти сайёҳиро дар мамлакат қонун "Дар бораи омори давлатӣ", ки 12-уми январи соли 2010 қабул гардид, танзим мекунад.

Дар ин давра барномаи ягонаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон қабул нашуда буд, ки масъалаҳои асосии таъмини рушди устувори соҳаро муайян намояд.

Такмили пойгоҳи ҳуқуқии сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар навбати аввал таъмини истифодаи оқилонаи мероси таърихию фарҳангӣ, нигоҳдории онҳо ва ланшафтҳо мебошанд. Нақшаи умумии сармояи марказонидашудаи рушди инфрасохтори сайёҳӣ хеле зарур аст. Соҳаи сайёҳӣ, алалхусус инфрасохтори он, ҷалби сармоя ва таҳияи лоиҳаҳои мукаммалеро талаб мекунад. Васеъ намудани тарғиби сайёҳӣ дар байни аҳолӣ, ҷалби кадрҳои баландихтисос аз ҷумлаи ин масъалаҳо мебошанд.

Ноҳияи Варзоб (100,7 ҳаз.га); дараи Ромит (16,2 ҳаз.га); ноҳияи Балҷувон (132,7 ҳаз.га); Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар навбати аввал минтақаҳои сайёҳӣ эълон шудаанд. Наздик чаҳоряки қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон чун макони муҳофизатшавандаи табиӣ маълум мебошад. Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори сайёҳӣ соҳаи нисбатан нав буда, таърихи дерин надорад.

Ҷамъбасти додаҳои оморӣ оид ба сайёҳӣ дар ҳамин давра оғоз ёфтааст. Ҷамъоварии омор тавассути чанд идораҳо иҷро мешавад. Дар навбати аввал, ин вазифаи бевоситаи хадамоти омори назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омори зиёди соҳавиро доранд. Тибқи вазифаи худ Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам нишондиҳандаҳои зиёди омориро ҷамъ овардаанд. Фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис гардида ва омори динамикаи миқдори шаҳрвандони хориҷие, ки ба ҷумҳурӣ ташриф овардаанд, сурат гирифтааст.

Тадқиқоти имрӯза ва таҷриба нишон медиҳад, ки механизмҳои бозории худтадбиқу ҳамоҳангсоз зарур аст. Чунин корбарӣ дар ҳамаи сатҳҳо бо назардошти танзими давлатӣ дар минтақаҳо сурат бояд гиранд. Пайдошавии сайёҳии оммавӣ

ба давраи муосир хос буда, маҷмуи байнисоҳавӣ барои сайёҳӣ оид ба истеҳсоли хизмату молҳо хеле назаррас аст. Ин ташаккули саноати сайёҳиро нишон медиҳад. Хусусияти оммавӣ пайдо намудани хизматрасонии сайёҳӣ нишондиҳандаи хуб аст. Дар мамлакатҳои саноатӣ ҳам хизматрасонии сайёҳӣ ба талаботи оммавӣ табдил ёфтааст. Ҳамин тавр, ташаккули идоракунии истеҳсолот ва сохторҳои нави соҳавӣ саноати пуриқтидори истироҳатиро ташаккул медиҳад.

Албатта, ба рушди сайёҳӣ омили зиёд таъсир мерасонанд. Инро дар муқоиса бо дигар мамлакатҳо дидан мумкин аст. Имрӯз иқтисод дар фазои як давлат маҳдуд набуда, ҳама минтақаҳоро дарбар гирифтааст. Ин худ ба тағйир ёфтани сиёсат дар ҷаҳон ва тақвияти рақобати иқтисодии байналхалқӣ асос гардид. Масъалаҳои ҷалб кардани сармоя барои пешрафти иқтисодиёт муҳим мебошад. Ҷалби сармоя, дар навбати худ, баланд бардоштани самарабахширо талаб менамояд. Афзоиш ёфтани даромади аҳолӣ, накӯаҳолии ҷамъият дар рушди сайёҳӣ нақши муҳим дорад. Имрӯз сарватҳои маънавиии ҷамъият худ тағйир ёфта ва ба сайёҳӣ рӯй овардааст. Дастгирии сайёҳат содагардонидании танзими гумрукӣ, мубодилаи васею озодро талаб менамоянд. Ташаккули минбаъдаи саноати сайёҳӣ ҳоло ҳам ҷой дорад. Имрӯзҳо сайёҳон нисбат ба сарватҳои моддӣ бештар сифати вақтгузарониро муҳим дониста, ба сафари мавзеъҳои маърифатӣ бештар аҳаммият медиҳанд.

Дар шароити ҳозира хусусиятҳои нави психологиву рафторӣ дар сайёҳӣ ташаккул ёфтааст. Аксари истеъмолгарони хизматрасониҳои сайёҳӣ дар хориҷа будаанд ва аз хизматрасонии хушсифати баландпоя огоҳанд, нисбат ба ин соҳа серталаб шудаанд ва таҷрибаҳо ба даст овардаанд. Онҳо ба маҳсулоту хидматҳои манзуршаванда аз назари васеи иқтисодӣ менигаранд. Фаровонию хидматрасонии хуби хориҷӣ онҳоро серэҳтиёҷ гардондааст. Онҳо дар ҷустуҷӯи гуногунрангии бардоштҳо ва лаҳзаҳои сайёҳӣ буда, дар чунин кор хеле фаъолу мустақиланд. Ин ҳолат рафторашонро низ дар бозори сайёҳӣ тағйир медиҳад. Таъсири шаклҳои фаъолонаи истироҳат дар соҳаҳои сайёҳӣ имрӯз бартарӣ дорад ва гурӯҳбандии онҳо назаррас мебошад. Талабу тақозои инфрасохтори миллии сайёҳӣ ин аст, ки барои беҳтар намудани ҳолат ва такмил додани он чунин пешниҳодҳо ба миён гузошта шавад:

- Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба таъмини шароитҳои мусоиди инвеститсионӣ барои ширкатҳои дохилию хориҷӣ идома ёбад;

- Тадбирҳои ташкилию техникӣ барои фароҳам овардани шароитҳои мусоиди рушди тиҷорати меҳмонхонагӣ ва инфрасохтори дигари сайёҳӣ таъмин ва амалӣ карда шавад;

- Барои пешбурди маҳсулоти миллии сайёҳӣ фаъолияти самарабахши рекламавию иттлоотӣ дар бозорҳои берунаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад;

- Маблағгузории давлатӣ ва тадбирҳо оид ба ҷалби инвеститсияҳо ба соҳаи сайёҳӣ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Марҳалаи навини рушди сайёҳӣ аз соли 2018 оғоз ёфт, ки ба он нуқтаҳои муҳимми суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбати аз (26-уми декабри соли 2018) [2] оид ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (солҳои 2019 - 2021) мусоидат намуд.

Вобаста аз шароитҳои мавҷуда, раванди ислоҳоти иқтисодӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ва қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ марҳилаҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври зайл тасвир кардан мумкин аст (нигаред ба расми 1.2.1).




**Расми 1.2.1. -Марҳилаҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаъ: таҳияи муаллиф.**

“Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” соли 2018 қабул гардид. Ҳарчанд дар он имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шудаанд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Нақши сайёҳӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ пайваста меафзояд. Алҳол сайёҳӣ яке аз соҳаҳои бузурги сердаромад ва дорои рушди зинабазина ба ҳисоб рафта, аз рӯйи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ баъд аз истихроҷ ва коркарди нафт мақоми дувумро касб кардааст. Мувофиқи маълумотҳои сайёҳӣ, 10%-и гардиши истеҳсолию хадамотии бозори ҷаҳониро ин соҳа таъмин менамояд. Дар маҷмуи маҳсулоти ҷаҳонӣ соҳаи сайёҳӣ 6%-ро ташкил медиҳад. 7%-и сармояи ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. 6% ҷойи корӣ ба соҳаи сайёҳӣ рост меояд. Дар самти хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ харҷ ба соҳаи сайёҳӣ 11%-ро ташкил медиҳад. Сайёҳӣ ба андоз низ таъсири мусбат дорад. 5%-и маблағҳое, ки аз андоз ворид мешавад, ба ин соҳа рост меояд [92]. Сайёҳӣ гарчанде аз омилҳои беруна таъсир гирад ҳам, дар навбати худ, ба вазъи иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии кишварҳо низ таъсири назаррас мерасонад.

Чунин манфиатҳои иқтисодии сайёҳиро бояд қайд намуд: муассисаи сайёҳӣ фоидаовар аст; сайёҳӣ шаклҳои нави талаботи истеъмолиро муҳайё менамояд; ба рушди соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолкунандаи воситаҳои истеъмолӣ, тиҷорату фароғат ва маърифат таъсир ва мадад мерасонад, сайёҳӣ даромади ширкатҳои нақлиётӣ ва хадамоти алоқавиро афзун намуда, даромад аз истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро ташаккул медиҳад; боиси афзоиши талабот ба маҳсулоти армуғонӣ, маҳсулоти маҳаллӣ – ҳунармандӣ мешавад, ба муътадил шудани вуруди асъор мусоидат менамояд; афзудани даромади ширкатҳои сайёҳӣ боиси бештар ворид шудани маблағ ба буҷети маҳаллию давлатӣ ба воситаи андоз мегардад.

Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба воситаи гузаргоҳҳои вилояти Суғд ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, меафзоянд. Миқдори сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон омадаанд, сол аз сол зиёд мегардад. Ин шумора дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 тақрибан ба 200% (яъне ду баробар) бештар аст. Имрӯз динамикаи истифодаи минтақаҳои сайёҳӣ инкишоф меёбад. Истифодаи онҳо аз тарафи хориҷиҳо ба

воситаи ширкатҳои сайёҳӣ дар соли 2018 назар ба соли 2017 тахминан ду баробар зиёд гардидааст.

Теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ бояд ҷавобгӯйии талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ бошад. Дар акси ҳол дар бозор рақобати шадид ба вуҷуд меояд. Барои ба сатҳи стандарти байналхалқӣ расонидани хизматрасонӣ соҳаи сайёҳӣ ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад. Дар Тоҷикистон меҳмонхонаҳои гуногунсатҳ, махсусан миёнасатҳ, кам ба назар мерасад. Байни субъктҳои тиҷорати сайёҳӣ, ки дар сайёҳии хуруҷӣ фаъолият мебаранд, рақобати солим вуҷуд надорад. Дар натиҷа, сифати хизматрасонӣ он қадар ҳам баланд нест. Барои дар бозори сайёҳии ҷаҳонӣ ишғол кардани "маскани холӣ" бояд кори зиёди маркетингӣ ба иҷро расонида шавад. Ҳамзамон, инфрасохтори сайёҳиро фаъолона инкишоф додан лозим аст.

Бояд гуфт, ки дар ин марҳила коркарди усулу воситаҳои навини амсиласозӣ низ чашмрас мебошад. Таснифи умумии усулу амсилаҳои оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ поёнтар оварда шудааст. Дар ин ҷо танҳо методҳои навини ба ин марҳила хос арзёбӣ мешавад.

Барои таъмини самаранокии амсиласозӣ дар марҳилаи муосир усулҳои ба таври автоматӣ ҳосил намудани вариантҳо ҷой доранд. Масъала барои таъмин намудани қабули хулоса дар асоси мантиқи муайян зоҳир мегардад. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи усулҳое, ки дар низоми истеҳсоли автоматӣ аз амсиласозии тақлидӣ, муҳокима дар асоси претседентҳо, шабакаи нейрони сунъӣ, алгоритмҳои генетикӣ иборат аст.

Таҳлили зеҳнии мазкур дар худ раванди коркарди миқдори калони маълумотро доро мебошад. Мақсад пайдо намудан барои истифодаи маълумот оид ба ошкор намудани қонунҳо ва равандҳои махфии мавҷуда ба ҳисоб меравад. Усулҳои математикӣ, ки қисман барои масъалаҳои баҳогузории эҳтимолият ва ташаккул, пешгӯӣ кардан, ҷамъ кардани мизоҷон ё ҳодиса барои таҳлил ва пешгӯӣ кардани минбаъда дар кластерҳои иттиҳодияи унсурҳо истифода мегардад.

Ҳар яке аз усулҳо дида мешуданд ва самтҳои мусбат ва манфии онро низ қайд менамоем.

Муҳокима дар асоси претседентҳо. Усул дар асоси претседентҳо тавассути мувофиқкунӣ ва ҷустуҷӯйи ба ҳамин монанд дар базаи вазъияти муаммовӣ ҳалли худро меҷӯяд. Бемаҳоратии коркарди мавриди назар ва мушкилии ковишҳои раванди таҳлили ҳодисаҳо камбудии асосии усули мазкур маҳсуб меёбанд. Зиёда аз ин, ба масъалаи муҳокимаи тадқиқоти мазкур дар асоси претседентҳо мутобиқат намекунад:

- набудани қонун дар нодурустии алгоритм барои муайян кардани собиқадорони мутобиқ ва меъёри индексатсияи онҳо;

- имконнопазирии ҳалли масъала ҳангоми камэътиборӣ ба марҳилаи монандӣ доштани онҳо бо претседентҳо назар ба аҳамияти даромадгоҳи додашуда ё набудани ба ҳамин монад;

- миқдори зиёди претседентҳо ба поён рафтани низоми коркард мумкин аст оварда расонад;

- имконнопазирии ба даст овардани ҳалли масъала барои онҳое, ки собиқа ва марҳилаи аҳамияти даромадгоҳи додашударо надоранд.

Амсиласозии тақлидӣ. Амсиласозии низомҳои замони рафтор мавҷуд аст. Раванди корҳои низоми амсиласозиро боздоштан ё суръат бахшидан мумкин аст, ки ин баҳодиҳии беҳтари равандро таъмин мекунад. Тақлид ба таъсири он объектҳое тавсия дода мешавад, ки бо онҳо тадқиқоти воқеӣ имконнопазир, гарон ва хатарнок аст. Истифода ва роҳҳои усулҳои мазкур дониши возеҳи сохтори равандро талаб менамояд. Дар вазъияти имрӯза маҷмуи фаъолияти сайёҳиро дуруст роҳандозӣ ва ба шакл надаровардаанд. Амсиласозии тақлидӣ барои ҳалли таҳқиқоти рисолавӣ бо назардошти сабабҳои зерин қобили қабул нест: - натиҷаи бадастомадаи усули мазкур хусусияти инфиродиро доро аст. Ин ба он вобаста аст, ки ҳалли бадастомада ба арзишҳои параметрҳои низом, сохтори унсурҳои муайян вобаста аст. Бо тадқиқ намудани вокунишҳои амсила ба тағйирот дар параметрҳои муайян, танҳо қисман такмил додан мумкин аст ва ҳалли натиҷаҳои амсилаи тақлидӣ ададӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми баҳодиҳии арзиши рақамӣ, дар асоси муҳтавои масъала, бо роҳи аз будаш зиёдтар ё камтар нишон додани аҳамияти онҳо субъективият ҷорӣ карда

мешавад ва амсилаҳои тақлидӣ қодир нестанд, ки дар амсилаҳои аналитикӣ ҳалли худро эҷод кунанд. Амсилаҳои тақлидӣ танҳо имкон медиҳанд, ки муносибати низом дар шароити додашуда аз ҷониби озмоишгар таҳлил карда шавад.

Алгоритмҳои генетикӣ. Барои ҳалли масъалаҳои зиндадилӣ ва амсиласозӣ алгоритмҳои ҷустуҷӯ тавассути интихоби тасодуфӣ ва тағйир додани параметрҳои дилхоҳ бо истифода аз механизмҳои шабеҳи интихоби табиӣ дар табиат истифода мешаванд. Бо ёрии алгоритмҳои генетикӣ (АГ) сохтани амсилаи маҷмуи фаъолият масъалаи басо мушкил аст. Аз нуқтаи назари масъалаи рушди сайёҳӣ қабул накардани АГ аз инҳо иборат мебошад: аҳамияти ҳалли ба даст овардашударо аз ҷиҳати оморӣ таҳлил кардан мумкин нест. Ин ба мухтасоти баёни масъала дар робита ба истилоҳи АГ вобаста аст. Дар АГ ба даст овардани ҳалли мувофиқ кафолат дода намешавад. Дар АГ як қатор хусусиятҳои асосӣ мавҷуд аст, ки танҳо соҳибихтисос онро ба иҷро расонида метавонад. Ингуна меъёри интихоби хромосом, ба роҳ мондани масъалаҳо ва параметрҳои ба ҳамин монандро мансуб донистан мумкин аст ва масъалаи худмувофиқкунии АГ ҳалношуда боқӣ мемонад.

Амсиласозӣ бо вариатсияи тасодуфӣ сурат мегирад, худи мантиқи маҷмуи фаъолият басо мураккаб аст. Одатан шабакаҳои нейронӣ табиатан ғайрихаттӣ мебошанд. Махсусан ҳолати мазкур барои ташаккул додани равандҳои мураккаб тавассути шабакаҳои нейронӣ мусоидат менамояд. Мавҷудияти механизми таълим хусусияти дигари шабакаҳои нейронӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати мазкур раванди ташаккули ҳодиса ё ҷараёнро барои содатар намудан истифодабаранда мусоидат менамояд. Танҳо интихоб намудани талаботи маълумот зарур аст ва таълими алгоритмро ба кор дароварад. Алгоритм барои сохтани талаботи хусусияти шабака бидуни иштироки истифодабаранда мусоидат менамояд.

Ҳамаи истифодабаранда бояд донад, ки дуруст интихоб кардани меъмории шабакаи нейронӣ, омода ва интихоби маълумот ва тафсири натиҷаҳо мебошад. Ҳамчунин бояд зикр кард, ки сатҳи донише, ки корфармо барои истифодаи самараноки шабакаи нейронӣ талаб мекунад, нисбат ба истифодаи усулҳои классикӣ беандоза камтар аст.

Бартариҳои дигари шабакаи нейронӣ инҳоянд: мавҷудияти алгоритмҳои таълимӣ. Сарфи назар аз шумораи сигналҳои воридотӣ (садҳо, ҳазорҳо), ҳолатҳои истинод, шабакаи нейронро бидуни талаб кардани неруи бузурги ҳисоббарорӣ барои татбиқи он зуд таълим додан мумкин аст; дар сурати мавҷуд будани миқдори зиёди садо, сигналҳои ғайрииттилоотӣ, кори шабакаи нейрон бидуни санҷиши пешакии онҳо таъмин карда мешавад. Кам муфид будани онҳо барои ҳалли мушкилот аз ҷониби шабакаи нейрон муайян карда мешавад ва шабакаи нейрон бо иттилооти муттасил ва дискретӣ, тағйирёбандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, мустақил кор мекунад, ки ҳатто барои усулҳои оморӣ душвор аст; шабакаи нейронӣ арзишҳои якчанд нишондиҳандаҳоро ҳамзамон дар асоси маҷмуи ягонаи сигналҳои баромад пешгӯӣ мекунад.

Бо назардошти шароити шабакаҳои нейронӣ барои эҷоди пайвастҳои мураккаби мантиқӣ ва осон омӯхтан тавсия дода мешавад, ки асбоби шабакаи сунъии нейронӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас интихоб карда шавад.

Он чизе ки ғайриодӣ нест, шабакаи нейрон аз нейронҳо иборат аст. Гузашта аз ин, он аз дур ба тимсоли биологии худ шабоҳат дорад.

Арзишҳои маълумоте, ки ҳамчун синапсҳои вурудии нейрон дода мешаванд, ин гуна $x_1,...,x_n$ ифода мегардад. Чун халалрасонӣ ва ҳамчунин вазнҳои қувватфизои синапсҳои мазкурро ин гуна $w_1,..,w_n$ ифода менамоем.

Вазифаи фаъолгардонии нейронро F ифода мекунем, S бошад суммаи сигналҳои воридотӣ маҳсуб меёбад. Сигнали баромад ба суммаи муаллақ табдил мегардад:

$$S = \sum_{i=1}^{n} w_i x_i \qquad (1.1)$$

$$y = F(S) \qquad (1.2)$$

Варианти вазифаи фаъолкунӣ метавонанд гуногун бошад. Барои ҳар як ҳолати мушаххас интихоб намудани вазифаи худ афзалият дорад. Чунин ба назар мерасад, ки сигмоид барои тарҳрезии низоми мо мусоид мебошад.

Хусусиятҳои арзишманди сигмоид ва шарҳи интихоби мазкур ба ҳисоб меравад: Қобилияти нодир барои беҳтар кардани сигналҳои заиф ва муқовимат ба пур кардан аз таъсири пурқувват мусоидат менамояд; Хосияти дифференсиалӣ ва якранга дар тамоми меҳвари абссис; содасозӣ ва ҳамафаҳм кардан барои истеҳсоли он мебошад.

Дигар шароитҳо барои сигмоиди низоми мо, ки ҳамчун мафҳуми сигмоид қабул гардидааст дар бурриш қарор дорад [0,1]. Арзишҳои манфии қоидаи қарзро, ки мо мехоҳем ҳамчун натиҷаи низом қабул намоем, дар бар намегирад. Баланд бардоштани диапазони арзишҳои сигмоид ба ҳар як сегменти мусбат дар пеши сегменти додашуда ба таври назаррас осонтар аст.

Асоси назариявии амсилосозӣ дар асоси шабакаҳои нейронӣ теоремаи Колмогоров маҳсуб меёбад. Мувофиқи он ҳама гуна вазифае, ки талаботи қаноатмандкунандаи пайдарпай аз $F(x_1, x_2 .. x_n)$ сурат мегирад метавонад ба таври зерин пешниҳод гардад:

$$F(x_1, x_2 ... x_n) = \sum_{j=1}^{2n+1} g_j \left( \sum_{i=1}^{n} h_{ij}(x_i) \right) \qquad (1.3)$$

ки $g_j$ ва $h_{ij}$ вазифаи пайдарпай, ғайр аз ин $h_{ij}$

Ин ҷо $g_j$ ва $h_{ij}$ аз вазифаи F вобаста нест ва вазифаи пайдарпай маҳсуб мегардад [4]. Аз ин бармеояд, ки ҳама гуна вазифаи бисёр пайдарпайро метавон ҳамчун таркиб ва ҷамъи вазифаҳои як тағйирёбанда муаррифӣ кард.

Имконияти асосии амалисозии вобастагии мураккаб тавассути шабакаи нисбатан содаи нейрон тавассути теорема исбот карда шудааст.

Дар ин схема қолаби вазнҳои алоқаи байни нейронҳои қабати пинҳонӣ ва нейронҳои дохилшаванда бо W ифода мегардад. Нишонаи қолаби вазни онҳо V мебошад.

Аз ин рӯ, шабакаи нейрон ин гуна сурат мегирад:

$$y = \sum_{i=1}^{H} v_i f(w_{i,0} + w_{i,1}x_1 + w_{i,2}x_2 + w_{i,n}x_n) \qquad (1.4)$$

ки дар мутобиқат бо теоремаи Колмогорова ифода гаштааст: «Бигзор $F(x_1, x_2..x_n)$ – ҳар кадом вазифаи пайдарпай дар гурӯҳи маҳдуд муайян гардад, $\varepsilon > 0$ ҳар кадом чӣ қадар миқдори кам, наздикшавии комилро мефаҳмонад. Боз ба воситаи $\sigma(x)$ вазифаи фаъолияти сигмоидро мефаҳмем. Теорема: Чунин шумора H мавҷуд аст ва шумораи $w_{ij}$, $u_i$, $v_i$ чунин аст, ки вазифаи

$$f(x_1, x_2..x_n) = \sum_{i=1}^{H} v_i f(w_{i,0} + w_{i,1}x_1 + w_{i,2}x_2 + w_{i,n}x_n) - \text{ро} \qquad (1.5)$$

ифода менамояд.

Ба вазифаи зерин $F(x_1, x_2..x_n)$ бо ҷурми на бештар аз $\varepsilon$ дар тамоми соҳаи муайян наздик мегардад» [4].

Бо вазифаи амаликунии персептрон формулаи мазкур мувофиқат мекунад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки теоремаро дар робита бо шабакаҳои нейронӣ ислоҳ кунем: Ҳар як вазифаи доимии бисёр тағйирёбандаҳоро бо истифода аз як персептрони одӣ бо як қабати пинҳон амалӣ кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат, шартҳои миқдори зарурии нейронҳо дар қабати пинҳон бояд риоя карда шаванд.

Персептрони бисёрқабата дар ҳолати умумӣ метавонад якчанд қабатҳои нейронҳои ғайримустақимро дар бар гирад ва инъикосро аз як фазои вектории хусусиятҳои андозаи озод ба масофаи дигари вектории ҳама гуна андозагирии

дигар амалӣ гардонад. Аммо доир ба истифодаи амалии усулҳо ва алгоритмҳои мазкур дар ҳалли масъалаҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ адабиёт кам ба назар мерасад.

### 1.3. Усулу амсилаҳои тадқиқ ва оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ

Чӣ тавре, ки пештар муайян гардид, маҷмуи сайёҳии ҳозиразамон низоми рекриатсионӣ бо таркиби басандаи мураккаби иҷтимоию экологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Мисли дигар соҳаҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон ба МС (маҷмааи сайёҳӣ) имрӯзҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Таҷдиди сохторҳои ташкилию иқтисодӣ хеле хуб ҷараён дорад. Ҷорӣ намудани шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳа назаррас мебошад. Методҳо ва ҳолатҳои муносиб барои танзими онҳо ва тадқиқи равандҳои мураккаби ин соҳа заруранд. Усулҳои амалӣ гардонидани амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ (АИМ) дар компютер олоти муосир ва самарабахш ба ҳисоб мераванд.

Имрӯз дар сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба коркарди амсилаҳо ва усулҳои иқтисодӣ–математикӣ дар ҳалли масъалаҳои рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмуҳои сайёҳӣ (МС) маводи коркардшуда ҷой доранд. Аз ҷумла, амсилаҳои оптимизатсионии пешгӯии рушди сайёҳӣ пешниҳод гардидааст. Амсилаҳои идоракунии фаъолиятӣ, истироҳатӣ ва солимгардонӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ коркард шудаанд.

Мо кӯшиш менамоем, ки АИМ ниёзҳои рекреатсиониро аз рӯйи принсипи ҷомеи амсилаҳое, ки бо ёрии онҳо ҳал мешаванд, тасниф намоем. Дар ин замина, арзёбии аҳаммияти назарӣ ва амалии ҳар синфи амсилаҳо бояд сурат гирад (ҷадвали 1.3.1). Дар низоми ин тасниф ва арзёбии амсилаҳои иқтисодӣ-математикии оптималигардонӣ (АИМО) аз масъалаҳои алҳол ҳалнашудаи амсиласозӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар дар ин тадқиқи диссертатсионӣ ба натиҷаҳои зерин расидем:

1) Амсилаҳои масъалаҳои хусусии амалкард ва АИМ гурӯҳи якумро тартиб додаанд. Ин амсилаҳо аз рӯйи сохтор ва намуди математикиашон ва амалигардониашон сода мебошанд ва чунин амсилаҳо масъалаҳои алоҳидаи идоракунӣ ва пешгӯии фаъолияти сайёҳиро дар бар мегирад.

Амсилаҳои муайян намудани талаботи сайёҳон ба хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгӯи ҳадафҳои зерин аст: Таъини ҳаҷми талабот ва тақсимоти онҳо бо истифодаи амсилаҳои регрессионӣ ба воситаи амсилаҳои гравитатсионии талабот. Амсилаҳои гравитатсионӣ метавонанд маҷроҳҳои сайёҳӣ ва марказҳои ҷазби онҳоро муайян намоянд. Барои муайян намудани иқтидори интеграли рекреатсионии маҷмуъҳои табиӣ – иқтисодӣ амсилаҳои содатарини хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳод шудаанд. Бо микдори бузургиҳои ҷаззобият потенсиали рекреатсионии пойгоҳҳои сайёҳӣ ва хатсайрҳо тавсиф мешавад. Коэффитсиенти ҷаззобият интенсивияти ҷараёни сайёҳонро инъикос мекунад. Нишондиҳандаҳои ҷаззобияти объектҳои сайёҳиро аз рӯйи ҳисоб ба як сайёҳ истифода бурда, чунин тақсими сайёҳонро тибқи гиреҳҳои майдони иқтидори рекреатсионӣ муайн мекунад, ки дар мавриди он бузургии суммавии ҷаззобият ба даст меояд.

**Ҷадвали 1.3.1. - Гурӯҳбандии амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ**

| Синфи амсила | Типҳо ва навъҳои фаъолияти сайёҳӣ | Аҳаммияти методологии амсилаҳо | Арзёбии амалии амсилаҳо |
|---|---|---|---|
| 1.Амсилаҳои масъалаҳои ҷузъии фаъолияти рекреатсионӣ | 1.Амсилаҳои тадқиқи талабот ва пешниҳодоти хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>2.Амсилаҳои захирабандии хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>3.Амсилаҳои ташаккули хатсайрҳои оптималии сайёҳӣ;<br>4.Амсилаҳои ташхисӣ, амсилаҳои эконометрикӣ, талабот, арзёбии онҳо. | Муҳим | Ба қадри кифоя васеъ татбиқ мешавад |
| 2.Амсилаҳои осоишгоҳи солимгардони и дар | 1.Амсилаҳои МС ва таҳқиқи он;<br>2.Амсилаҳои коркарди маҷмуҳои нави сайёҳӣ; | Муҳим | Ба қадри кифоя васеъ татбиқ мешавад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| фаъолият буда ва тамини рушди онҳо | 3.Амсилаҳои ҷойгир кардани сайёҳон бо назардошти таъсир ба муҳити зист | | |
| 3.Амсилаҳои амалкард ва рушди низомҳои рекреатсионии минтақавӣ | 1.Амсилаҳои статикии рушд ва ҷобаҷо кардани маҷмуи сайёҳии минтақа дар низоми иқтисодии нави бозорӣ:<br>- амсилаи параметрӣ;<br>- амсилаи ғайрипараметрӣ (вариантӣ);<br>2.Амсилаҳои динамикии рушд ва ҷобаҷо кардани маҷмуъҳои сайёҳии минтақа дар низоми иқтисодии нақшавӣ ва бозорӣ (бе механизми истеҳсолӣ);<br>3.Амсилаҳои рушд ва маҷмуи минтақавӣ бо пойгоҳи сохтмонӣ ва соҳаҳои он<br>4.Амсилаҳои динамикии ҷобаҷо кардани низоми сайёҳӣ (бо механизм)<br>5. Ғайрипараметрӣ<br>а) бе назардошти даврияти объектҳо;<br>б) бо назардошти даврияти объектҳо<br>6.Параметрӣ<br>а) бе назардошти даврияти объектҳо;<br>б) бо назардошти даврияти объектҳо | Хеле муҳим<br><br>Ба таври истисно муҳим<br><br>Бисёр муҳим<br><br>- Ба ҳисоб гирифтани реинвеститсияи фоидаи маҷмуъ;<br>- Ҳисоби сохтмони объектҳо;<br>- Тавсифи муфассали манбаъҳои маблағгузории инвеститсияҳо | Аҳёнан истифода мешавад, хуб инкишоф наёфтаанд<br><br>хуб инкишоф наёфтаанд<br><br>истифодаи ғайрикофи дорад<br><br>Барои коркард ва арзёбии иқтисодии барномаҳои рушди дарозмуддати МС дар шароити бозорӣ.<br>Рушди усулҳои оптималӣ гардонидани иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ (амсилаҳо ва усулҳо дар диссертатсия таҳия шудаанд) |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4.Амсилаҳои рушд ва ҷобаҷо кардани низоми рекреатсионӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ | 1.Амсилаҳои одитарини типи нақлиётӣ барои тақсими равияи рекреантҳо-сайёҳон;<br>2.Амсилаҳои интихобу ҷобаҷо кардани вариантҳои тайёри лоиҳаҳои маҷмуи сайёҳӣ;<br>3.Амсилаи оптималӣ гардонидани интенсивияти равияи автосайёҳон | Ба таври истисно муҳим | Аҳёнан истифода мешавад, хуб инкишоф наёфтаанд |
| 5.Амсилаҳою методҳои идоракунии оптималӣ | 1.Технологияи иттилоотию компютерии идора кардани равандҳои хизматрасонии сайёҳзанон;<br>2.СИА фаъолияти сайёҳӣ;<br>3.Амсилаҳои такроркунанда-оптимизатсионӣ | Хеле муҳим | Васеъ истифода мешаванд |

*Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ба ин гурӯҳ ҳамчунин амсилаи сайёҳӣ мансубанд. Истифодаи амсилаҳои шабакавии маҷроӣ дар тартиби хатсайрҳо мувофиқи мақсад мебошад. Зеро дар он инъикоси ҷабҳаҳои ташкили фаъолияти сайёҳӣ имконпазир аст ва мазмун дорад.

2) Захирабандӣ дар хизматрасониҳои сайёҳӣ бисёр муҳим мебошад. Дар акси ҳол таъмини пурраи қобилияти хизматрасонии объектҳои сайёҳӣ дар ҳама ҳолат ғайриимкон мебошад. Алалхусус, ба назар гирифтани омили замон ва омили тасодуф дар хидматрасонӣ муҳим аст. Амсилаҳои захирабандӣ шомили ин гурӯҳ мебошад. Ҳамчунин дигар амсилаҳое мавҷуданд, ки барои такмили тарафҳои алоҳидаи фаъолияти агентиҳои сайёҳӣ пешбинӣ шудаанд.

Масъалаҳои кушодани ҷойҳои танг дар фаъолияти маҷмааи сайёҳӣ истифодаи амсилаҳои оптимизатсиониро талаб менамояд. Зеро сохтори ташкилии маҷмааҳо метавонанд варианти зиёди таҷдид дошта бошад. Зиёда аз ин вариантҳо мумкин аст аз объектҳои сайёҳии дар фаъолият буда куллан фарқ кунанд. Масъала ҳам аз ҳамин иборат аст, ки варианти беҳтарин интихоб шавад. Ҳамчун меъёр сармоягузории интихобии варианти беҳтарин баромад менамояд, алалхусус, дар вобастагӣ аз рақобат.

Дар объектҳои истироҳатӣ-солимгардонӣ чун меъёр нишондиҳандаи оптималии ҷойгир кардани мизоҷон низ дар истифода аст. Дар ин ҳолат ин масъала бо назардошти таъсиррасонӣ ба муҳити зист бояд ҳал шавад. Омилҳои зиёд ба муҳити зист таъсир мерасонанд, ин ҳам реҷаи корӣ, шиддатнокии равияи сайёҳӣ ва ғайра. Амсилаи оптимизатсионӣ бояд ҳамаи ин ҳолатҳоро дар бар гирад ва коркард шавад. Дар амсилаҳо ин ҳолатҳо чун маҳдудиятҳо ба шарти оптималигардонӣ нишон дода мешавад.

3) Фаъолият ва рушди низомҳои сайёҳии минтақавиро амсилаҳои гурӯҳи севум дар бар мегирад. Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ амсилаҳои ин гурӯҳ бештар дучор мешавад, зеро ин гурӯҳ аз ҳама васеъ ва муҳим мебошад. Чунин амсилаҳо ҳам коркарди барномаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва арзёбии иқтисодии онҳоро иҷро менамоянд.

Амсилаҳои ҷобаҷо кардани сохторҳои сайёҳӣ пештар таҳия шуда буданд. Агар амсилаҳои статикӣ бештар мутобиқи шароити иқтисодӣ то давраи бозоргонӣ буданд, амсилаҳои динамикӣ рушди онро дар бар мегирад. Иқтисоди бозоргонӣ хосияти хоси худро дорад ва барои инъикоси он амсилаҳои махсус таҳия ёфта истодаанд. Амсилаҳои статикӣ ёфтани такмили оптималии ҳарсолаи соҳаро дар алоҳидагӣ пешгӯӣ мекунад. Ин кор аз ҳолати аввалаи истироҳатгоҳҳо оғоз мешавад. Барои замони дилхоҳ ин амсилаҳо пешгӯӣ наменамояд. Дар ин ҳолат истифода бурдани амсилаҳои вариантӣ беҳтар мебошад, зеро онҳо нишондиҳандаҳои микдориро дар бар гирифта, ба таъмини хулосабарории саҳеҳ замина фароҳам меоваранд. Аз тарафи дигар, зиёд шудани нишондиҳандаҳо боиси мураккаб шудани оммавӣ мегардад ва, дар натиҷа, масъала пешгӯӣ мегардад. Дар

ҳолати дастраст нашудани ҳалли масъала, натиҷаи он дар рушди сайёҳӣ қимати гарон дорад.

Албатта, ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, байни ҳам алоқаманд мебошанд. Амсилаҳои рушд ва ҷобаҷо кардани низомҳои сайёҳии минтақа то дараҷае ин алоқаю вобастагиҳоро дар шакли возеҳ инъикос менамоянд.

Рушди МС, дар навбати худ, метавонад иқтидорҳои сохтмонии минтақаро ба таври назаррас маҳдуд кунад. Ин ба инкишофи нокифояи шабакаи роҳҳо, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва ғайра дахл дорад.

Лаҳзаи усулан муҳим дар амсилаҳои динамикии ин гурӯҳ тарзи инъикоси механизми иқтисодии рушди низомҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Аммо амсилаҳои рушди МС дар шароити бозор вуҷуд надорад. Зеро дар ин ҳолат механизми иқтисодӣ, чун масъалаҳои такрористеҳсоли соҳаи сайёҳӣ ё ҷамъи маблағ барои худмаблағгузорӣ, инвеститсияҳо ба рушди он амал карда наметавонад. Ин гуфтаҳо ба ҳисобгирии даврияти сохтмони объектҳо ва ба истифода додани онҳо ё худ механизми реинвеститсияи фоида низ дахл доранд.

Дигар мушкилот дар роҳи сохтани амсилаҳои такрористеҳсолӣ низ ҷой доранд. Аз тарафи дигар, амсилаҳои сохтории динамикӣ харҷи калон доранд ва ҳам дар таҳлили сифатии масъалаҳои динамикӣ-иқтисодӣ ва ҳам барои ҳисобу китобҳои рақамӣ он қадар ҳам қобили истифода нестанд. Аз ин хусус коркарди усулҳои махсуси амсиласозӣ ба миён омад. Бо истифодаи махсусияти низоми амсилашаванда декомпозитсияи амсилаи динамикиро таҳия намоем. Дар ин ҷо ҳадафи асосӣ, мушкилоти дар боло гуфтаро бартараф намудан лозим аст.

4) Амсилаҳои рушд ва ҷобаҷокунии низомҳои сайёҳӣ дар қаламрави мамлакат гурӯҳи чорумро ташкил мекунанд. Дар ин амсилаҳо сохтору механизмҳои рушду ҳамкории объектҳои хизматрасонанда ва маҷмуи минтақавии соҳаи сайёҳиро бо назардошти глобалӣ будани масъала муфассал инъикос кардан ғайриимкон аст. Аз ҳамин сабаб ҳам амсилаҳои сахт агрегатсияшуда ин гурӯҳро ташкил мекунанд: Амсилаҳои нақлиётӣ, ки ба ин гурӯҳ шомиланд, таснифи равияи сайёҳонро дар мувофиқат бо хатсайрҳои сайёҳӣ таъмин менамоянд. Ё худ ҳалли масъалаҳои мутобиқ гардонидани лоиҳаи коркардшуда дар минтақаи мушаххас ба

воситаи амсилаҳои ин гурӯҳ имконпазир аст. Шиддатнокии маҷроҳои автосайёҳон, роҳҳои мавҷуда низ дар таркиби ин гурӯҳ мавҷуданд ва дар ин ҳолат қобилияти хизматрасонии объектҳо ва пойгоҳҳои сайёҳӣ ба инобат гирифта мешаванд.

5) Амсилаҳои гурӯҳи панҷум бо мақсади махсуси таъиноти худ фарқ мекунанд. Ин гурӯҳ амсила ва методҳои идора кардани оптималӣ гардонидани фаъолияти соҳаи сайёҳиро дарбар мегирад. Амсилаҳои оптимизатсионӣ ва математикии такрорёбанда (имитатсионӣ)-ро ташкил медиҳад. Дар амсилаҳои оптимизатсионӣ меъёрҳо ва маҳдудиятҳо факторӣ мебошанд. Онҳо дар технологияи иттилоотию компютерӣ барои таҳия ва қабулу иҷрои қарорҳои ҷорӣ истифода мешаванд. Амсилаҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон, (СИА) фаъолияти сайёҳии МС-и такрорёбандаю оптимизатсионӣ барои таҳияи лоиҳаи реҷаҳои беҳтарини корӣ аз он ҷумлаанд.

Дар бозори сайёҳӣ сатҳи рақобат баланд мебошад. Дар фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ислоҳотҳои иқтисодӣ ва иқтисоди бозорӣ низ нақши худро гузоштааст. Ин ҳолат на танҳо зарурияти коркарди усулҳои математикиро талаб менамояд, балки амсилаҳо ин хусусиятҳоро дар бар мегирад. Идоракунии тиҷорати сайёҳӣ мураккаб мебошад. Ин аз хизматрасонии сайёҳӣ, хусусияти серсоҳагӣ ва ҳам аз гуногунии сабабҳо бармеояд. Амсилаҳои эконометрикӣ дар соҳаи сайёҳӣ васеъ истифода бурда мешавад. Ҳалли мувозинати талабот ва пешниҳодот, тартиби нақшаи фаъолияти сайёҳӣ ба воситаи ин амсилаҳо дастрас мегарданд. Амсилаҳои эконометрикӣ захирабандии хизматрасониҳои сайёҳиро барои пешгӯӣ таъмин менамоянд. Чунин амсилаҳо ба қадри кифоя инкишоф ёфтаанд [73,5,8,] ва васеъ истифода мешаванд. Пешгӯии талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ҳаҷми талабот, омӯхтани чандирии талабот аз рӯйи сатҳи тарафҳо ба хизматрасониҳои сайёҳӣ бо амсилаҳои эконометрӣ дастрас мегардад. Тақсимоти ҳаҷми талабот ба маҷмуъҳо ва пойгоҳҳои мавҷуда низ тасдиқи ин гуфтаҳо аст.

Барои ин ҳам истифодаи амсилаҳои эконометрӣ, ки дар соҳаи сайёҳӣ ба охир намерасад, ба фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ё худ барои ба нақша гирифтани сайёҳӣ,

шароити табиӣ, географӣ, шиддатнокии сайёҳат, сатҳи молиявӣ таъсири калон дорад ва он низ аз масъалаҳои муҳимми эконометрикӣ мебошад.

Арзёбии ҳаматарафаи иқтидори сохторҳои сайёҳӣ низ муҳим мебошад. Ба ин мақсад намудҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ коркард карда шудаанд. Захираҳои сайёҳии мавҷуд ва дар нақша ҷойдошта пурра навишта шудааст.

Албатта, мақсад бедор кардани ҳавасмандии сайёҳон мебошад. Аз рӯйи тақсимоти сайёҳон ба сохторҳои сайёҳӣ вобаста ба ҳаваснокии онҳо ба ин ё он иншоот хулоса бароварда мешавад.

Маҷмуи масъалаҳои дигари соҳаи сайёҳӣ таҷдиди сохторҳои сайёҳӣ ва ташкили объектҳои нав мебошад: Ҳадаф аз чунин амсилабандӣ беҳтар намудани фаъолияти онҳо, фазои сармоягузорӣ ва бештар ҷалб намудани сайёҳон мебошад. Чунин масъалаҳо оптималигардониро муайян менамояд ва барои ҳалли онҳо амсилаҳои оптимизатсионӣ коркард шудааст [43,73,149,]. Доираи истифодаи чунин амсила васеъ аст ва технологияи иттилоотиро низ дар бар мегирад. Дар гурӯҳи ин амсилаҳо усулҳои таъмини идора кардани оптималӣ низ ҷой дорад.

Таснифи амсилаҳо аз рӯйи нишондиҳандаи зиёд гузаронида мешавад. Пеш аз ҳама, онҳо ба динамикӣ ва статикӣ тақсим мешаванд. Ҳоло ҷорӣ шудани иқтисоди бозорӣ таърихи начандон бой дорад. Аз ин сабаб ҳам харҷи бештари маҷмуи амсилаҳои коркардшуда ба иқтисоди нақшавӣ равона гаштааст. Ин таъкид ҳам ба амсилаҳои динамикӣ ва амсилаҳои статикӣ ҷоиз мебошад. Имрӯзҳо зарурате пеш омадааст, ки амсилаҳо барои муносибатҳои иқтисодӣ бозорӣ коркард шаванд, фаъолияти оптималии соҳаи сайёҳиро ба таври воқеӣ таъмин намоянд. Дигар зарурат инъикоси алоқаҳои соҳаи сайёҳӣ бо дигар соҳаи иқтисодӣ мебошад.

Амсилаҳои статикӣ имконияти инъикоси рушди сайёҳиро бо ченаки вақт надорад. Аз ин лиҳоз, амсилаҳои динамикӣ нақши муҳим доранд, зеро ин инъикоси як лаҳза набуда, ҷараёни такрористеҳсол ё дигар ҷабҳаи фаъолиятро дар ҳаракати вақт дарбар мегирад.

Сохтмони сохторҳои сайёҳӣ бо назардошти интихоби варианти беҳтарини сохтори ташкилию технологӣ бо амсилаҳои динамикӣ дастрас мешавад. Дар

фаъолияти самаранок ва рушди сохторҳои сайёҳӣ, интихоби реҷаи корӣ низ ҷой дорад.

Сармоягузорӣ низ варианти зиёд дорад, ки интихоби беҳтарини он масъалаи асосии оптималигардонӣ мебошад. Ҳар сохтор кӯшиш дорад, ки иқтидорашро пурра истифода барад, аммо ин бояд дар мувофиқат бо мувозинати экологӣ ва имконияти хизматрасонӣ сурат гирад. Яъне, гузоришу оптималӣ гардонидани ин масъалаҳо ҳалли дурусти худро пайдо менамоянд. Зеро таъсири шиддатнокии сайёҳӣ ба манфиати сохтори сайёҳӣ ва ба муҳити зист гуногун мебошад.

Низоми сайёҳии минтақавӣ ва ҷобаҷокунӣ ба амсилаҳои оптимизатсионӣ мансуб аст. Дар дарёфти сохтори оптималии ҳам ташкилӣ ва ҳам технологии маҷмуи сайёҳӣ амсилаҳои статикӣ ва динамикӣ истифода бурда мешавад.

Амсилаҳои агригатсияшуда низ ҷой доранд. Аз ҷумла, маҷроҳои сайёҳонро дар шабакаи хатсайрҳои сайёҳии мамлакат амсилаҳои нақлиётӣ тавсиф мекунанд. Мутобиқ сохтан ба шароити ин ё он маҳалро амсилаҳои интихоби лоиҳаҳои маҷмааи сайёҳӣ иҷро менамояд. Дигар ин амсилаҳои хатсайрҳои сайёҳатҳо дар мувофиқат бо ташаккул додани сайёҳҳо аз тарафи операторони сайёҳӣ ва дигар амсилаҳо, монанди амсилаҳои СИА фаъолияти сайёҳии объектҳои алоҳидаи сайёҳӣ, амсилаи идора кардани равандҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон, амсилаҳои такрорёбандаву оптималӣ гардонидан барои лоиҳакашии реҷаи беҳтарини кории маҷмааи сайёҳӣ амалӣ мегардад.

Дар соҳаи сайёҳӣ амсилаҳои зеҳни сунъӣ низ истифода бурда мешаванд. Амсилаҳои ояндабини талаботи равияи сайёҳӣ сегментатсияи бозор, маркетинг ва идоракунии бахши меҳмонхонавӣ, фаъолияти иттиллотию рекламавии тиҷорати сайёҳӣ ба он тааллуқ доранд [4,6,7]. Бо ёрии захираҳои нисбатан хурд бо истифодаи зеҳни сунъӣ натиҷаҳои ба қадри кофӣ дақиқ ба даст оварда мешавад. Ҳисобкарди онҳо бо истифодаи методҳои математикии рақамӣ дастрас мегарданд [90,с.343].

Шабакаҳои нейронӣ, мантиқи ғайрисаҳеҳ, низоми экспертӣ, алгоритмҳои генетикӣ самтҳои асосии инкишофи зеҳни сунъӣ ба ҳисоб мераванд.

Се самти аввал барои амсиласозии муҳити иҷтимоӣ – иқтисодӣ бештар мувофиқанд. Алгоритмҳои генетикӣ низ дар истифодаанд. Бештар барои дарёфти варианти беҳтарии аз байни ҷойдоштаҳо истифода мебаранд.

Шабакаи нейронӣ дар соҳаи сайёҳӣ хеле васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Истифодаи он бештар барои тадқиқи алоқаи додаҳои вурудию хуруҷӣ татбиқпазир мебошад. Аз сохтори (архитектураи) шабакаи сунъии нейронӣ (ШСН) ва ҳамчунин маҷмуӣ вазнҳои алоқаҳову мушаххасоти нейронҳо хусусиятҳои он муайян мегардад.

Намудҳои амалиёте, ки дар шабакаи нейронии кушода татбиқ мешаванд, сигналҳои вурудӣ, монанди андозанокӣ, дискретӣ будан, топологияи алоқаҳо, тарзи тағйир додани вазифаҳои алоқаҳо (тасодуфӣ ё мураккаб), тарзи амалкард дар замон (дискретӣ ё бефосила) сифатҳои асосии машаххасоти архитектураи шабакаҳои нейронӣ мебошанд.

Истифодаи ШСН-ро дар вазифаҳои нақшагирӣ ва идоракунии сайёҳӣ чунин хусусиятҳо самарабахш менамоянд. Дар навбати аввал ин таъмин намудани пешгӯии бисёрпараметра мебошад. Дигар хусусият хос набудани ШСН ба камбудиҳои иттилоотӣ - априорӣ оид ба раванди пешгӯишаванда аст. Аксар вақт додаҳо дар ҷадвалҳои қиёсии гуногун пешниҳод мешаванд. Гарчанде, ки онҳо дар як ҷадвали қиёсии мантиқӣ якҷоя шуда наметавонанд, ШСН коркарди чунин додаҳоро таъмин менамояд. Аз ҳама мураккаб дар амсилабандӣ тартиб додани амсилаи масъалаҳои сустформализатсияшуда аст. Дар ШСН ин масъала ҳалли худро меёбад ва бо роҳи муайян намудани қиёсҳои ноаёни мушоҳидаҳо ба даст меояд. Дигар хусусияти самарабахши истифодаи ШСН худнигоҳдории хосиятҳо ҳангоми хароб шудани қисми тасодуфан интихобшудаи ШСН ва худтакмилдиҳӣ мебошад.

Алгоритми истифодаи ШСН дар раванди ҳалли вазифаи пешгӯӣ чун пайдарпайии амалҳои зерин тасаввур мешавад. Дар навбати аввал муайян мекунад, ки сохтори шабакаи додаҳо, динамикаи равандҳо ҷараён мегиранд. Агар нагиранд, онҳо дар ҷадвалҳои алоҳида ҷойгир шуда, алоҳида коркард мешаванд. Ин амал ба истиснои суръати пешгӯӣ гузаронида мешавад.

Дувум, агар коэффитсиентҳои додаҳои априорӣ вазн надошта бошад, ҳатман вазифаҳои онҳо муайян карда мешавад. Ин худ меҳнати тадқиқотии хосеро талаб мекунад. Аз тарафи дигар, ба наздик шудани параметрҳои ҷудогона коркардшуда замима мегузорад. Ниҳоят ба интиқол додан аз тарафи шабакаи нейронӣ ва фаъол гаштани онҳо замина мешавад. Ҳамин тариқ, ҳалли масъала ба воситаи алгоритми мутобиқшавӣ ба даст меояд.

Ба амсилаи шабаки нейронӣ ҳангоми пешгӯӣ истифодаи теъдоди назарраси аломатҳои факторӣ хос аст [83,с.384]. Бояд гуфт, ки ҳар як минтақа нишондиҳандаҳои ба худ хос дорад ва ба интихоби он чанд омилҳои дигар вобаста аст. Тараққии минтақа ё худ сатҳи хизматрасонӣ ва ғайра инро муайян менамояд. Тавсифи асосии он ғайрикофӣ будани маҷмуи аломатҳои факторӣ мебошад. Истифодаи нишондиҳандаҳои гуногунҷинсии натуралӣ дар амсилаҳо муаммои дигаре мебошад. Хусусияти тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо аксаран пешгӯинашаванда буда, ба ҳам вобаста нестанд. Ин ҳолат дар амсила маҳдудиятҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Ояндабинии фаврӣ ва кӯтоҳмуддат барои пешгӯӣ кардани талаботи сайёҳӣ бештар қобили қабул аст. Онҳо бо амалӣ гардонидани шабакаҳои нейронӣ ва архитектураи интихобгардида фарқ мекунанд. Инкишофи мустақими сигналҳо дар истифодаи шабакаи нейронӣ, аз ҷумла персептронӣ бисёрқабата бештар қобили қабул мебошад.

Хусусияти зиёд доштани захираҳо ва омилҳои хусусӣ бо ҳам алоқа ёфтани амсилабандии соҳаро низ мураккаб мегардонад. Ин ба сифати амсила ва дар навбати худ, ба сифати натиҷа низ таъсир мерасонад. Дар як қатор корхонаҳои сайёҳӣ чунин фаъолияти тиҷоратӣ дучор мешаванд, аммо онҳо низ аз бисёр омилҳои беруна вобастагӣ доранд: сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ. Барои дарёфти натиҷа дар ин ҳолат корҳои тадқиқотии мушахас талаб карда мешавад. Мебоист ин масъалаҳо дар вобастагӣ ва ҳамоҳангсозӣ ҳалли худро ёбанд. Умуман, истифодаи назарияи системавӣ дар ин соҳа алалхусус дар самти рушди сайёҳӣ нисбатан натиҷа доданд. Дар Тоҷикистон чунин коркардҳо акнун истифода шуда истодааст, аммо мушкилиҳо пеш меоянд. Дар навбати аввал, ин коркарди амсилаҳои рушди маҷмааҳои сайёҳӣ, аз ҷумла таҷдиди объектҳо, сохтмони объектҳои нав, оптималӣ

гардонидани таҷдиди сохторҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва, асосан, сохтани сохторҳои нави онҳо мебошанд. Чунин амалҳо ҳатман бо баробари гирифтани омилҳои бозорӣ иҷро мегардад. Коркарди марказӣ, фазои ягонаи иттилоотии сайёҳон зарур мебошад. Ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ дар сайёҳӣ бисёр муҳим мебошад ва дар ҳар марҳалаи фаъолият аз дуруст ҷобаҷо кардани сохторҳо дар минтақаҳо ва мундариҷаи амсилаҳои иқтисодии маҷмааҳои сайёҳӣ вобаста аст. Ёфтани қимати оптималии ин дар созгор кардани манфиатҳои давлат ва минтақа нуҳуфта мебошад.

Методи системавӣ бояд асоси сохтани амсилаи иқтисодиро ташкил намояд. Дар натиҷа, амсилаҳои коркардӣ дар минтақа афзоиши истеҳсолиро таъмин намуда ва ҳам ин мақсадро ба воситаи амсилаҳои гуногуни минтақавӣ имконпазир мегардонад. Аз тарафи дигар, байни амсилаҳои дохили маҷмааҳои сайёҳӣ, бигзор иқтисодӣ бошад ҳам, ҳамоҳангсозӣ пойдор мегардад. Имрӯз олимон дар идоракунииояндадор ба амсилаҳои такрорёбанда (имитатсионӣ) бештар майл доранд. Асосан, аз он бармеояд, ки чунин амсилаҳо, дар навбати аввал, ба амсилабандии сохторӣ такя мекунанд ва, дар навбати дуюм, онҳо ба маҳсулоти барномавии сохторӣ асос ёфтаанд.

Максималӣ гардонидани фоида ҳадафи асосии тиҷорати сайёҳӣ мебошад. Аз тарафи дигар, минималӣ гардонидани хавфҳои фаъолияти тиҷорати сайёҳӣ бо назардошти рақобат низ масъалаи ҳадафӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси арзёбии муфассал таҳлили омилҳои сершумор ба фоида таъсир мерасонанд ва бо имитатсияи вазъиятҳои мухталиф бояд сиёсати тиҷорати сайёҳӣ тартиб дода шавад. Хавф ва даромаднокӣ дар тиҷорат, асосан, ба як самт тағйир меёбанд, яъне бо зиёд шудани даромаднокӣ қабули қарор аз ҳамин шароит бар меояд.

Чи тавре, ки гуфта шуда буд, амсилабандии соҳаи сайёҳӣ, ё худ рушди он масъалаҳои бисёр мураккаб мебошад. Ин аз он бармеояд, ки дар соҳаи сайёҳӣ воқеаҳои тасодуфӣ ва ғайритасодуфӣ печдарпечанд, яъне шакли алоқамандии мураккабро доранд. Аз ин лиҳоз, амсиласозии тиҷорати сайёҳӣ низ масъалаи бисёр мураккаб ба ҳисоб меравад.

## Хулосаи боби якум

1. Аз нуқтаи нигоҳи таърихӣ, дар миқёси байналмилалӣ фаъолияти сайёҳӣ соҳаи нисбатан ҷавон буда, вақтҳои охир ба он таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шуда, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Новобаста аз рушди пуршиддати он ҳамчун як фаъолият ё соҳа дар шароити имрӯза норасоии бунёди назариявии аз эътирофи аҳаммияту таъсири сайёҳӣ ба иқтисодиёт, қувваи таҳаввулотӣ дар ин соҳа мушоҳида мешавад.

2. Муҳтавои мафҳумҳои маҷмааи сайёҳӣ маҳсулоти таҳқиқгардида, нақш ва мавқеи сайёҳӣ дар маҷмуи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вазифаҳои иқтисодии сайёҳӣ мураттаб ва муайян карда шудаанд.

3. Ҳавасманд гардонидани рушди иҷтимоию иқтисодиро дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ вазифаҳое, ки сайёҳӣ иҷро мекунад, чун воситаи муосир таъмин менамоянд. Дар ҳудуди минтақаҳои мушаххас чунин функсияҳои сайёҳӣ бештар зоҳир мешаванд.

4. Таҳлили амсилаҳои асосии рушди сайёҳӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ, бо тақозои вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ гузаронида ва арзёбӣ шуд;

5. Сарфи назар аз истифодаи хеле васеъ ва гуногунҷанбаи усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ, амсилаҳо ва усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааҳои сайёҳӣ такмили минбаъдаро тақозо мекунанд. Чунин коркардҳо, махсусан, дар замони ҳозира аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

# БОБИ 2. АМСИЛАСОЗИИ ИҚТИСОДӢ-МАТЕМАТИКИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲӢ

## 2.1. Меъёрҳои иқтисодии оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ

Идора кардани соҳаи сайёҳӣ ва тиҷорати сайёҳӣ мураккабии худро дорад. Дар навбати аввал, хизматрасонии сайёҳӣ бисёрсоҳавӣ мебошад. Аз тарафи дигар, омилҳое, ки ба натиҷаи тиҷорати сайёҳӣ таъсир мерасонад тасодуфӣ мебошад. Аз ин сабаб, ҷалби сармоягузорӣ бисёр мураккаб аст, зеро бояд аввал ба маҷмуи иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ ҷалб шавад. Ҷалби онҳо ба субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо, дар навбати дувум ва севум мебошад. Чунин сабаб татбиқи усулҳои математикиро бартарӣ мебахшад ва истифодаи онҳоро низ ба ҷо мегузорад. Аммо амсилаҳои тадқиқот ва оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ба такмил ниёз дорад. Инро худи динамикаи рушди соҳаи сайёҳӣ талаб менамояд. Тақсими оқилонаи инвеститсияҳо назаррас нест, ҳол он ки инро рушди сайёҳӣ тақозо дорад. Сайёҳӣ падидаи мураккаб мебошад, зеро он инъикоси олами муосир, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии онро дар бар мегирад. Дар ҳудуди як таҳқиқот фаҳмидани моҳияти сайёҳӣ пурра ва ҳамҷониба ғайриимкон мебошад. Дар амал масъалаҳои соҳаро пурра ягон ниҳод ҳал карда наметавонад [116,с.160].

Соҳаи хоҷагии халқ ва ҳам корхонаҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон ва намуди фаъолияти сайёҳон мафҳуми сайёҳиро муайян мекунад. Он маҷмуи байнисоҳавӣ ё бозсозиро низ дар бар мегирад. Дар он ширкатҳои сайёҳӣ аз ҳисоби маҳсулоти соҳаҳои мухталиф лоиҳаҳои сайёҳиро ташаккул медиҳанд. Бинобар ҳамин ҳам таърифи сайёҳӣ бисёр васеъ мебошад ва моҳиятро дар бар мегирад [50,с.288].

Ин ба воҳидҳои истеҳсолӣ низ дахл дошта, фаъолияти истеҳсолии якхела ё ба ҳам монандро амалӣ мегардонад. Объектҳои идоракунии соҳавӣ ба сифати маҷмуи чунин воҳидҳо баромад мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари корхонаҳое, ки эҳтиёҷи сайёҳонро қонеъ мекунанд, ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд. Ин хусусияти байнисоҳавӣ доштани маҷмааи сайёҳиро нишон медиҳад. Маҷмааи сайёҳӣ аз рӯйи фаъолияти корхонаҳо айёният ба мафҳуми тиҷорати сайёҳиро дорад. Гуногунӣ ва сершумории субектҳоро низ дар

бар мегирад. Бояд гуфт, ки дар як вақт ҳам субъект ва ҳам объекти тиҷорати сайёҳӣ ба шумор меравад.




**Расми 2.1.1. -Низоми сайёҳӣ ва тиҷорати сайёҳӣ**

**Манбаъ: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

Низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодиро саноати сайёҳӣ тартиб медиҳад. Ин, дар навбати худ, тартиби амсилаҳои мураккаби динамикиро барои оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ роҳи мувофиқро талаб менамояд. Баробари шароитҳои нави макроиқтисодӣ, ташаккули бозори хизматҳои сайёҳӣ ҳамчунин хусусияти сервариантии истеҳсоли онҳоро тақозо (талаб) дорад. Бо якҷинса набудани таркиб ва замон равияи сайёҳони вурудӣ тавсиф мешавад.

Маҷмуи амсилаҳои сайёҳӣ бояд ба маълумоту дастурҳои асоснок такя намуда, ба такмили пойгоҳи моддии он равона гардад. Пешниҳодҳои бодалел оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳиро амсилаҳо бояд акс диҳанд. Махсусияти объекти таҳқиқ ва хусусияти ғайристатсионарии шароитҳо нишон медиҳад, ки имконияти амсиласозии таҳлилӣ маҳдуд мебошад.

Барои тасаввури фаъолияти объекти тадқиқот дар шакли воқеӣ амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ имкон медиҳанд. Инъикоси пурраи рушди маҷмуи сайёҳиро бо назардошти ҳамгироии он равандҳои нави ташаккули бозори сайёҳӣ таъмин менамояд. Рушди намуд ва шаклҳои сайёҳӣ дар оптималӣ гардонидони фаъолияти сайёҳӣ бояд бартар дониста шавад. Чунин амсилабандӣ истифодаи самараноки захираҳои сайёҳиро таъмин менамояд. Рушди маҷмуии афзоиши назарраси воридоти сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳуриро на танҳо сайёҳӣ таъмин

менамояд, балки бо ҷалби соҳибкории байналхалқӣ ба ҷумҳурӣ ва ҳамкории онҳо мусоидат хоҳад кард. Бо роҳи фароҳам овардани шароит барои ба иқтисоди миллӣ таъмини сармояҳои хориҷӣ имконпазир мегардад.

Бозгашти саривақтии сармоягузорӣ бисёр муҳим мебошад. Дар ин ҷода арзиш ёфтан ва истифодаи маблағгузорӣ дар иқтисоди сайёҳӣ бисёр муҳим мебошад. Фоидаи калонро аз сармоягузорӣ, саривақт баргардонидани онро арзиши харҷи бештар пастари маблағгузорӣ таъмин менамояд. Миқдори зарурии самти истифодаи сармояҳоро танҳо истифодабаранда метавонад муайян намояд, зеро он ҳам ба харидани обектҳои моддию ашёӣ сарф мегардад. Харҷҳои хариди воситаҳои асосию гардон низ қисми таркибии сармояро ташкил медиҳанд. Нишондиҳандаҳои меъёри муайян кардани истифодаи сармоя аз ҳам вобаста мебошад. Дар навбати аввал, ин ҳаҷми фоида аз сармоягузорӣ, инчунин самти сармоягузорӣ аст. Ин нишондиҳандаҳо меъёри сармояро муайян мекунанд. Дар бозори сайёҳӣ ба тақвияти фаъолнокии сармоягузорӣ сиёсати давлатӣ ва дигар тадбирҳои ҳавасмандӣ мусоидат мекунад, ба монанди имтиёзҳои андозӣ ба фоида дар тиҷорати сайёҳӣ ва ғайра.

Аз рӯйи ин самтҳо арзёбии ҷаззобияти инвеститсионии мамлакат- сатҳи амнияти фаъолияти сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори сармоягузорӣ, рушди умумииқтисодии мамлакат, мушаххасоти демографӣ, инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва инфрасохтори тиҷоратӣ амалӣ мегардад.

Сатҳи даромаднокии миёнаи соҳавии фаъолияти корхонаҳои соҳа ояндаи рушди соҳа ва ҷаззобияти инветитсионии соҳаи сайёҳиро муайян мекунад. Ин гуфтаҳо аҳаммияти иҷтимоии соҳаро дар иқтисоди мамлакат ва дастгирии давлатии сатҳи соҳаро дарбар мегиранд. Коэффитсиенти даромаднокии дороиҳо, фурӯши маҳсулот бидуни хароҷоти ҷорӣ сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳавиро муайян мекунад.

Ҳалли масъалаҳои сайёҳӣ зарурати сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳиро нишон медиҳад. Дар навбати аввал, мавҷудияти теъдоди калони иштирокдорон ва ҷамъи воситаҳои назарраси молиявиро рушди саноати сайёҳӣ дар марҳалаи ташаккули портфелӣ, инвеститсионӣ ва сохтмон, таҷдид талаб менамояд.

Чунин ҳолат дар марҳалаи фаъолияти корхонаҳо низ давом меёбад. Ҳангоми мавҷуд будани сайёҳӣ ташаккули маҷмуи сайёҳии рақобатпазир, натиҷаҳои аз ҳама баланд дар бобати хароҷотбарории сармояи гузошташуда ба даст меояд. Ин, албатта, дар ҳамаи марҳалаҳои истеҳсол ва фурӯши хизматҳои сайёҳӣ вуҷуд доштани инфрасохтори инкишофёфтаи махсусро пешбинӣ мекунад.

Иҷрои ин маҷмуи масъалаҳо барои ба даст овардани ташкили ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳамҷавор, афзоиши даромади буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла воридоти асъорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, ҳифз ва таҷдиди объектҳои мероси фарҳангӣ ва табиӣ инмкон медиҳад. Аз ин рӯ амсилаҳое, ки барои рушди сайёҳӣ таҳия мегарданд, бояд ин ҷанбаҳоро ба назар гиранд [43,с.55-62].

Дар навбати аввали ин даврият сохтмон ва таҷдиди объектҳои сайёҳӣ ва хусусияти системии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар шароити бозор ба назар гирифта шудаанд. Онҳо дар омилҳои механизмҳои маблағгузорӣ, инвеститсияҳо, фоидаи реинвеститсияи маҷмааи сайёҳӣ бояд инъикос ёбанд.

Ҳангоми амсиласозии равандҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ ба назар гирифтани ҳама гуна ҳолатҳо зарур мебошад. Имрӯзҳо дар Тоҷикистон қариб ҳамаи амволи соҳаи сайёҳӣ ғайридавлатӣ шудаанд. Дар назди онҳо на танҳо сохтмони объектҳои нав, балки вазифаи таҷдид ё то ба сатҳи муайяни хизматрасонӣ расонидани он истодааст. Васеъ намудани объектҳои мавҷуда, модернизатсияи онҳо ва дар ин асос, зиёд намудани иқтидори онҳо аз ҷумлаи ин масъалаҳо мебошанд.

Дар амсилаи рушд бояд вариантҳои таҷдид ва амалкарди объектҳои мавҷуда ҳатман акс дода шавад.

Дар ҳар як маҷмааи сайёҳӣ шароити хос барои рушди соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ вуҷуд дорад. Истифодаи иқтидори табиӣ дар вариантҳои махсуси ташкили хизматрасонӣ, амалкарди маҷмааи сайёҳӣ дар ҳар маврид бояд ба назар гирифта шаванд. Баробари сохтори вариантҳои фаъолияти ҷорӣ манбаъҳои маблағгузоририи сохтмонро низ ташаккул додан лозим аст. Ба назар гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ дар баробари баррасии вариантҳои фаъолият ва рушди он зарурати арзёбӣ ва ба ҳисобгирии маҳдудиятҳои захиравӣ ва омилҳоро пешбинӣ

мекунад. Ин омилҳо сатҳи тарофаҳо ба хизматрасонӣ, арзёбии иқтидори табиии маҷмааи сайёҳӣ, ҳаҷми талаботу пешниҳодоти хизматрасониҳоро муайян менамояд.

Меъёрҳои софи иқтисодӣ ягона критерияи оптималӣ будани рушди сайёҳӣ дар шароити бозорӣ мебошад. Аз ҳисоби максималӣ гардонидани фоидаи ба даст омада бояд талафоти сармоягузорӣ минималӣ гардонида шавад. Шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ имрӯзҳо дар Тоҷикистон назаррас аст. Бояд гуфт, ки тамоюли мусбат, умуман, дар соҳаи сармоягузорӣ ба назар мерасад. Зарур аст, ки шароитҳои гирифтани инвеститсияҳо ва манбаъҳои ташаккули ин воситаҳо бояд дақиқ инъикос дода шавад. Ба ин нархи сармояи қарзӣ ва вариантҳои тақсими онҳо ба самту объектҳо дохил мешавад. Ба ҳар ҳол, маҳдудияти воситаҳои инвеститсионии аз манбаъҳои беруна воридшаванда ҷой дорад. Ин водор менамояд, ки имконияти таҷаммуи воситаҳои худӣ дар реинвеститсия намудани қисми фоида ба маҷмааи сайёҳӣ асоснок карда шавад. Дар ин навбат сохтмон ва ба истифода додани объектҳои маҷмааи сайёҳӣ низ асоснок гардид.

Самарабахшии сармоягузориҳо, меъёрҳои динамикии он бояд ҷавобгӯи имконияти воқеии МС бошад. Барои иштирок дар амалӣ гардонидани рушди МС пешбинии имконияти ҷалби сармояи хориҷӣ бо тақсими минбаъдаи ҳиссавии фоида мувофиқи мақсад мебошад. Дар бозори ҷаҳонӣ омӯзиши рақобатпазирии маҷмааи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳатман бояд ба назар гирифта шавад. Фаро гирифтани маҷмуи хизматрасонӣ ва таъмини он хеле муҳим аст.

Аз ин рӯ, намудҳои сайёҳӣ, инчунин маҷмуи хизматрасонӣ ва меъёрҳои он мумкин аз ҳам фарқ кунанд. Маҷмуи махсуси хизматрасонӣ дар вариантҳои хатсайри сайёҳатҳо аз рӯйи харҷи расонидани ин хизматҳо метавонад ташаккул ёбанд. Арзиши хизматрасониҳо дар ин ҳолат ҳам бояд фарқ дошта бошанд. Ташкили тиҷорати сайёҳӣ, таҳия ва арзёбии вариантҳои мухталифи сайёҳатҳо кори оператори сайёҳӣ мебошад. Дар як вақт ин вариант чун маҳсулоти пешкашшудаи сайёҳӣ зоҳир мешавад. Чунин тамоюли самти сайёҳатҳо ва рушди сайёҳӣ бояд мақсаднок арзёбӣ шаванд. Дар шароити маҳдудияти захираҳо, меъёрҳо, фоидаоварии комили хизматрасонӣ интихоби варианти аз ҳама беҳтарин таъмин

мегардад. Ин гузориш масъалаи оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Меъёрҳои динамикии рушд водор менамояд, ки амсилаҳои динамикӣ-оптимизатсионӣ пешниҳод гарданд, ки ин мувофиқи гузориши масъала мебошад. Дар фосилаи муайянии вақт вариантҳои рушди низом ба баҳодиҳии иҷтимоию иқтисодӣ бо ташаккули ин арзёбиҳо инъикос дода мешавад. Ба як лаҳзаи вақт овардани харҷҳои замон ва натиҷаашон гуногун ва ба қиёс овардани онҳо бисёр муҳим мебошад. Ин дар мувофиқат бо қоидаи дисконткунӣ сурат мегирад. Натиҷаҳои амалкарди объектҳои нав ва таҷдидшуда бо харҷҳои ҷорӣ ва сармоягузориро ба сохтмон дар меъёрҳои динамикии оптималияти рушди МС қиёс ва арзёбӣ кардан лозим аст. Дар давраи рушди маҷмааи сайёҳӣ ва баромадани он ба режими амалкарди оптималӣ низ инро бояд ба назар гирифт.

Дар ҳолати зиёд будани омилҳои таъсиррасон, мебоист онҳо баҳогузорӣ гарданд. Вобаста аз он кам намудани миқдори онҳо имконпазир мегардад ва чунин коркард пеш аз амсилабандӣ, дар вақти коркарди маҷмӯи маълумотҳо иҷро карда шавад. Дар ин равия бояд аз усули бисёрченакаи коррелятсионӣ-регрессионӣ васеъ истифода бурда шавад.

Таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ яке аз усулҳои асосӣ дар таҳлили иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳамбастагӣ бо назардошти мутобиқат, ҳамчунин бо тренди амсиласозии математикӣ, тасвири тағйирёбии динамикӣ ҳангоми нишондоди иқтисодӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Ҳамчун амсилаи фактори воҳид ва амсилаи таназзули ҷамъ васеъ мавриди истифода қарор мегиранд [86].

Таҳлили муҳтавои мундариҷа ва марҳилаҳои асосии коррелятсионӣ-регрессионӣ дар таҳқиқот бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Таҳлили коррелятсионӣ марҳилаи аввали таҳлили омори муштараки нишондиҳандаи тадқиқот маҳсуб меёбад. Масъалаи асосии таҳлили коррелятсионӣ аз баҳогузорӣ ба моҳияти нишондод, ки ба баробарии таназзул вобаста аст иборат мебошад. Корреляція ин вобастагии оморӣ байни бузургии тасодуфӣ (робита надоштан бо қонунҳои муқарраргардида), таъсири тағйирёбии арзиши яке аз бузургии тасодуфӣ ба тағйирёбии дигари интизори математикӣ ба шумор меравад.

Вобастагии ҷуфт, робитаи байни ду аломат (натиҷавӣ ва факторӣ ё ҷуфти факторӣ) мебошад. Вобастагии хусусӣ, мувофиқат байни натиҷа ва як фактори таъсиррасон ҳангоми бе тағйир будани дигар факторҳо ба шумор меравад. Вобастагии ҷамъ ин вобастагии факториву натиҷавӣ аз ду ё зиёд факторҳои таъсиррасон маҳсуб меёбад.

Мақсади таҳлили вобастагӣ миқдоран муайян намудани зичии байни ду нишондиҳанда (ҳангоми таҳлили вобастагии ҷуфт) ва байни нишондиҳандаи натиҷавӣ ва дигар нишондиҳандаҳо (ҳангоми таҳлили рабти бисёрфактора) ба шумор меравад.

Миқдоран зичии вобастагиро коэффитсенти коррелятсия ифода менамояд. Охирин, бо миқдоран пешниҳод намудани зичии вобастагии факторҳои таҳлилшаванда имконият медиҳад, ки аҳамияти ин факторҳо дар сохти муодилаи регресионии бисерфактора муайян гардад.

Хусусияти мутлақи бузургии таназзули коэффитсиент ҳамчунин мутобиқати арзиши баробарии таназзули муайян дар марҳилаи рабти таҳлили таназзули сабабӣ-озмоишӣ мусоидат менамояд.

Расман амсилаи мутобиқату таназзул бо раванди омӯзиши Y ва факторҳои $\bar{X}$ робита доштаро, ба намуди зерин:

$Y(t)=f(x_1(t),\ldots,x_n(t), \varepsilon(t))$ пешниҳод кардан мумкин аст (2.1).

ки (t) нишондиҳандаи хусусияти миқдор, раванди арзиши ҳолати тадқиқотро дар лаҳзаи замони t; $x_i(t)$ – хусусияти фактори i-, ки дар раванди таъсири Y(t); $\varepsilon(t)$ – ғалати баробарӣ хусусияти тасодуфиро доро аст.

Бояд қайд кард, ки интихоби тобеияти таҳлил, амсилаи тасвирӣ дар марҳилаи муайян мулоҳизаи тадқиқи шахсӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, баъзе аз қоидаҳои умумиро, ки одатан ҳангоми сохтани амсилаи иқтисодӣ роҳандозӣ мегардад, ташаккул додан мумкин аст.

Мавҷудияти шаклҳои гуногуни робита байни тағйирёбиро назария иҷозат медиҳад. Мисоли онҳо мустақилияти вазифавии зерин ба ҳисоб меравад:

1. Вазифаи хаттӣ:

$$Y(t)=a_0+a_1 \cdot x_1(t)+ \ldots +a_n \cdot x_n(t)+\varepsilon(t); \quad (2.2)$$

2. Вазифаи зинавӣ:

$$Y(t)=e^{a_0} \cdot x_1^{a_1}(t) \cdot \ldots \cdot x_n^{an}(t) \cdot \varepsilon(t); \quad (2.3)$$

3. Вазифаи гиперболӣ

$$Y(t)=a_0+{}^{a_1}/_{x_1(t)}+\ldots+{}^{a_2}/_{x_n(t)}+\varepsilon(t) \quad (2.4)$$

ки $a_1$(i=0,1,…, n) – амсилаи коэффитсиенти таназзул, ки таъсири фактори i-ро вобаста ба тағйирёбии Y(t) хусусият мебахшад. Ҳамин тавр, амсилаи эконометрӣ барои мақсадҳои амалии зерин: барои эзоҳ, барои пешгӯӣ, барои идора намудан ё таъсири мақсаднок барои омӯзиши раванд сохта мешавад ва мавриди истифода қарор мегирад.

Умуман, шароити сохтори амсилаи коррелятсионӣ-регрессионӣ талаботи якхелаи маълумоти ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Маълумоти ибтидоӣ бояд дар асоси мавҷудияти фанни ғайриодӣ таҳлил карда шавад, яъне ба куллӣ аз бузургӣ ва Тартиботи мазкур аз ҳисоби миқдори арзиши якхелаи маълумоти ибтидоӣ аз рӯйи меъёри муайян (якандозагӣ ва бисёрандозагӣ) ва мақсадҳои муайян намудани ҳамон назорати объектҳоро доро аст, ки дар онҳо беҳтарин (ё баръакс бадтарин) шароити вазифавӣ оид ба сабабҳои ғайримустақил ё мустақил иҷро мегардад.

Баъд аз коркарди маълумот оид ба соҳа мавҷудияти "ғайримуққарарӣ" гузаронидани санҷиши тасҳеҳи маълумоти боқимонда зарур аст. Бояд дар назар дошт, ки ҳалли имконпазир ё омори масъалаҳои иқтисодӣ бояд дар асоси мафҳуми пурраи методологӣ ва васоити дастгоҳҳои диққатҷалбкунанда, тасҳеҳи интихоби маълумоти ибтидоии таҳлили иқтисодӣ ва математикӣ-оморӣ асос ёбад.

Барои хусусияти робитаи зич байни ду тағйирёбӣ одатан қимати он – интихобан коффитсенти $r_{xy}$, агар маҷмуи интихоб омӯхта шавад мавриди истифода қарор мегирад. Коэффитсиенти ҷуфти мувофиқат дар ҳолати шаклҳои хаттӣ аз рӯи формула тасниф мегардад [56]:

$$r_{xy} = \frac{\sum_{i=i}^{n}\left(X_i - \overline{X}\right)\left(Y_i - \overline{Y}\right)}{nS_xS_e} \qquad (2.5)$$

Дар ҳолати микдори ками назорат тасҳеҳи коэффитсиенти ҷуфти мувофиқатро бо шакли зерин тасниф намудан мувофиқ аст [56]:

$$r_{xy} = \frac{n\sum_{i=1}^{n} X_iY_i - \sum_{i=1}^{n} X_i * \sum_{i=1}^{n} Y_i}{\sqrt{\left[n\ \sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} X_i\right)^2\right]\left[n\ \sum_{i=1}^{n} Y_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} Y_i\right)^2\right]}} \qquad (2.6)$$

ки $X_i$ — хусусияти *1*-уми фактори тағйирёбии ғайримустақил,

$Y_i$- хусусияти *У* фактори тағйирёбии баён,

i = 1,...,(ки *n* – микдори дохил кардан ба модели факторҳо).

Бузургии коэффитсиенти мувофиқат дар фосила тағйир меёбад – 1$\leq r \leq 1$.

Ҳангоми $r_{xy} = -1$ байни ду тағйирёбӣ *X ва Y* робитаи вазифавӣ, ҳангоми *Гxy =1* – робитаи вазифавии пурра мавҷуд аст. Агар $r_{xy}$ = 0, аммо хусусияти *x =X(*t*)* ва *y = У(t)* барои интихоб кардан мувофиқат намекунад. Агар коэффитсиенти мувофиқат дар фосила ҷой дошта бошад [-1;0], байни бузургии *x=X(t)* ва *y =У(t)* робитаи баръакси мувофиқат мавҷуд аст. Ин ҳангоми таҳлили визуалии маълумоти аввал тасдиқи худро дармеёбад. Дар ин ҳолат тамоили бузургии у =*У(t)* аз моҳияти миёна бо аломати баръакс гирифта мешавад.

Агар ҳар як хусусияти ҷуфти бузургӣ *x =X(t)* ва у *=У(t)* баробар боло (поён) хусусияти мутобиқати миёнаро доро бошад, пас байни бузургӣ мустақилияти

бевоситаи мувофиқат вуҷуд дорад ва дар ин ҳолат коэффитсиенти мувофиқат дар фосила қарор мегирад [0;1]. Агарчи бузургии тамоюлӣ $x = X(t)$ аз хусусияти миёна доимо якхела бузургии тамоюлиро поён аз хусусияти миёна ба миён орад у = $У(t)$ ва аз ин рӯ, тамоюл гуногунсамт ба назар мерасад ва тахмин меравад, ки хусусияти коэффитсиенти мувофиқат ба таври асимптомӣ ба сифр ҳаракат мекунад.

Бояд зикр намуд, ки хусусияти коэффитсиенти мувофиқат аз воҳиди ченак ва интихоби нуқтаи аввали сарҳисоб вобастагӣ надорад. Ин чунин маъно дорад, ки агар тағйирёбии $x = X(t)$ ва у $= У(t)$-ро кам (зиёд) кунем дар k як, ё ба ҳамон як шумораи *с,* пас хусусияти коэффитсиенти мувофиқат тағйир намеёбад. Марҳилаи басо мураккаб, таҳлили таназзули анҷомёфтаистода тафсири натиҷаҳои бадастомада, яъне тарҷумаи онҳо аз забони омор ва математика бо назардошти забони иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Тафсири модели таназзул бо он усули соҳаҳои илму дониш ба роҳ монда мешавад, ки ба раванди таҳқиқ мутааллиқ мебошад. Ҳар як тафсир аз баҳогузории омори баробарии таназзули комил ва хусусияти баҳогузории ба аломати модели фактор дохилшаванда, яъне омӯзиши динамика, таъсири онҳо ба бузургии натиҷавии аломатҳо сарчашма мегирад. Ҳар қадар бузургии коэффитсиенти таназзул бузург аст, ҳамон қадар таъсири аломати мазкур ба раванди таҳқиқот муҳим мебошад. Хусусияти асосӣ барои ин аломати коэффитсиенти таназзул мебошад. Аломати коэффитсиенти таназзул хусусияти таъсири аломати таҳлил ба ҳолати равандро бозгӯ мекунад. Агар нишонаи фактори аломат мусбат бошад, зиёдшавии фактори мазкур боло меравад, агар аломати фактор манфӣ бошад дар ин вақт натиҷаи аломат поён меравад. Аломатҳои тафсир комилан бо аломатҳои амсилаҳои муҳтавои иқтисодӣ муайян мегардад. Агар бузургиии он ба самти болоравӣ майл кунад, нишонаҳои мусбати аломатҳои факторӣ ба таъсири мусбати комилан мувофиқ ишорат мекунад. Ҳангоми тағйирёбии аломати натиҷавӣ дар самти поёнравӣ таъсири мусбат барои хусусияти манфии аломатҳои факторӣ мерасонад. Аломати факторӣ бояд нишонаи мусбат дошта бошад, вале он дар баробарии нишонаи манфӣ иштирок дорад, аз ин рӯ бояд вусъати ҳисоби баробарии таназзулро мавриди санҷиш қарор додан муҳим аст.

Интихоби факторҳо барои амсилаи эконометрӣ дар ду марҳила сурат

мегирад: якум, нақши асосиро таҳлили мундариҷа аз рӯи натиҷа мебозад, ки таҳқиқгар доир ба мақсад мувофиқ будани ин ё он равандро ба сифати тағйирёбӣ, ки меъёрҳои рушди раванди тадқиқотро муайян менамояд дида баромадан; дуюм, гурӯҳи пешакӣ интихоб намудаи факторҳо бевосита аз рӯи натиҷаи таҳлили омор муайян мегардад. Бояд баҳо ва хусусияти таҳлили коэффитсиентҳои ҷуфти таназзулро чун байни факторҳо, ҳамчунин байни ҳар яке аз онҳо вобаста ба тағйирёбӣ ва дар оянда интихоби гурӯҳҳои хусусиятҳои факторҳоро амалӣ намуд. Дар бунёди тартиби мазкур андешаҳои зерин қарор дорад.

1. Агар фактори $x_i$ таъсири амиқ ба тағйирёбӣ расонад, Y, пас хусусияти комили коэффитсиенти таназзули ҷуфт $r_{xiy}$ бояд баъзе аз хусусиятҳои ҳудудро боло барад.

2. Агар ду фактор $x_i$ ва $x_j$ барои тағйирёбии Y дар ҳақиқат муҳим бошад, байни онҳо робитаи зич ба назар мерасад (яъне, коэффитсиенти таназзули ҷуфт ба таври кофӣ аз рӯи бузургии хеш басо калон менамояд), пас яке аз ин факторҳо бояд аз омӯзиши оянда дар канор монад. Яке аз шарти овардашуда дохилшавӣ ба гурӯҳи тағйирёбии ҳамон факторҳоеро таъмин менамояд, ки ба раванди мавриди омӯзиш таъсири бузурги хешро мерасонад. Дар асоси шарти дуюм кӯшиши аз байн бурдани «ҳисобкунии дукарата»-и таъсир ба тағйирёбандаи вобастаи ҳамон робитаи сабабӣ сурат мегирад. Пас, агар байни факторҳои $x_i$ ва $x_j$ робитаи назаррас вуҷуд дошта бошад ҳар кадоми онҳо ба тағйирёбии вобастаи Y таъсир мерасонанд ва маълум мешавад, ки ё робитаи $x_j$ бо $Y$ бо таъсири $x_i$ ба миён омадааст ё ин ки баръакс.

## 2.2 Амсиласозии математикии оптималӣ гардонидани рушди сайёҳӣ

Ҷолибияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ ва тақсимоти он бояд мавриди тадқиқ қарор дода шаванд. Ба ин ҳадаф тақсимоти индустрияи сайёҳиро ба $N$ – объектҳо ҷорӣ менамоем. Чунин тақсимот бо соҳаҳои хизматрасонӣ ба монанди ҷойгир кардан, таъмини нақлиёт, ташкилу таъмини хӯрок ва ғайра мувофиқ мебошад. Объектҳои сохтмонии нав ва объектҳои мавҷуда ё таъмирталаб ба маҷмуи объектҳо дохил мешаванд.

Ба ин мақсад чунин ишораҳоро истифода мебарем: Q – маблағгузорӣ барои рушди сайёҳӣ ё ҳаҷми умумии он. Он ҳиссаи Q танҳо барои рушди соҳаи саноати сайёҳӣ равона карда мешавад. $X_i$, дар ин ҷо $i(i = \overline{1.N})$ ва $Q_i = Q_{xi}$ танҳо он маблағҳоест, ки ба рушди соҳаи $i$ сайёҳӣ равона шудааст. $Q_i^r$ – ҳаҷми маблағгузории ба соҳаи $i$ равонашаванда дар давраи $r$ бо мақсади сохташавӣ ё таъсири объектҳо танҳо дар давраи $r$. Саҳеҳ ишора гузоштан дар амсилабандӣ бисёр муҳим мебошад, зеро дар паси ишораҳо мафҳуми зарурии иқтисодӣ дар назар дошта шуда, маънидоди натиҷа низ аз ин вобастагӣ дарад.

Бо $q^r$ тавоноии сохтмони нави $j$ ишора шудааст. τ – давраи сохтмонро нишон медиҳад. Арзиши сохтори нави $j$ дар давраи τ гузаронида мешавад, ки дар сектори $i$ чун $C_{ij}^r$ ишора шудааст.

Тавонои сохтори $i$ , кадоме, ки дар давраи $T$ татбиқ мешавад $Q_{oi}^r$ ишора шудааст. Дар ин ҷо $o$ – оғози давраро нишон медиҳад.

Ишораҳоеро, ки мо дохил накардем, иқтидори имконпазири сохтори ($i$) ва нархи маблағгузории манбаи якум мебошад ($Pi$).

Бузургиҳои муҳимми амсила воридшавии маблағ аз сектори $i$ дар давраи ишорашуда $Q_i^\tau$ мебошад ва маблағҳои сармоягузории истифоданашуда дар давраи τ дар сектори $i$, $\Delta Q_i$ ҷой гирифтаанд.

Бояд ҳар як теъдоди сайрҳо ва фоидаи соф аз онҳо ба эътибор гирифта шавад. Агар теъдоди сайёҳиро $U_K^r$ қабул кунем, он гоҳ фоидаи софи дар ин давра ҳосил мешуда ба $d_K^r$ баробар мегардад. Як бузургӣ бояд саҳеҳ маънидод шавад ($W_{iK}$). Ин ҳам бошад талабот ба $T$ мувофиқкунандаи $i$-и намуди сайёҳии $K$ мебошад.

Хароҷот ё фоидаҳое, ки дар марҳалаҳои гуногун гузаронида мешаванд ё ба даст меоянд, ба як вақт, ба оғози (τ) тавассути табдилдиҳии ин формула оварда мешавад.

$$\alpha_\tau = \frac{1}{(1+r)^{s^\tau}}\ , \quad \tau = \overline{1,T} \quad (2.7)$$

Дар ин ҷо ишораҳо маълуманд ба истиснои соҳае, ки барои татбиқ сарф шудаанд ва чанд давра татбиқро тақсим кардем (*T*). Дар ин ҷо фоидаи сармоя низ гирифта шудааст. $B$ – коэффисенти меъёрии нишондиҳандаи бисёр муҳим аз ҳисоби фоидаи дар чанд вақт сармояи гузошташуда баргардонида ва ба таври зайл ҳисоб мешавад.

$$\beta = \frac{1}{t_{cp}} \quad (2.8)$$

Дар соҳаи сайёҳӣ меъёри қабулшудаи соли баргардонӣ ба $\tau_{\text{ср}}$ баробар аст, ки албатта аз ҳисоби фоида ба даст оварда мешавад.

Маҷмуи манбаъҳои маблағгузорӣ $L$, ҳоло худи фоидаи ворид гардида аз ҳисоби сайёҳон ҳисоб карда нашудааст. Барои ин, бузургиҳоро бояд ба эътибор гирифт. *1c* рақами манбаи маблағгузориҳо аз пасандозҳои хусусӣ мебошад. Аз ҷониби сайёҳ истифода бурдани хизматрасонии $i$ – ро ишора намоем, он гоҳ талаботи сайёҳ ба хизматрасонии *i* ба $m_i$ баробар мешавад. Дар ин ҳолат $V_i$ вақти истифодаи имконияти $i$ – ро нишон медиҳад. Агар бо ишора ба иқтидори хизматрасонӣ $G_i^\tau$ имконияти иқтидорҳои сохторҳои ҷойдошта $q_{oi}^\tau$ ва навворидшаванда $q_{ij}^\tau$–ро ба инобат гирем, он гоҳ хизматрасонӣ бо шумораи сайёҳон ифода меёбад.

$$G_i^\tau = \frac{\left(q_{0i}^\tau + \sum_{j=1}^{J_I} q_{ij}^\tau\right)}{V_j m_i}, i = \overline{1, N}. \quad (2.9)$$

Албатта, ҷараёни сайёҳати сайёҳон беохир нест, ба таври назариявӣ ҳам аз боло ва ҳам аз поён маҳдуд аст:

$$G_{imin} \leq G \leq G_{imax} \quad (2.10)$$

Зиёда аз он чараёни сайёҳӣ доимӣ ё константӣ нест. Ба он бисёр омилҳо аз ҷумла, ба монанди ҷойи зист, мақсаде, ки аз он сафар бармеояд ва монанди инҳо таъсир мерасонанд, Масалан, мақсади сафар талаботи ба худ хос дорад. Талаботи хоса ба хизматрасониҳои сайёҳӣ водор менамояд, ки ин дар саноати сайёҳӣ $C_i$ ба эътибор гирифта шавад:

$$G_i = \sum_{k=1}^{K} G_{ik} \qquad i = \overline{1,N}. \quad (2.11)$$

Микдори сайёҳони навъи *K*, ки хизматрасонии *i* талабот доранд, бо $G_{ik}$ ишора шудааст. Дар ин ҳолат амсилаҳое, ки ҷавобгӯи мақсад аст, чунин ифода меёбанд.

Функсияи мақсад:

$$\sum_{\tau=1}^{T}\sum_{k=1}^{K}\alpha_{\tau} s_{\tau} d_k^{\tau} U_k^{\tau} - \sum_{\tau=1}^{T}\beta\alpha_{\tau}\sum_{i=1}^{N} Q_i^{\tau} - \sum_{\tau=1}^{T}\sum_{l=1}^{L}\alpha_{\tau} Q_l^{\tau} p_l \to \max \qquad (2.12)$$

Маҳдудиятҳоро ба шарти оптималӣ гардонидан:

$$\sum_{k=1}^{K} w_{ik} U_k^{\tau} - \sum_{i=1}^{\tau}\sum_{j=1}^{j_i} q_{ij}^{\tau} \le q_{oi}^{\tau}, i = \overline{1,N}, \tau = \overline{1,T} \qquad (2.13)$$

$$\sum_{j=1}^{J_I} c_{ij}^{\tau} q_{ij}^{\tau} \le Q_l^{\tau}, \quad i = \overline{1,N}, \;\; \tau = \overline{1,T} \qquad (2.14)$$

Ба назар гирифтани иктидори мавҷуда:

$$\sum_{l=1}^{\tau} q_l^{\tau} \le q_{ij}^{p}, \qquad , \;\; i = \overline{1,N}, \;\; j = \overline{1,J_I} \qquad (2.15)$$

Балансҳо оид ба ташкил ва самтҳои истифодаи маблағгузорӣ:

$$\sum_{l=1}^{N} q_l^\tau \leq \sum_{l=1}^{L} q_i^\tau + \sum_{i=1}^{N} \Delta Q_i^{\tau-1}, \ \ \tau = \overline{1,T} \qquad (2.16)$$

$$\sum_{i=1}^{\tau} Q_{l_c}^\tau \leq \ \sum_{l=1}^{\tau-1} \sum_{k=1}^{K} d_k^l s_l U_k^l H_l^p (1-H), \ \ \tau = \overline{1,T}, l_c \in L \qquad (2.17)$$

$$Q_l^\tau \leq \overline{Q_l^\tau}, l \in L, \qquad l \neq l_c, \qquad \tau = \overline{1,T} \qquad (2.18)$$

Аз рӯйи воридоти бақияи маблағгузорӣ:

$$\sum_{i=1}^{N} \Delta Q_i^\tau = \sum_{i=1}^{N} \left( Q_i^\tau - \sum_{j=1}^{J_I} c_{ij}^\tau q_{ij}^\tau \right), \qquad \tau = \overline{1,N}. \ (2.19)$$

Доир ба чараёни сайёҳон:

$$\frac{\left(q_{0i}^\tau + \sum_{j=1}^{J_I} q_{ij}^\tau\right)}{V_i m_i} \leq G_{imax}^\tau, \qquad i = \overline{1,N}, \qquad \tau = \overline{1,T}. (2.20)$$

Мусбат ё сифр будани тағйирёбандаҳо:

$$q_{ij}^\tau, Q_i^\tau, U_l^\tau, Q_i^\tau \geq 0, \ \ i = \overline{1,N}, \qquad j = \overline{1,J_I}, \qquad k = \overline{1,K}, l \in L, \tau = \overline{1,T} \ \ (2.21)$$

Амсилаи пешниҳодшуда на танҳо барои ҷалби маблағгузорӣ, балки бо назардошти иқтидори мавҷуда, ҷорӣ кардани сохтор ё тавоноии навро муайян ва асоснок кардан, истифода мешавад. Маблағгузориҳо ба таври умумӣ набуда, аз рӯйи талаботи воқеии зарурӣ дар сохторҳои мушаххас ва равияю навъҳо сурат

мегиранд. Зиёда аз он, марҳала ба марҳала барои ҳар сохтор муайян намудани динамикаи оптималии он ва рушди сайёҳиро пешкаш менамояд.

Чунин сохтмони зинабазинаи саноати сайёҳӣ ва ба истифода додани он ба мураккабӣ боис гардидааст. Бинобар ин, коркарди ин амсилаи динамикиро ба амсилаи системавӣ дида мебароем. Амсилаи системавӣ дар ин ҳолат ба марҳалаҳо тақсим гардонида ва чунин тақсимот аз рӯйи нишондиҳандаи вақт гузаронида мешавад. Ин амал бояд на ба истиснои инъикоси ҳолати воқеӣ гузаронида шавад.

Бо ин мақсад аз ҳалли пешина иқтидорҳои нав воридгашта ҳисоб карда мешавад.

$$\sum_{j=1}^{ji} q_{ij}^{\tau-1} \quad (2.22)$$

Ҳамин тавр, тавоноии нав сохташуда дар давраи τ ба иқтидори пешинааш илова мегардад:

$$q_{0i}^{\tau-1} + \sum_{j=1}^{J_I} q_{ij}^{\tau-1} \to q_{0i}^{\tau},\ i = \overline{1,N} \quad (2.23)$$

Аз ҳисоби сохтмону таъмири дар рафти марҳалаи гузашта анҷомёфта захираи тавоноиҳои объектҳо кам мегардад ва ин бояд дар амсилаи (2.15) ба инобат гирифта шавад:

$$q_{ij}^{p} - q_{ij}^{\tau-1} \to q_{ij}^{p}, \qquad i = \overline{1,N}, j \in J_I \quad (2.24)$$

Барои ҳосил намудани шарти амсила дар марҳалаи ихтиёрии $\tau$ он бояд ҳамчун низоми амсилаҳои тибқи марҳалаҳо ба ҳам алоқаманд дар намуди зерин нишон дода шавад. Тавонои нав сохташуда ва камшавии он (2.23)-(2.24) инкишофи низом то $\tau$ -1 дар марҳалаи қаблӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд:

$$\sum_{k=1}^{K} a_\tau^r s_\tau d_k^r U_k^r - \beta a_\tau^i \sum_{i=1}^{N} Q_i^\tau - \sum_{\substack{l=1 \\ l \neq l_c}}^{L} \alpha_\tau Q_l^\tau p_l \rightarrow max \quad (2.25)$$

$$\sum_{k=1}^{K} w_k U_k^\tau - \sum_{j=1}^{J_I} q_{ij}^\tau \leq q_{0i}^\tau, i = \overline{1, N} \ (2.26)$$

бо назардошти маҳдудият аз рӯйи равияи сайёҳон маҳдудиятҳои (2.20) (2.23) (2.24) (2.25) (2.26) (2.27) ба ҳисоб гирифта мешавад:

$$\sum_{j=1}^{J_I} c_{ij}^\tau q_{ij}^\tau \leq Q_i^\tau, i = \overline{1, N} \quad (2.27)$$

$$q_{ij}^\tau \leq q_{ij}^p, \ i = \overline{1, N}, \qquad j = \overline{1, J_I} \quad (2.28)$$

$$\sum_{i=1}^{N} Q_i^\tau \leq \sum_{l=1}^{L} Q_l^\tau + \sum_{i=1}^{N} \Delta Q_i^{\tau=1} \quad (2.29)$$

$$Q_{l_c}^\tau \leq \sum_{k=1}^{K} d_k^{\tau-1} s_{\tau-1} U_k^{\tau-1} H_{\tau-1}^p (1 - H), \ \ l_c \in L \ (2.30)$$

$$Q_l^\tau \leq \overline{Q_l^\tau}, \qquad l \in L, \ \ l \neq l_c \quad (2.31)$$

$$\sum_{i=1}^{N} \Delta Q_i^\tau = \sum_{i=1}^{N} \left( Q_i^\tau - \sum_{j=1}^{J_I} c_{ij}^\tau q_{ij}^\tau \right) \ (2.,32)$$

$$\frac{(q_{0i}^\tau + \sum_{j=1}^{J_I} q_{ij}^\tau)}{V_i m_i} \leq G_{imax}^\tau, \ \ i = \overline{1, N} \ (2.33)$$

$$q_{ij}^{\tau}, Q_l^{\tau}, U_k^{\tau}, Q_j^{\tau} \geq 0, \qquad i = \overline{1,N}\,, \qquad j = \overline{1,J_l}, \qquad k = \overline{1,K}, \qquad l \in L \quad (2.34)$$

Ба ифодаи $\alpha'_{\tau} = \frac{1}{(1+r)^{\frac{s_{\tau}}{2}}}$ бояд эътибор дод. Маълум аст ки ҳам фоида ва ҳам хароҷот дар соли аввали ҳар як давра рост меояд, аз ин сабаб ҳам тақсимоти онҳо дар давоми сол мунтазам нишон дода шудааст. Ин вазифаро коэффитсиентҳои дохилӣ иҷро менамоянд. Онҳо хароҷоту фоидаи дар $S_{\tau}$ - сол шударо ба арзишу вақти оғози давраи τ бармегардонад. Дар функсия мақсад $a_{\tau}^{i}$ зарбшавандаи умумӣ мебошад. Аз ин ҳолат бармеояд, ки ӯ ба интихоби вариант таъсир расонида наметавонад. Ин ба марҳалаи τ ҳам дахл дорад. Лекин пас аз ҳисоби натиҷаи ҳамаи давра зарбкунандаи τ нақши муҳим мебозад.

Истифодаи пасандозҳои харҷӣ бештар лозим аст. Ин дар маҳдудияти (2.30) низ нишондода шудааст ва харҷи бештар бояд баргардад. Баргардонии харҷ харҷи зиёд шавад, бе восита барои ба миён омадани худмаблағгузорӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат бевосита фоида ҳам зиёд мешавад ва хароҷотбарории маблағгузориҳо низ беҳтар мегардад. Аз ҳама муҳиммаш ташаккули маблағгузории хусусӣ дар ҳар давра ташаккул меёбад.

Мебоист маҳдудияти (2.30)–ро маънидод кард. Ин маҳдудият ба маблағгузорӣ аз манбаъҳои хусусӣ дахлдор мебошад ва як вобастагии муҳимро акс медиҳад. Дар як давра маблағгузорӣ такрор шуданаш ҳам мумкин аст. Ин маҳдудият инро таъмин менамояд, ки маблағгузорӣ аз фоида пайдо шуда, аз ин сабаб ифодаи зеринро ба вуҷуд меоварад:

$$\sum_{k=1}^{K} d_k^{\tau-1} s_{\tau-1} U_k^{\tau-1} H_{\tau-1}^{p} (1-H) \quad (2.35)$$

Дигар масъалаи муҳим фоизи қарзиро пардохтан аст. Аз солҳои пешинаи маблағгузорӣ инро бояд муайян намуд, ки бо назардошти рушди сайёҳӣ фоидаи миёнаи аз ҳама зиёд дар давраи τ – 1 ба даст меояд. Бо назардошти ифодаи $S_{\tau-1}$ ин

фоида бояд ба миқдори солҳои ин давра зарб шавад ва аз натиҷа ҳам пардохти фоиз ва ҳам пасандоз барои васеъ кардани истеҳсолот гирифта мешавад.

Маҳдудиятҳои (2.29) ва (2.32) шарти худро доранд. Намегузоранд, ки ҳамаи сармояҳо барои сохтмонҳои нав ва бозсозишаванда аз ҷамъи даромадҳои берунаи давраи пешина ва ҷаъмшудаи воситаҳо то ин давра зиёд бошад.

Аз навишти математикӣ ва гузориш маълум аст, ки ин масъалаи барномасозии хаттӣ мебошад. Яъне, барномасозии хаттӣ масъалаи рушди сайёҳиро давра ба давра, дар замони додашуда акс дода истодааст ва барои ҳалли он алгоритму барномаи зиёд коркард шудаанд. Ҳаҷми масъала бисёр калон мебошад. Ин масъала тавассути тақсимкунӣ ба зермасъалаҳо пешниҳод ва ҳал мешавад, ҷиддияти давра ба давра ҳал намудани масъала низ ҳаҷми онро хурд мекунад.

Бояд гуфт, ки ҳаҷми масъала $T$ маротиба кам мешавад дар ҳар як марҳала. Барои давраи $\sum_{r=1}^{T} \boldsymbol{s}_r$ ҳалли масъала ҳосил мешавад.

Ифодаи зерин:

$$\sum_{r=1}^{T} \alpha_r \left[ \sum_{k=1}^{K} \alpha'_\tau s_\tau d^\tau U_k^\tau \right] \quad (2.36)$$

фоидаи умумии аз ин соҳаи сайёҳӣ овардашударо ифода менамояд ва ҳамаи давраҳоро дарбар мегирад. Фоидаи овардашуда ин натиҷаи дарёфти варианти беҳтарини ҳар давра мебошад. Ба ин фоидаи нишондодашуда қарзи фоизҳои маблағгузорӣ дохил намешавад.

Ифодаи зерин:

$$\sum_{r=1}^{T} \alpha_r \left[ \sum_{k=1}^{K} \alpha'_r s_r d_k^\tau U_k^\tau (1 - H) - \sum_{\substack{l=1 \\ l \neq l_c}}^{L} \alpha'_r Q_l^r p_l \right] \quad (2.37)$$

Акси фоидаи умумӣ бо назардошти пардохти андозҳо ва фоизҳои маблағҳои қарзӣ мебошад. Дар ин ҷамъшаванда ҳамаи марҳалаҳо дар бар гирифта шудааст. Имконияти дарёфти самаранокии иқтисодии рушди сохтори сайёҳӣ аст. Дар ин ҳолат бояд як шарт иҷро шавад. Дарознокии марҳалаи баррасишаванда бояд хурд аз муҳлати меъёрии баргардонидани сармоягузорӣ бошад. Дар ҳолати иҷро шудани ин шарт самаранокӣ дар давраи муайян чун афзоиши маблағи соҳаи сайёҳии сохтори муайян ҳисоб карда шавад [56,с.65-73]:

$$\sum_{r=1}^{T}\alpha_r\left[\sum_{k=1}^{K}\alpha'_r s_r d_k^r U_k^r(1-H)-\sum_{i=1}^{N}\sum_{j=1}^{J_I}\alpha'_r Q_{ij}^r-\sum_{\substack{l=1\\ l\neq l_c}}^{L}\alpha'_r Q_l^r p_l\right] \quad (2.38)$$

$U_k^\tau$ - ифодаи беҳтарин мебошад. Ин бузургӣ афзоиши самтҳои гуногуни сайёҳиро акс мекунад. Дар як вақт сохтори беҳтарини онро таъмин менамояд. Дар зери ин гуфтаҳо таносуб ва намуди инкишофи инфрасохторҳо аст. Танҳо ин инкишоф метавонад фурӯши роҳхатҳои сайёҳиро вобаста ба намудаш таъмин намояд.

Ишораи $Q_l^\tau$-ро низ бояд шарҳ дод. Бояд гуфт, ки он на танҳо ҳаҷми маблағгузориро муайян менамояд, балки дар як вақт зиёдшавии онро вобаста ба марҳала ва соҳибашон муайян мекунад.

Дар амсилаи пешкашшуда равонаи маблағҳо ба секторҳо барои сохтмон, ва ҳам барои таъмир саҳеҳ дар бар гирифта шудааст. Ин аз рӯйи зарурат ба сохтмони муваққатӣ низ дахл дорад. Чунин маблағгузорӣ рушди МС–ро таъмин менамояд ва ҳамаи он дар зарбшавандаи $C_{ij}q_{ij}^\tau$ акс дода мешавад.

Инак бузургии $q_{ij}^\tau$ вазифадор аст ба муайян намудани сохтмони навбатӣ, таъмири навбатӣ пардозад. Навбати сохторҳои мушаххасро дар дохили ин ё он сектор нишон медиҳад. Барои асоснок кардани дарёфт шудани рушди оптималии саҳеҳи сайёҳӣ бояд содагардонии математикиро ба роҳ монд. Тағйирёбандаҳо ва ифодаҳои дар боло зикршударо ба маҳдудиятҳои (2.25-2.34) мегузорем. Ҳамин

тавр, мувозинати дахлдори иқтидорҳои маҷмуи сайёҳиро дарёфт менамояд (марҳалаи 0, Т).

Ташаккули механизми самараноки ҷалби сармоягузорӣ ҷараёни маблағгузориро васеъ мегардонад. Дар ин ҳолат истифодаи онҳо бо равияи давлатӣ ва ҳам дар сохторҳои ғайридавлатӣ беҳтар ва ҳам манфиатнок мегардад, ки зарур аст.

Рушди ҳар соҳа маблағгузориро талаб мекунад, соҳаи сайёҳӣ низ чунин аст. Чунин зарурияtро дар Тоҷикистон ҳам тадқиқотҳои назариявӣ ва ҳам талаботи амалӣ нишон медиҳанд. Нишондиҳандаҳои таркибии талаботи маблағгузорӣ бисёр муҳим буда, хусусан, дар арзёбии имрӯзаю ояндаи рушди маблағгузорӣ нақши асосӣ мебозанд. Дар маблағгузорӣ аз ҳама муҳим манфиатнокӣ ва мухлати гардиши он аст. Ба таҳлили ин нишондод ягон сармоягузор хулоса намебарорад. Аз ҳамин сабаб ҳам барои арзёбии лоиҳаҳо маблағгузорӣ тартиб дода ва меъёрҳо бояд кор карда шаванд. Албатта, меъёри аввалин, чи тавре ки дар боло зикр кардем, муҳлати гардонидани маблағ аст, ҳатто бигзор давра ба давра ҳам бошад.

Дигар меъёр, агар қабул шуда бошад, манфиатнокии он ва меъёри маблағгузорӣ аст. Ҳамин маблағҳои асосӣ ва таносуби фарогирии онҳо меъёрҳои арзёбӣ аз ҷиҳати молиявӣ ба шумор меравад. Албатта, маблағгузорӣ чи дар ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ ё дигар ҷиҳатҳо бехавф намешавад. Ин ҳолати арзёбӣ низ бояд ба эътибор гирифта шавад.

Дар маблағгузорӣ мураккабии қабули қарор на танҳо аз зиёд будани лоиҳаҳои пешниҳодшуда, балки аз хусусиятҳои маблағгузорӣ низ вобаста мебошад. Ҳамаи ҳолатҳо ҷой доштанаш мумкин аст. Аз ҳама беҳтар агар дараҷаи хавфи баргардонидани маблағ ба нақша гирифта шавад, дигар ҳолати ҷой доштани минтақаҳои бухронӣ аз байн меравад. Дар ин ҳолат кафолати устувори пурра ба даст овардани маблағ ё фоидаро касе ба ухда намегирад. Баъзан объектҳое ҳам ҳастанд, ки баргардонидани сармоя аз онҳо дарозтар мебошад. Умуман, ҳисоб ё кам намудани хавф $P^{X_{ij}}$ имконпазир мебошад. Алалхусус, аз ҳиссаи маблағгузорӣ ин дар асоси дода шудаи $Q_i$ ҳал мешавад.

Маълум аст, ки:

$$\sum_{i=1}^{N} x_i = 1 \quad (2.39)$$

Гузориши масъалаи кам намудани функсияи хавф:

Ёфтани:

$$\sum_{i=1}^{N} \prod_{j=1}^{J} p_{ij}^{x_{ij}} \to min \quad (2.40)$$

бо назардошти маҳдудиятҳо

$$\sum_{j=1}^{J} x_{ij} = x_i\,, \qquad i = \overline{1,N} \quad (2,41)$$

$$x_{ij} \geq 0, \quad j = \overline{1,J}, \quad i\overline{1,N} \quad (2.42)$$

$P_{ij}$ дар интервали [0;1] ҷойгир шудааст. Қимати $J$ хавфнокии маблағгузориро дар сохторе, ки индексҳояш оварда шудаанд, нишон медиҳад.

Воситаи нисбатан навтарин дар таҳлили воситавӣ ин хатти каҷи имтиёзҳо мебошад. Ин воситаро бештар дар интихоби ҷузвдони самарабахш истифода мебаранд. Дар ин ҳолатҳо имконияти инъикос додани муносибати маблағгузор ба хавф ҳаст. Дар графики дученака хатти каҷ нишон дода шудааст. Маблағгузор дар он метавонад вобастагии хавф, талафот ва миқдори талафоти маблағгузориро бубинад. Ба маблағгузор дар ин вобастагӣ ҳолати интихоб пайдо мешавад, яъне кадом миқдори фоида ба кадом хавфи эҳтимолӣ розӣ шуда метавонад. Албатта, мақсади асосии маблағгузор минималӣ гардонидани талафот мебошад. Бинобар ин, ӯ мумкин аст, ки танҳо аз рӯйи ин нишондиҳанда портфел интихоб кунад, яъне дар кадом ҳолат талафот аз ҳама камтарин мебошад.

Фоиданокии маблағгузор дар шакли умумӣ чунин ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо даромади умумӣ нишон дода шудааст, ки аз ҳамин сабаб фоиданокии маблағгузор ном гирифтааст [23,с.153-167]:

$$R = \sum_{i=1}^{N} R_i \left( 1 - \prod_{j=1}^{J} p_{ij}^{x_{ij}} \right) \quad (2.43)$$

Агар $R$ миқдори даромаднокиро дар умум нишон диҳад $R_i$ қисме аст, ки дар сектори $i$ ҳосил мешавад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки бузургии $R_i$ на ҳама вақт муайян аст ва чун интизории математикӣ ин қабул шудааст.

Бо $m = M[\xi]$ ва дисперсияи-V=M[(£-m)$^2$] дар ин ҳолат муайян намудани ковариатсияи ин ду бузурги имконпазир мегардад:

$$V_{ij} = M\big[(£_i - m_i)\big(£_i - m_j\big)\big] \quad (2.44)$$

Агар вариатсияи даромаднокӣ ба сифр баробар бошад, номуайянӣ вуҷуд надорад, аз ин ҷо, хавф ҳам вуҷуд надорад. Ифодаи бузургии тасодуфӣ метавонад аз ифодаи интизорӣ ба тарафи номусоид майл намояд, ҳамчун ченаки хавф бузургии $V =$ М $[(£ - m)^2]$-ро қабул мекунем.

Даромади интизорӣ:

$$m_D = M[D] = \sum_{i=1}^{N} y_i M[\xi_i] = \sum_{i=1}^{N} y_i m_i \quad (2.45)$$

Дуршавӣ аз натиҷаи интизорӣ:

$$D - m_D = \sum_{i=1}^{N} y_i(\xi_i - m_i) \quad (2.46)$$

Дисперсияи даромад:

$$\sigma_D^2 = V_D = M[(D - m_D)^2] = \sum_{i=1}^{N}\sum_{j=1}^{N} y_i y_j M[(\xi_i - m_i)(\xi_j - m_j)] = \sum_{i=1}^{N}\sum_{j=1}^{N} V_{ij} y_i y_j \quad (2.47)$$

ки ин ҷо $V_{ij}$ матрисаи ковариатсионии фарқи мутлақ мебошад. Дар натиҷа, масъала ба кам намудани функсионали квадратӣ-вариатсияи даромад мубадал мешавад:

$$V_D = \sum_{i=1}^{N}\sum_{j=1}^{N} V_{ij} y_i y_j \to min \quad (2.48)$$

бо маҳдудиятҳои:

$$\sum_{i=1}^{N} y_i m_i = m_0 \quad (2.49)$$

$$\sum_{i=1}^{N} y_1 \leq 1 \qquad (2.50)$$

$$y_i \geq 0, \qquad i = \overline{1, N}$$

Аз навиштаҷоти математикии ин масъала аён аст, ки он ба масъалаи барномасозии квадратӣ оварда шудааст. Имрӯз коркарди зиёди ҳалли онҳо ҷой доранд, барои ҳалли он таъминоти барномавии махсус низ коркард шудааст. Яъне, дар ҳалли амсилаи пешниҳодшуда истифода мешавад.

Бинобар ин, амсила имконияти амалии рушди саноати сайёҳиро дорад. Барои идора кардани сармоягузорӣ қодир аст, ки тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкили маркетингӣ гузаронад.

## 2.3. Оптималӣ гардонидани зинабазинаи рушди маҷмааи сайёҳӣ

Бевосита ба амсилабандии маҷмааи сайёҳӣ шуруъ менамоем. Ягона шарт ин аст, ки ҳама асосу хулосаҳои болоро дар бар гирад. Ин, дар навбати худ, шароити иқтисоди бозоргонӣ ва коркардҳои назариявӣ мебошад. МС аввалан чун системаи мураккаби иқтисодӣ арзёбӣ шуда буд. Худи МС сохтори мураккаб дорад. Рушди МС ва ташаккули он бевосита аз фаъолият ва вазъияти иқтисодии сохторҳои таркибии минтақавии он вобаста мебошад. Ин, дар навбати худ, коркарди воситаҳои математикии махсусро талаб менамояд. Зеро бояд натиҷаи коркарди ин на танҳо навиштаҷоти системаи мураккаб, балки рушди ояндаи МС-ро дар бар гирад. Марҳалаи гузаронидашудаи тадқиқот имкон медиҳад, ки ин омилҳо дар раванди амсилабандӣ ба эътибор гирифта ва муайян карда шаванд. Умуман, дар Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ шакли моликият гуногун мебошад ва ин дар ҳамаи намудҳои сайёҳӣ мушоҳида мешавад. Моликияти давлатӣ ҳам дар соҳаи сайёҳӣ ҷой дорад.

Дар хизматрасонии сохтор шакли моликият таъсир намерасонад, ӯ танҳо дар навбати тақсимоти фоида ба назар гирифта мешавад. Ба инобат гирифтани ин ҳолат масъалаи амсилабандиро як адад сабук мегардонад. Зеро мо метавонем МС-ро чун системаи ягонаи иқтисодӣ тасаввур намоем. Дар ин ҳолат воситаҳои оптималӣ гардонидан ҳам ягона мешавад, чунки онҳо ба шакли моликият вобастагӣ надорад. Зеро усулҳои оптималигардонӣ дар тартиби барномаи МС васеъ истифода мешавад. Ҳам дар оптималӣ гардонидани сохтор, дарёфти тартиби ратсионалии сохтмон ва ғайра.

Бояд гуфт, ки тақсимоти фоида аз рӯйи шакли молӣ пурра аз амсила берун набояд монад. Дар ин ҳолат масъала дар пуррагӣ ҳалшуда ба ҳисоб намеравад. Танҳо дар ҳамон қисми амсила дохил карда мешавад, ки ба ин масъала дахлдор аст.

Дигар масъалаи муҳим ин ҳолати моддӣ–техникии соҳаи сайёҳӣ мебошад. Дар навбати аввал норасоии маблағи гардишӣ нуқтаи муҳим мебошад. Бисёр сохторҳо ба сабаби фарсудагӣ дар истифода нестанд ё қисман истифода бурда мешаванд. Вақте, ки масъалаи рушди сайёҳӣ ё МС баррасӣ мегардад, ҳатман ин ҳолат бояд ба эътибор гирифта шавад. Яъне, дар барномаи рушди МС норасоӣ ё

барзиёд будани иқтидори хизматрасонӣ зарурати азнавсозиро ба миён меорад. Азнавсозӣ ҳам тезтар ба даст мерасад ва ҳам нисбат ба сохтмони нав манфиатнок мебошад. Умуман, мақсади асосӣ дар пурра истифода бурдани иқтидор буда, васеъ гардонидани он бояд ба эътибор гирифта шавад.

Бояд гуфт, ки сохтани фаъолияти комплексҳои якхела ин хуб аст, аммо табиият ва этнография истифода намешавад. Бинобар ҳамин хуб мешуд, дар ҳар ҳолат намудҳои махсуси хизматрасонӣ, истифодаи муҳлат ташаккул ва вусъат дода шавад. Ин ба фоидаи фаъолият низ таъсири мусбат мерасонад.

Хусусиятҳои хоси минтақавӣ бояд дар барномаи рушд ба инобат гирифта шавад. Вобаста аз хизматрасониашон бояд иқтидори захиравии онҳо дар муқоиса ба талабот низ ба инобат гирифта шавад. Ин дар ҳама намуди хизматрасонӣ ва ҳама сохторҳои сайёҳӣ вобаста ба талабот бо иқтидори онҳо бояд арзёбӣ гарданд. Дараҷаи истифодаи онҳо низ муҳим мебошад.

Бояд дар хизматрасони соҳаи сайёҳӣ, умуман, оптималӣ гардонидани рушд меъёрҳо танҳо математикӣ набуда, балки мазмуни иқтисодии онро пурра шарҳ додан зарур аст. Меъёри мувофиқ дар рушди сохтори сайёҳӣ ҳарчи бештар будани фоидаи ба даст оварда, бештар будани сармоягузорӣ ва монанди онҳо мебошад. Тадқиқотҳо оиди татбиқи амсилаҳо равияиояндаи беҳтарини онро муайян намуда истодаанд. Имрӯз хизматрасонии миёна мизоҷонро қонеъ намегардонад ва бояд хизматрасонии сифати баланд пешкаш карда шавад. Аз ин бармеояд, ки коркарди амсилаҳо низ ба талабот равона карда шавад. Дар онҳо бояд бештар вазифаҳои ҳифзи иҷтимоӣ низ акс дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки мизоҷони маошашон миёна танг карда нашаванд. Бинобар ин амсилаи динамикии иҷтимоӣ-иқтисодии маҷмуи сайёҳиро кор кардан лозим аст. Талаботи иҷтимоиро на танҳо дар марҳалаи амсиласозӣ балки ҳам дар марҳалаи истифодаи он ва ҳам дар мавриди таҳлили натиҷаҳои амсиларонӣ пешбинӣ кардан лозим аст.

Буҳрони молиявӣ дар Тоҷикистон ба сайёҳӣ низ таъсир расонидааст. Бинобар ин, дар барномаи рушди МС масъалаи таъмини молиявии татбиқи рушд масъалаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз бояд дар амсилаи рушди МС маълумотҳо оид ба сармоягузорӣ саҳеҳ нишон дода шавад. Аз кадом ҷанба, ба

кадом шарт аниқ бояд кард. Маълумот оид ба тақсимоти онҳо ба сохторҳои мушаххас дар вақтҳои муайян нишон дода шавад.

Бо назардошти маҳдудияти воситаҳои сармоягузорӣ, ки аз манбаъҳои берунӣ меоянд, имконияти таҷаммуи воситаҳои худӣ дар шакли қисми реинвеститсияшавандаи фоида дар МС ҳангоми амсиласозӣ инъикос кардани даврияти татбиқи рушди он хеле зарур аст. Дар ин ҳолат навбати сохтмон ва ба истифода додани объектҳои МС муайян ва асоснок карда мешаванд.

Албатта, дар амсилаи рушди сохтори сайёҳӣ, чи хеле ки воқеист, хароҷотҳо яквақта нестанд. Чунин ҳолат дар фаъолияти на танҳо сохторҳои сайёҳӣ, балки дигар соҳаҳо ҳам вуҷуд доранд. Аммо дар вақти интихоби варианти беҳтарини рушд ҳатман муқоиса гузаронида мешавад. Ин амал на танҳо сатҳи хизматрасониро дар бар мегирад, балки фоидаи харҷ низ нишондиҳандаҳои мақсади фаъолият мебошад. Дар ин ҳолат масъалаи якум ба нишондиҳандаи вақт овардани маблағҳои гуногунвақта пеш меояд. Дар амсила ин маблағҳо дар давоми марҳала дар воҳиди муайяни вақт бо таносуби баробартақсим қабул шудааст.

Иқтисоди Тоҷикистон маҳдуд набуда, қисми системаи ҷаҳонӣ мебошад. Инро бояд ба эътибор гирифт ва ба рушди МС низ аз ин нуқта назар кард. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дар барномаҳои ширкатҳои ҷаҳонӣ чорабиниҳои МС ватанӣ дар соҳаҳои гуногуни варзишу дилхушкунӣ ва ба монанди онҳо, албатта, дар асоси шартнома ва тақсими фоида дохил карда шавад. Беҳтар мешуд, ки дар амалӣ гардонидани барномаи рушди ширкатҳои тоҷикӣ чунин ширкатҳои ҷаҳонӣ сармоягузор мешуданд.

Таъмини маҷмуи зарурии хизматрасониҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, ки онро дар марҳалаи амсиласозӣ ба назар гирифтан лозим аст, зеро чунин амалӣ гардонидани хизматрасонӣ ва воситаҳои муосир бисёр муҳим мебошад. Ба истеъмолкунандаи хизматрасониҳои варзишию солимгардонӣ ва маърифатию дилхушӣ, пеш аз ҳама, як қатор хизматҳои ҳаётан муҳимми давраи истироҳати ӯ хеле зарур аст. Хизматрасониҳои дигар хусусияти даврӣ ва махсус барои сайёҳии варзишию солимгардонӣ, аз як тараф, ва сайёҳии маърифатию дилхушӣ, аз ҷониби дигар, доранд. Меъёрҳои расонидани хидмат аз рӯйи намудҳои

сайёҳӣ метавонанд фарқи назаррас дошта бошанд. Ҳамчунин комплексӣ будани хизматрасониҳо низ фарқ мекунад. Масалан, барои сайёҳии солимгардонӣ хизматрасониҳо метавонад ба як маҷмуъ мубаддал гарданд ва ин манфиатноктар нисбат ба хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ аст. Чунин хизматрасонӣ ҳам аз рӯйи арзиш ва ҳам рӯйи харҷи онҳо низ манфиатнок мебошад. Алалхусус, агар чунин маҷмуи хизматрасониро як хатсайр дар бар гирад. Чунин ташкили пешбинишудаи кори сохторҳои сайёҳӣ аз рӯйи манфиатнокии хизматрасонӣ арзёбӣ мешавад.

Дар амсилаҳои ба қадри кофӣ агрегатсияшудаи рушди дарозмуҳлати МС сабти ҷузъиёти вариантҳои сайёҳатҳои имконпазир зарурат надорад. Тартиб додани сайёҳатҳои типии барои ҳамин МС аз ҳама хос, аз ҷумла бо дарбар гирифтани коркардҳои ояндадор кофӣ аст. Ба амсилаи оптимизатсионӣ тағйирёбандаҳои дахлдори матлуб дохил карда мешаванд, ки шумораи ин ё он вариантҳои типии сайёҳатҳоро ифода мекунанд. Комплектатсия ва интихоби вариантҳои аз рӯйи фоидаоварӣ беҳтарини сайёҳатҳо дар шароити маҳдудияти захираҳо як қисми вазифаи оптималӣ гардонидани МС-ро ташкил мекунад.

Ҷудо кардани унсурҳои сохтории низоми амсилавӣ ва шароитҳои ба инобат гирифта марҳалаи муҳимми таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ ба ҳисоб меравад. Интихоб ва сохторбандии унсурҳои дар назар будани МС миқдори умумӣ ва таркиби мундариҷавии тағйирёбандаҳои вазифаҳои оптимизатсионӣ ва интихоби шароитҳои дар назар буда, миқдори умумиву таркиби мундариҷавии маҳдудиятҳои вазифаҳоро муайян менамоянд. Дар коркардҳои амсилавии ба мо маълум дар соҳаи рекреатсия ҷудо кардани унсурҳои сохторӣ ва шароитҳо то андозае субъективӣ сурат мегирифт: баъзе унсурҳо ва шароитҳоро аз ҳад зиёд агрегатсия мекарданд, унсуру шароитҳои дигарро бошад, аз ҳад зиёд муфассал мегирифтанд. Чунин рафтор дар ҳама унсурҳо дучор мешаванд ва зиёда аз он бе зарурат муфассал менамояд. Хуб мешуд амсилае таҳия гардад, ки ҳамаи ин нобаробариҳоро дар бар гирад. Масъалаҳо мушаххас гузошта шуда, унсурҳои сохторӣ ва шароитҳои рушду амалкарди МС –ро то ҳадди имкон пурратар пешниҳод намоянд.

Агар амсилаи мушаххаси амалии МС таҳия гардад, пас сатҳи муфассал кардани сохтор ва шароитҳои низоми амсилашаванда бояд аз он нуқтаи назар муайян шавад, ки бо ёрии амсилаи ҳамин МС-и мушаххас, кадом масъалаҳои ҷузъӣ ё умумӣ мавриди ҳаллу фасл қарор мегиранд.

Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар ин марҳалаи амсиласозӣ бояд ду шарт риоя шавад: аз як тараф, миқдори унсурҳои сохторӣ ва шароитҳои дар назар буда набояд аз ҳад зиёд бошад, ки барои он ҳаҷми масъала на зиёд аз коркарди рақамии реалӣ аст; аз тарафи дигар, теъдод ва таркиби унсурҳо ва шароитҳо бояд ба он дараҷаи коркарди рушди МС мутобиқат кунад, ки барои қабули қарор дар шароитҳои мушаххаси мазкур зарур аст.

Дар барномаи рушди МС объектҳои алоҳидаи калон, миёна ва ҳатто баъзан майда, вале муҳим, ки сохтори ташкилию технологии маҷмуи сайёҳиро ташкил мекунанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Мисли занҷир дар асоси он намудҳои хизматрасонӣ ва маводи зарурӣ барои сайёҳон муайян мегардад. Аз ҳама беҳтарин тақсимоти сохторҳои сайёҳӣ ба намудҳои муайян аз рӯйи ягон нишондиҳанда мебошад. Бештар дар нақши чунин нишондиҳанда ҳадафи функсионалӣ баромад мекунад. Ҳозир тақсимоти ҷойдошта ба монанди осоишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, ҳотелҳо, аз рӯйи ҳамин нишондиҳанда мебошад. Тақсимот ба маҷмуҳои варзишӣ, корхонаҳои хӯрока умумӣ, алпенизм, лижаронии кӯҳӣ ва монанди инҳо айнан чунин гузаронида шудаанд: объектҳои варзишӣ-сайёҳӣ (роҳи танобӣ, хаттсайрҳои коркард ва ободшуда, хизматҳои наҷотӣ) ва дигар объектҳои хизматрасонандаи умумӣ (объектҳои хизматрасонии маишӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, корхонаҳои савдо, объектҳои фароғатӣ-фарҳангӣ); объектҳои табиӣ чун унсури хатсайрҳои сайёҳӣ (кӯлҳо, шаршараҳо, чашмаҳои нарзан). Ҳамаи ин объектҳо ба объектҳои сохтмони нав ва объектҳои мавҷуда ҷудо мешаванд: инҳо бояд ё таҷдид гарданд ва ё ба таҷдид эҳтиёҷ надоранд.

Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ дар рушд лаҳзаи хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мо бояд объектҳоеро, ки вазифаи хизмтарасонӣ ба рекреантҳо-сайёҳонро иҷро мекунанд, аз рӯйи сатҳи сервис-хизматрасонӣ фарқ кунем. Масалан, меҳмонхонаҳо метавонанд бо яке аз панҷ

сатҳи сервис (аз рӯйи низоми арзёбии ситорадор) тааллуқ дошта бошанд. Сохторҳои сайёҳӣ аз рӯйи нишондиҳандаи зиёд тавсиф мешавад. Масалан, аз рӯйи иқтидор. Чунин таснифот имкон медиҳад ғунҷоиши сохторҳо, миқдори рекриантҳои ҷойдошта, аз рӯйи мавсим муайян гардад. Унсури дигари сохтори МС, ки талаботро муайян мекунад, рекреантҳо – сайёҳоне мебошанд, ки аз рӯйи сатҳи хизматрасонии матлуби онҳо тақсим мешаванд. Дигар нишондиҳандаи тасниф технологияи хизматрасонӣ аст. Аз рӯйи ин нишондиҳанда чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд: варзишгарон – лижаронон дар кӯҳ, сайёҳони оммавӣ, кӯҳнавардон. Дар ин сохторҳо миқдори сайёҳон ва чанд рӯз ҷойгир шуданашон бисёр муҳим мебошад. Аз ҷониби дигар, сайёҳатҳои типӣ пешниҳод мешаванд, ки метавонанд унсурҳои дарбаргирандаи амсиларо фаро гиранд.

Воситаҳои пулӣ ба сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ дар раванди рушди МС унсури муҳим ба ҳисоб мераванд. Маблағҳои сармоягузорӣ чун унсурҳои сохтории раванди рушди МС бо ҷиҳатҳои зерин фарқ мекунанд: аз рӯйи самтҳо ва объектҳои маблағгузорӣ; аз рӯйи марҳалаҳои амалӣ гардонидани барнома (навбати маблағгузорӣ).

Аз шартҳои ба ҳисоб гирифташаванда, пеш аз ҳама, шароитҳои заруриро бояд номбар кард. Ин, пеш аз ҳама, сохторҳо аз рӯйи тавозуни иқтидорҳо ва воситаҳои хизматрасонӣ мебошанд. Тақсимоти қисми боқимонда аз рӯйи нишондиҳандаҳои дигар, сатҳи хизматрасонӣ ва таъминоти вазифавӣ гузаронида мешавад. Албатта, рушди сайёҳиро бе таъмири саривақта ва воридоти сохторҳо тасаввур кардан мумкин нест. Инҳо бояд ҳатман дар амсила дар бар гирифта шаванд. Дар як вақт ба ҳаҷми корҳо оид ба таҷдиди объектҳои мавҷуда маҳдудият бошад, ҳамаи ин дар амсила чун маҳдудият нишон дода мешавад. Агар ин кор бо нозукӣ иҷро нашавад, натиҷаи амсилабандӣ дилхоҳ намешавад. Як мисоли одӣ. Дар натиҷаи таҷдид сохторро аз категорияи нисбатан паст ба категорияи нисбатан баланд гузаронидан мумкин аст, ҳарчанд ки гузориши масъала бо ин мақсад набуд. Сипас тавозунҳоро оид ба ташаккул ва истифодаи воситаҳои сармоягузорӣ барои иҷрои рушди МС ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Зимнан дар тавсифи тавозунҳо

механизмҳои воситаҳои андӯхти худиро дар соҳаи сайёҳӣ аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз рӯйи манбаъ фарқ мекунанд.

Маҳдудият аз рӯйи вақт дар амсилаи динамикии рушд ин асосӣ мебошад. Бидуни ин, омили вақт ба таври динамикӣ ҷой надорад. Воҳиди зиёди вақт ҷой дорад, аммо дар сохтмон ва истифодаву кори моҳона, семоҳа, солона, қабул шудааст. Дар баъзан ҳолатҳо аз рӯйи зарурат ба истифода додани объектҳо низ қабул шудааст.

Албатта, амсилаҳои динамикии оптималӣ гардонидан дорои меъёрҳои динамикӣ мебошанд. Ин, дар навбати аввал, ба амсилаи рушди низоми иқтисодӣ мансуб мебошад. Арзёбии рушди ҳамагуна системаҳо, монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ дар як лаҳзаи вақт муайян намешаванд ва бояд дар фосилаи вақт муайян гардад. Дар ин фосила раванди ташаккули арзёбиҳои мазкур инъикос меёбад. Муҳим мебошад, ки ҳарҷҳо ва натиҷаҳои вақтҳои гуногун бояд ба як лаҳзаи зарурӣ оварда шавад. Барои ин аз тартиби дисконӣ истифода мебаранд. Амсилаҳои рушди низоми иқтисодии дар адабиётҳо дучоршаванда ё нопурра ё тамоман вазъи ибтидоии низомро дар бар намегиранд. Чунин амсилаҳо барои дарёфти параметрҳои оптималии низом дар лаҳзаи охир нақшавӣ равона шудааст. Чунин амалиёт аз он ки вазъи мазкури оптималӣ бо кадом роҳҳо ба даст оварда мешавад, вобастагӣ надорад. Баръакс, муҳим он мебошад, ки аз вазъи ҳозираи иқтисодӣ роҳи гузариш ба ҳолати оптималии давраи нақшавӣ муайян карда шавад.

Муҳим мебошад, ки дар меъёри динамикии оптималии рушди МС арзёбӣ кардани харҷҳои ҷорӣ ва сармоягузориҳо ба сохтмону таҷдиди объектҳо ва ҳатман қиёсҳо бо натиҷаҳои фаъолият дар давраи амалигардонӣ ҷой дода шавад. Барномаи рушди МС ва баромадани он ба реҷаи кории оптималӣ вақтро талаб менамояд. Барои киёсмандӣ ҳамаи харҷҳо, натиҷаҳо бояд ба лаҳзаи ибтидоии иҷрои мақсад оварда шаванд. Бинобар ҳамин ҳам меъёри самарабахшии сармоягузориҳоро барои истифода дар амсилаҳои хаттии оптимизатсионии МС тарҳезӣ мекунем. Ин ҷавобгӯй ба методу нишондиҳандаҳои дар амалияи байналхалқӣ қабулшудаи арзёбии самарабахшии сармоягузориҳо мебошад. Ба ин мақсад чунин ишораҳоро ворид менамоем:

C – бузургии сармоягузорӣ доир ба яке аз вариантҳои лоиҳа;

P(C) – бузургии фоида аз рӯйи сармоягузории C мебошад.

Давраи оғози фаъолияти лоиҳавӣ то расидан ба иқтидори пурраи нақшавиро дар бар мегирад. Яъне фоидаи дар ҳамин марҳала ба даст овардаро акс медиҳад. $P_N(C)$ – ишораи фоидаи меъёрӣ. Ин чунин мазмун дорад: Сармояи ҳаҷми С дар ҳамин шароитҳои микроиқтисодӣ, дар ҳолати ба иқтидори пурра ба кор даровардани объекти лоиҳавӣ чунин миқдор фоида кафолат доданаш мумкин аст. Чунин фоида метавонад фоидаи сармояи дар бонк гузошташуда бошад. Дар ин маврид самарабахшии лоиҳаро тавассути тафриқа тавсиф кардан мумкин аст:

P(C)- $P_N(C)$. Барои қабули варианти лоиҳа ҳадди ақал бояд шарти зерин иҷро шавад:

P(C)- $P_N(C) \geq 0$ Барои интихоби варианти оптималии сармоягузориҳо бояд чунин варианти суммаи сармоягузориҳои овардашудаи С ёфта шавад, ки шарти зеринро қонеъ мегардонад:

$$\Delta P(C) = max(P(C) - P_N(C)) \quad (2.51)$$

Фоидаи меъёрии $P_N(C)$ – ро дар намуди вобастагии хаттӣ баррасӣ кардан мумкин аст: $P_N(C) = X_N C_N$ Коэффитсиенти суммаи сармояҳо ба фоидаи меъёрӣ оварда шуда, чун $X_N$ ишора шуда аст. $X_C$-бузургии чаппа мутаносиби муҳлати меъёрии хароҷотбарории $t_N$-сармояҳо мебошад ва чунин муайян мешавад: $Y_N = \frac{C}{C_N}$ Дар марҳалаи аз оғоз то охири амалӣ гардонидани барномаи рушд коэффитсиентҳои фоидаи овардашудаи P ва сармоягузориҳои $C$-ро муайян менамоем. Барои ин аз чунин ишораҳо истифода мебарем. Шумораи марҳалаҳои амалӣ гардонидани лоиҳаро бо $T$ ифода менамоем ва шумораи солҳоро дар дохили ҳар марҳала бо $\varphi_\tau$. Бузургии τ-ишораи марҳалаи ҷории сохтмон ё амалӣ гардонидани лоиҳа аст. Нархи ҳисобии сармояро бо $P$ ифода менамоем, ки ба сифати он фоизи бонк бармеояд. Коэффитсиент аз марҳалаи τ ба суммаи фоидаи яке аз лаҳзаҳои амалигардида оварда шуда, чунин ҳисобукитоб мешавад:

а) ба лаҳзаи интиҳоии амалӣ гардонидани лоиҳа:

$$a_{\tau}^{T} = (1+p)\varphi_{\tau}^{T},\ \tau=0,1,2,\ldots,\mathrm{T} \quad (2.52)$$

б) ба лаҳзаи оғози амалӣ гардонидани лоиҳа:

$$a_{\tau}^{o} = \frac{I}{(I+p)^{\varphi_{o}^{\tau}}} \quad (2.53)$$

Бузургии $\boldsymbol{\varphi}_{\boldsymbol{\tau}}^{\mathrm{T}}$ -дар фарқ аз ишораи болоӣ акси шумораи солҳои то охири амалӣ гардонидани лоиҳа боқимонда мебошад ва чунин муайян мешавад:

$$\varphi_{\tau}^{T} = \sum_{i=\tau}^{T} \varphi_{i} \quad (2.54)$$

ё ки $\boldsymbol{\varphi}_{\mathrm{o}}^{\mathrm{T}}$ акси миқдори аз лаҳзаи оғози амалӣ гардонидани лоиҳа то охири давраи τ буда ва дар навбати худ чунин муайян мешавад:

$$\varphi_{o}^{\tau} = \sum_{i=o}^{T} \varphi_{i} \quad (2.55)$$

Аз сабаби ба эътибор нагирифтани муаммоҳои иҷтимоии ҷамъият, ба монанди дар муҳити бозорӣ амал кардани низоми иқтисодӣ ва ба гирифтани фоидаи максималӣ, хароҷотбарории максималии сармоягузорӣ равона гардонидан низ қобили қабул намебошанд. МС ки амсилабандӣ мешаванд, ин гуфтаҳо низ дахл дорад. Максималӣ кардани фоида дар натиҷаи оптималӣ гардонидани рушди МС бо намудҳои муосири хизматрасонии гаронбаҳо метавонад шаклҳои нисбатан арзони оммавии сатҳи саломатии меҳнаткашонро танг намуда, аз бозор барорад.

Бинобар ҳамин ҳам ҳангоми амсиласозӣ омилҳои иҷтимоӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Барои ин ба амсилаҳо таносуб ё маҳдудиятҳо ворид карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, се тарзи дар амсилаи оптимизатсионӣ акс додани омилҳои иҷтимоӣ, меъёри дар боло номбаршудаи иқтисодии рушди МС – ро пешкаш менамоем:

- дар навбати аввал маҳдудият барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳии хизматрасониаш олӣ гузошта мешавад. Ин имкон медиҳад дар баъзе марҳалаҳои рушди МС васеъ намудани иқтидорҳо аз ҳисоби вариантҳои арзон, вале оммавии хизматрасонӣ амалӣ гардад. Афзоиши ҳаҷми хизматрасонӣ ба “сайёҳии арзон” самарабахшии иқтисодиро таъмин менамояд.

- ҳамчун фоизҳои муайяни нархи роҳхатҳо дотатсияи давлатӣ ва касабавӣ ба сайёҳатҳои хизматрасониашон пасту миёна ҷорӣ карда мешавад. Ин ба афзоишу баробарии бузургии дотатсияи сайёҳатҳои хизматрасониашон пасту миёна рақобатпазирии онҳоро таъмин менамояд.

- байни равияи сайёҳии оммавӣ ва баландхизмат таносуби муайян ворид карда мешавад. Ҳатман бояд барои иҷрои он механизм пешбинӣ ва ин таносуб риоя шавад.

Ҳоло мувофиқи мақсади тадқиқот барои оптималӣ гардонидани рушди МС коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикиро пешкаш менамоем. Амсила мутобиқи иқтисоди бозорӣ мебошад. Ҳамин тавр, коркарди амсилаи мураккаби динамикии иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо дарбаргирии принсипҳои боло иҷро мегардад. Барои нисбатан сода кардани амсилаи динамикии ҳосилшуда онро ба низоми даврӣ ё зинабазина гардонида мешавад. Ва онҳо бо ҳам бо ченаки вақт вобаста мебошанд. Дар навбати аввал чунин тақсимот моҳияти содагардонӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, хурд гардонидани андозаи амсилаи сохтораш мураккаб ва андозанокиаш калон мебошад, ки бо мақсади рақамигардонии масъалаи рушди МС сурат мегирад.

Барои ин иловатан боз ишораҳои зеринро дохил мекунем:

- Ба объекти нав сохташавандаи $j$ миқдори сармояи равонашавандаро бо $X^{\tau}{}_{ijk}$ (ҳазор смн.) ишора менамоем, МС таъиноташ $i$ дар давраи τ

- $y_{ijk}^{\tau}$ (ҳазор смн.) ҳам ҳаҷми маблағгузорӣ буда, танҳо ба объекти таҷдидшавандаи $j$ – и давраи τ МС–и таъиноташ i мансуб мебошад.

- Иқтидори объекти j – и таъиноташ $i$–ро бо $z_{ijk}^{\tau}$ ишора менамоем. Дар ин ҷо К – сатҳи хизматрасонӣ. Ченаки иқтидор ин миқдори ҷойи хоб ё нишаст ё худ миқдори хизматрасонӣ дар як воҳиди вақт, шабонарӯзӣ ва мавсимӣ мебошад.

Сатҳи хизматрасонӣ дар натиҷаи сохтмони нав $\tau$ ишора ба давраи ба истифода дода шуданро дорад;

- Ишора $\Delta Z_{ijk}^{\tau}$ ин айнан мазмуни ишораи Z–ро дорад. Танҳо ин иқтидори иловагии объекти $j$–и таъминоти $i$ мебошад, ки дар натиҷаи таҷдиди он дар давраи $\tau$ ба амал дароварда мешавад. Мисли пешина К сатҳи хизматрасонӣ аст.

- Ишораи дигар миқдори маҷмуи хизматрасониҳо дар мавсими $W_{rk}^{\tau}$ мебошад. $r$-ишораи гурӯҳи сайёҳон бо намуди сайёҳӣ, ки ба кадоме аз хизматрасонии сатҳи $k$ дар давраи $\tau$ расонида мешавад. Ченаки ин бузургӣ миқдори одам дар як рӯз ё шумораи роҳхатҳо аст.

- Ҷамъи умумии сармоягузориро, ки дар сарчашмаи S гузориш меёбад, дар давраи $\tau$ чун $V_S^{\tau}$ ишора менамоем.

Ҳоло мазмуни якчанд коэффитсиент ва меъёрҳоро пешниҳод менамоем:

1. Ишораи даромади соф аз гурӯҳи сайёҳони r дар давраи τ ҳангоми хизматрасонии сатҳи k $C_{rk}^{\tau}$ мебошад. Ченаки бузургӣ ҳазор сомонӣ, ки ба як рӯзи сайёҳ ё ба як роҳхат рост меояд.

2. Ишораи меъёрҳои харҷи маблағгузориҳои сатҳи k хизматрасонӣ ба объекти таъиноти i $a_{jk}^{ji}$ ва $a_{ik}^{p}$мебошад. Ченак - ҳазор сомонӣ ба як воҳиди иқтидор мутаносибан ҳангоми сохтмони нав ва таҷдиди объекти мавҷуда.

3. Ишораи меъёри талабот ба хизмати $t_{ikr}$ i–таъиноти хизматрасонии сатҳи К ба гурӯҳи сайёҳони r мебошад. Роҳхат, ки ба сайёҳат пешниҳод мешавад, аз рӯйи r, k муайян мегардад ва ҳатман бояд мутобиқат кунад. Ченаки бузургии воҳиди иқтидор ба як сайёҳ ё ба як роҳхат мебошад;

4. Фоизҳои кредит, дивидент ва монанди инҳо нархи воситаҳои маблағгузорӣ аз манбаи S номида шуда, бо $f_S$ ишора шудааст. Ченак ҳазор сомонӣ мебошад;

4.1. Лаҳзаи овардани маблағи харҷ ё фоидаи давраи τ бо коэффесенти $a^o_\tau$ ба оғози амалӣ гардонидан чунин муайян карда мешавад (бе ченак):

$$a^o_\tau = \frac{i}{(I+p)^{o^\tau}} \;, \boldsymbol{\tau}=1, 2,\ldots,\text{Т} \quad (2.56)$$

Дар навбати худ $\varphi^\tau$ чунин муайян мешавад:

$$\varphi^\tau = \sum_{I=1}^{\tau} \varphi_t \quad (2.57)$$

Ин фоидаи акси микдори солҳое мебошад, ки давраи оғози амалӣ гардонидани лоиҳа то лаҳзаи охиринро дар бар мегирад. Микдори давраҳое, ки амалигардониро дар бар мегирад, бо Т ишора мешавад. $\varphi_t$ – микдори шумораи солҳо дар давраи $\tau$; $\varphi_t$ ва фоизи солонаи бонк ба сармоя Р мебошад.

4.2. Меъёри хароҷотбарории сармоягузорӣ аз ҳисоби фоида, дар соҳаи сайёҳӣ ба коэффитсиенти γ ишора шудааст.

5. Бузургии бе ченак мебошад; ишораи дигар ин муҳлати меъёрии, соҳавии баргардонидани маблағгузорӣ аз ҳисоби фоида мебошад ва бо $\gamma_н$ ишора шудааст $\gamma_H = \frac{I}{t_H}$;

6. Ишораи пардохт ба сармоягузории такрорӣ аз ҳисоби фоида дар давраи τ мебошад. Ченак - ҳисса аз воҳид аст;

7. Фоида аз тавозуни пардохт намудани андоз бо ҳиссаҳо ΔН ишора шудааст; ишораҳои оянда нишондиҳандаҳои ибтидоиро дар бар мегирад.

Дар навбати аввал иқтидори объектҳои таъиноти $i$ ва сатҳи хизматрасонии К–ро бо $N_{ik}$ ишора менамоем. Ин МС дар оғози лоиҳа мавҷуд буд. Ба сифати ченаки

ин бузургӣ метавонад ғунҷойиш, қобилияти хизматрасонӣ ва миқдори хизматрасонӣ дар воҳиди вақт баромад кунад; дигар, иқтидори объекти $j$–и таъиноти $i$ ҳангоми сатҳи хизматрасонӣ аст, ки аз оғози иҷрои лоиҳа мавҷуд буд ва бояд таҷдид гардад, он ҳамчун $N_{ijk}^{p}$ ишора шудааст. Ченак - миқдори хизматрасониҳо дар воҳиди вақт мебошад. Ишораи $\Delta N_{ijk}^{p}$ низ ишораи иқтидор мебошад, аммо бо иқтидори максималии объекти $j$–и таъиноти $i$ дар натиҷаи таҷдид хизматрасонии сатҳи К-ро ба даст овардан мумкин аст. Аз эҳтимол дур нест, ки ба объекти таҷдидшавандаи $i$ объектҳои навсохташавандаи $j$ низ дохил карда шаванд. Дар ин ҳолат барои $i$–и муқарар гардида:

$$\sum_{k\epsilon K}\sum_{i\epsilon j}\Delta N_{ijk}^{p} > \sum_{k\epsilon K}\sum_{j=i}^{n_{ik}} N_{ijk}^{P} \quad (2.58)$$

8. Маблағи ба сармоя ба таври максималӣ воридшаванда аз манбаи S дар давраи $\tau$ – ро бо $Ï_{s}^{\tau}$ ишора менамоем. Ченак - ҳазор сомонӣ мебошад.

9. Оид ба сарборӣ дар объектҳои МС тибқи намуди $r$–и сайёҳӣ маҳдудиятҳои эҳтимолиро чун $W_r$ ишора менамоем. Ченак - одам-рӯз аст.

Барои рақамгузории индекс маҷмуъҳо чунин ишораҳоро ворид менамоем.

- Ҳамин объектҳоро, дар маҷмуъ, бо назардошти таъминоти онҳо $I$ ишора менамоем, яъне $i \epsilon I$;
- Категорияҳои хизматрасонии сатҳи $K$, дар маҷмуъ, бо $K$ ишора шудааст ва $k \epsilon K$ мебошад.
- Объектҳои элементариро, ки дигар тақсим намешавад, бо $j$ ишора менамоем. Утоқи истиқоматии сайёҳон метавонанд мисоли ин элементҳо бошанд. Таъиноти ин объектҳо ба назар гирифта мешавад.
- Объектҳои таҷдидшаванда дар мувофиқат бо таъинот, дар маҷмуъ, бо $\boldsymbol{j_p}$ ишора шудааст;
- Объектҳои элементарӣ ва хизматрасонии сатҳи К бо таъиноти i дар ҷамъ чун $n_{ik}$ ишора шудааст.

Барои нисбатан кӯтоҳ намудани навиштаҷот маҷмуи ҳамаи манбаъҳои маблағгузориро бо S, рақами манбаи андӯхтҳои худиро бо $S^{i}$ ва объектҳои элементарии таҷдидшавандаро бо $J_p$ ишора метавон кард. Бо назардошти ин ишораҳо амсила чунин намуд мегардад:

$$\max\left[\sum_{\tau=I}^{T}\sum_{r,k} C_{kr}^{\tau}\,\varphi_r W_{rk}^{\tau}\alpha_{\tau}^{o} - \sum_{r=I}^{T}\gamma\sum_{i,j,k}\alpha_{\tau}^{O}\,x_{ijk}^{\tau} - \sum_{r=I}^{T}\gamma\sum_{i,j,k} a_{\tau}^{O}\,\gamma_{ijk}^{\tau} - \sum_{r=I}^{T}\sum_{s\neq s} a_{\tau}^{O}V_s^{\tau}\mathrm{f}_s\right] \quad (2.59)$$

яъне дарёфти қимати максималии мақсад бо иҷро шудани маҳдудияти зерин:

$$\sum_{r\epsilon R} I_{ikr}\,W_{rk}^{r} - \sum_{i=I}^{\tau}\sum_{j=I}^{n_{ik}} Z_{ijk}^{i} - \sum_{i=I}^{\tau}\sum_{j=I}^{n_{ik}} \Delta Z_{ijk}^{\tau} \leq N_{ik}, i\epsilon I, k\epsilon K, \tau = 1,2,\dots,T \quad (2.60)$$

Акси тавозунҳои иқтидори каналҳои хизматрасонӣ, кадоме, ки бо сатҳи хизматрасонӣ ва таъиноти он фарқ доранд:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} x_{ijk}^{\tau}\frac{I}{\alpha_{ik}^{M}} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}} Z_{ijk}^{\tau}, i\epsilon I, k\epsilon K, \tau = 1,2,\dots,T; \quad (2.61)$$

Акси тавозунҳои иқтидорҳои аз сохтмони нав иловашуда:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} \gamma_{ijk}^{\tau}\frac{I}{\alpha_{ik}^{p}} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}} \Delta Z_{ijk}^{\tau}, i\epsilon I_p, k\epsilon K, \tau = \overline{1,T}; \quad (2.62)$$

Ин низ акси тавозуни иқтидори иловагӣ мебошад, аммо аз таҷдиди объектҳо берун шудааст:

$$\sum_{i=I}^{\tau} \Delta Z_{ijk}^{I} \leq \Delta N_{ijk}^{p}, k\epsilon K, i\epsilon I_P, j\epsilon J_P, \tau = \overline{1,T}; \quad (2.63)$$

Маҳдудияти навбатӣ аз иқтидори мавҷуда бармеояд ва ҳаҷми корҳои таҷдид гузошта мешавад:

$$\sum_{s\epsilon S}^{\tau} V_s^{\tau} \geq \sum_{i,j,k} \left( X_{ijk}^{\tau} + \gamma_{ijk}^{\tau} \right), \tau = \overline{1,T}\,; \quad (2.64)$$

Тавозунҳо оид ба ташаккул ва самти истифодаи сармоягузориҳо:

а) ин маҳдудият ба сармоягузориҳо дар давраҳои гузошта аз андӯхти худӣ пайдо мешавад:

$$\sum_{i=I}^{\tau} V_{S^i}^{i} \leq \sum_{i=I}^{\tau-I} \sum_{r,k} C_{rk} \varphi_i \, W_{rk}^{I} h_i (1-H), \tau = \overline{1,T}; S^i \epsilon \mathrm{S} \quad (2.65)$$

б) маҳдудияти зерин ба манбаъҳои дигари сармоягузорӣ гузошта мешавад, аз ҷумла ба буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва ғайра:

$$V_s^{\tau} \leq \bar{\dot{\mathrm{I}}}_s^{\tau}, s\epsilon S, s \neq s^i, \tau = \overline{1,T}; \quad (2.66)$$

Ба сарбории объектҳои МС низ маҳдудият гузошта мешавад ва он намудҳои сайёҳиро ҳам дар бар мегирад:

$$\sum_{k\epsilon K} W_{rk}^{\tau} \leq W_r, r\epsilon R, \tau = \overline{1,T}; \quad (2.67)$$

Маҳдудияти ниҳоӣ манфӣ набудани тағйирот мебошад:

$$x_{ijk}^{\tau}, \gamma_{ijk,}^{\tau}\, z_{ijk}^{\tau}, \Delta z_{ijk}^{\tau}, W_s^{\tau} \geq 0; \quad \mathit{(2.68)}$$

Ин амсила динамикӣ буда, аз лиҳози сохтор низ мураккаб аст. Тафриқаи шароитҳо аз рӯйи ченаки нав чунин мураккабиро ба миён овардааст ва он, дар навбати худ, монеа ба рақамӣ гардонидани амсила мебошад. Дар натиҷаи тадқиқи сохтори амсила ба хулоса омадем, ки чунин таҷзияи онро аз рӯйи ченаки вақт пешниҳод намоем то, ки ба ҳадафи гузошта расонад.

Дар навбати аввал, ҳадаф ҳалли масъалаи оптималигардонӣ бошад, аз дигар тараф, ба даст овардани дараҷаи зарурии мутобиқат ба равандҳои воқеии амсилашаванда мебошад. Бо назардошти натиҷаҳои рушди низом дар давраҳои гузаштаи $\tau$-1 шартҳои амсилаи динамикиро барои давраи ихтиёрии $\tau$ менависем. Дар амсилаи пешниҳодшаванда шартҳои зеринро ворид менамоем:

1. Ба ғайр аз коэффитсиентҳои функсияи мақсад $\mathrm{C}_{\mathrm{rk}}^{\tau}$, $\mathrm{a}_{\tau}^{\mathrm{o}}$ ҳамаи коэффитсиентҳои ибтидоии ин амсила аз параметрҳои вақт вобаста нестанд. Ин маънои экзогениро дорад, яъне пешакӣ додашуда мебошад. Онҳо коркарди механизми динамикии амсила нестанд.

2. Алоқа байни марҳалаҳо мустақим мегардад, ба шарте ки маҳдудияти сармоягузории худиро ҳисоб накунем. Дар ин ҳолат алоқаҳои акси вақт вуҷуд надорад. Параметрҳои марҳалаи $\tau$ аз параметрҳои марҳалаҳои $t > \tau$ вобастагӣ надорад. Ин имкон медиҳад, то оптималигардонӣ танҳо тавассути тағйирёбандаҳо дар ҳолати матлуб амалӣ карда шавад.

3. Истифодаи маҳдудияти оқибандозҳои худӣ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ талаб менамояд, ки ҳарчи пештар ва пурратар сармоягузориҳо ба рушди фоида ва худхароҷотбарорӣ дар марҳалаҳои пештара истифода шавад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки маҳдудияти модели динамикиро бо низоми маҳдудиятҳо иваз намоем:

$$V_{s^i}^{\tau} \leq \sum_{r\epsilon R} \sum_{k\epsilon K} nc_{rk}\, \varphi_\tau W_{rk}^{\tau-I} h_{\tau-I}(1-H), \tau = 2,3,\dots,T \quad (2.69)$$

Ҳамаи ин воридот, амалиёти математикии тақсимоти зинабазинаи функсияи мақсад мебошад. Дар ин ҳолат оқибандозҳо бо максималӣ гардонидани хароҷотбардории худ дар ҳар марҳала дар алоқамандӣ ташаккул дода мешавад.

Бо назардошти ҳамаи ин вариантҳо амсилаи пешинаро чун низоми амсилаҳо аз рӯйи марҳалаҳои ба ҳам алоқаманд дар намуди зерин тассавур кардан мумкин аст:

Функсияи мақсад дарёфти қимати максималиро ифода менамояд.

$$\left[\sum_{r,k} \varphi_\tau C_{rk}^\tau W_{rk}^\tau \bar{a}_\tau - \gamma \sum_{i,j,k} \bar{a}_\tau x_{ijk}^\tau - \gamma \sum_{i,j,k} \bar{a}_\tau \gamma_{ijk}^\tau - \sum_{s \neq s^i} \bar{a}_\tau V_s^\tau f_s\right] \quad (2.70)$$

дар ин ҷо $a_\tau = \frac{I}{(I-p)^{\frac{\varphi_r}{2}}}$, $\varphi_r$ шумораи солҳо дар давраи τ, (τ = 1, 2, ..., T)

Дар ин ҷо фоидаю хароҷот ба соли оғозии ҳар марҳала дар пешниҳод оварда мешавад ва воридоти фоидаву хароҷот дар дохили марҳала баробар тақсим карда мешавад. Зимнан бояд шартҳои зерин риоя шаванд:

- Маҳдудияти аввал иҷрои тавозунҳо оид ба иқтидорҳои каналҳои хизматрасонӣ, ки аз рӯйи таъинот ва сатҳи хизматрасонӣ фарқ мекунанд:

$$\sum_{j=i}^{n_{ik}} I_{ikr} W_{rk}^\tau - \sum_{j=I}^{n_{ik}} Z_{ijk}^\tau - \sum_{j=I}^{n_{ik}} \Delta z_{ijk}^\tau \leq N_{ik} + \sum_{i=I}^{\tau-I} \sum_{j=I}^{n_\alpha} Z_{ijk}^i + \sum_{i=I}^{\tau-I} \sum_{j=I}^{n_\alpha} \Delta z_{ijk}^i, i\epsilon I, k\epsilon K \quad (2.71)$$

- Маҳдудияти дуввум низ иҷрои тавозунҳо танҳо оид ба иқтидорҳои иловагии объектҳо аз сохтмони нав мебошад:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} x_{ijk}^\tau \frac{I}{a_{ik}^p} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}} Z_{ijk}^\tau, i\epsilon I, k\epsilon K \quad (2.72)$$

- Маҳдудияти навбатӣ низ акси тавозунҳо буда, иқтидорҳои иловагӣ таҷдиди объектҳоро дар бар мегирад:

$$\sum_{j=I}^{n_{ik}} \gamma_{ijk}^{\tau} \frac{I}{a_{ik}^{p}} \geq \sum_{j=I}^{n_{ik}} \Delta z_{ijk}^{\tau}, i\epsilon I, k\epsilon K \quad (2.73)$$

- Ин маҳдудият ба ҳаҷми корҳо оид ба таҷдид. Чунин маҳдудият дар асоси имкониятҳои васеъ кардани иқтидорҳои мавҷудае, ки бояд таҷдид гарданд, бармеояд:

$$\Delta z_{ijk}^{\tau} \leq \Delta N_{ijk}^{P} - \sum_{i=I}^{\tau-I} \Delta z_{ijk}^{i}, i\epsilon I, k\epsilon K, j\epsilon J \quad (2.74)$$

- Ба самтҳои истифодаи маблағҳои сармоягузорӣ ва манбаъҳои ташаккул чунин маҳдудияти тавозунҳо гузошта мешавад:

$$\sum_{s} V_{s}^{\tau} - \sum_{i,j,k} \left( x_{ijk}^{r} + \gamma_{ijk}^{r} \right) \geq 0 \quad (2.75)$$

- Оид ба манбаъҳои сармоягузорӣ ду маҳдудият гузошта мешаванд:

1. Маҳдудият ба сармоягузориҳо аз андӯхти худӣ:

$$V_{s^i}^{\tau} \leq \sum_{r,k} \varphi_{\tau-I}\, C_{rk}^{\tau-I} W_{rk}^{\tau-I} h_{\tau-I(I-H)}, s^i \,\epsilon\, S \quad (2.76)$$

2. Маҳдудият ба сармоягузориҳо аз дигар манбаъҳо, аз буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, сармояи аҳолӣ ва монанди инҳо:

$$V_{s}^{\tau} \leq \bar{I}_{s}^{\tau}, s \neq s^{i}, s \,\epsilon\, S. \quad (2.77)$$

$$\sum_{k} W_{rk}^{\tau} \leq W_{r}, r \,\epsilon\, R. \quad (2.78)$$

- Талаботи мансуб будани тағйирёбандаҳо:

$$x_{ijk}^{\tau}, \gamma_{ijk}^{\tau}, z_{ijk}^{\tau}, \Delta z_{ijk}^{\tau}, W_{ijk}^{\tau}, V_{s}^{\tau} \geq 0 \quad (2.79)$$

## Хулосаи боби дуюм

1. Дар шароити бозор меъёрҳои рушди оптималии комплекси сайёҳӣ соф иқтисодӣ зиёд кардани фоидаи камшуда ва афзудани фоидаи сармоягузорӣ мебошанд. Айни ҳол дар Тоҷикистон тамоюли мусбат дар рушди соҳа мушоҳида мешавад, аз ҷумла, барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид вуҷуд дорад.

2. Тадқиқот нишон медиҳад, ки ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрас шудан ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшуда ба комплекси сайёҳӣ, бояд дар модели иқтисодиву математикии рушди сайёҳӣ равшан инъикос дода шаванд. Меъёрҳои динамикӣ барои иҷрои сармоягузорӣ бояд тартиби оқилонаи тахфифро таъмин кунанд.

3. Унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсилаҳои иқтисодӣ ва математикии рушди маҷмуи ин соҳа бо назардошти хусусиятҳои бозори сайёҳӣ баррасӣ гарданд.

4. Аз хусусияти бисёрсоҳагии хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ мушкилии идора кардани тиҷорати сайёҳӣ бармеояд. Чунин мушкилот аз омилҳои тасодуфӣ ва статсионарӣ вобаста аст.

5. Тадқиқи муносибатҳои соф бозории соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ, ба ҳисоб нагирифтани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки хизматҳои оммавии пасту миёнасифат танг гашта, аз байн бароварда мешавад. Аз ин бармеояд, ки МС-и рушдкунанда низоми иқтисодии динамикӣ мебошад ва дар он харҷи маблағҳои гуногунвақта ва натиҷаҳои амалкарди рушд дида мешавад. Амсилаи коркардшудаи оптималӣ гардонидани даврабадавраи маҷмуи сайёҳӣ барои ҳалли чунин гузориши масъала равона гаштааст.

# БОБИ 3. АМСИЛАСОЗИИ РУШДИ МАҶМААИ САЙЁҲИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 3.1. Нишондиҳандаҳои рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд

Соли 2020 дар таърихи Тоҷикистон соли сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид, ки барои тараққии соҳаи сайёҳӣ такони калон дод. Нишондиҳандаҳои оморӣ нишон доданд, ки дар давраи аз январ то декабри соли 2019 беш аз 1,3 миллион шаҳрванди хориҷӣ аз Тоҷикистон дидан кардаанд. Дар соли 2020 ин рақам 21,5% афзоиш ёфтааст. Тавре омор нишон медиҳад, беш аз 1,2 миллион нафари онҳо сайёҳон мебошанд. Бештари шаҳрвандони хориҷӣ аз Ӯзбекистони ҳамсоя мебошанд. Миқдори умумии сайёҳон аз Ӯзбекистон беш аз 853,6 ҳазор нафарро ташкил дод. Илова бар ин, аз Русия ба мамлакатамон беш аз 212 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ омадаанд. Ҷойи сеюм ба шаҳрвандони Қирғизистон-116,2 ҳазор нафар тааллуқ дорад. Ҷараёни омадани сайёҳон аз кишварҳои Афғонистон, Қазоқистон, Чин, Туркия, ИМА ва дигар кишварҳо низ мушоҳида мешавад. Бо мақсади рушду нумуи соҳаи сайёҳӣ дар соли 2019, тибқи омор, дар Тоҷикистон тахминан 160 ширкати ватанӣ ба фаъолияти сайёҳӣ машғул буданд.

Бонки Осиёии Тараққиёт (БОТ) ба мақсади пуштибонии Тоҷикистон дар рушди сайёҳӣ ба маблағи 10 миллион доллар кӯмаки бебозгаштро имзо кард. Барои Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ин лоиҳа аввалин лоиҳаи БОТ мебошад. Оид ба ин масъала сардори шуъбаи идоракунии лоиҳаҳои Бонки Осиёии Рушд (БОР) дар кишвари мо қайд кард, ки бо назардошти манзараҳои зебои кӯҳистон, сарватҳои табиӣ ва робитаҳои фарҳангию таърихии худ бо Роҳи абрешими бостонӣ ва ҳатто даврони қаблӣ, Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ афзалияти зиёд дорад.

Бо мақсади таҳлили талаботи бозор ва тартиб додани харитаи малакаҳо дар назар аст, ки дар чорчӯбаи лоиҳа нақшаи ҳамаҷонибаи рушди сайёҳӣ таҳия гардад ва инчунин дар нақшаҳои ҳамин сектор таҳкими институтсионалии бахшҳоро пешбинӣ менамоянд. Танҳо бо ин лоиҳа маҳдуд набояд шуд. Таҳияи нақшаи афзалиятноки сармоягузорӣ, таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодӣ ва тарроҳии муфассали лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба зиммаи лоиҳа вогузор карда шудааст.

Татбиқи лоиҳа маблағи муайянро талаб менамояд, бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон барои ин ниёзҳо як миллион доллар ҷудо мекунад, ҳарчанд арзиши умумии ин лоиҳа 11 миллион аст. Фаъолияти лоиҳа дар ҷумҳурӣ то соли 2024 пешбинӣ шудааст.

Ҳоло Созишномаи рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Ҳукуматҳои Русия ва Тоҷикистон моҳи апрели соли 2019 ба имзо расида буд, эътибор пайдо кард. Ҷабҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва механизми татбиқи он дар ҳамин Созишнома нишон дода шудааст. Аз ҷумла, дар Созишнома таъкид шудааст, ки ба васеъшавии ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ аз як тараф ба дастовардҳои соҳаи илм, иқтисод, рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ расанд, аз ҷониби дигар ин ҳамкорӣ дар омӯзиши табиат ва манзараҳои тамошобоб, ёдгориҳои таърихӣ ва анъанаҳои маданияти халқу давлатҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад. Татбиқи ин созишнома аз ҷониби Русия ба зиммаи Агентии федералии сайёҳӣ вогузор шуда, аз ҷониби Тоҷикистон Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули он таъин гардидааст.

Дар Созишнома омадааст, ки мақомоти масъул тавассути ташкили конфронсҳои байналмилалӣ, форумҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо, нашрияҳо дар воситаҳои ахбор бояд ба рушди чунин масир ва брендҳои муштараки сайёҳӣ, аз қабили «Роҳи бузурги абрешим» ва ғайра мусоидат кунанд. Ҳамасола теъдоди сайёҳони рус ба Тоҷикистон, ки сайёҳии кӯҳиро авлотар медонанд, афзоиш меёбад. Созишнома дар бораи рушди ҳамкориҳо дар соҳаи сайёҳӣ ба муддати 5 сол баста шуда, барои панҷ соли оянда тамдиди ҳамкориро дар назар дорад, ба шарте ки ҳеҷ яке аз тарафҳо тарафи дигарро дар бораи қатъ кардани он ба таври хаттӣ огоҳ накунад.

Бо мақсади ҷалби сайёҳон ва фароҳам овардани як макони мусоиди сайёҳӣ дар қаламрави Тоҷикистон барои бартараф намудани сайёҳии моҷароҷӯӣ аҳаммияти муайян медиҳанд. Барои муайян кардани самтҳои афзалиятҳои сайёҳон дар семинарҳо оид ба рушди сайёҳӣ назарсанҷӣ, яъне пурсиш оид ба афзалиятҳои сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон меоянд, гузаронида шуд.

Бо ақидаи пурсидашудагон, ки Тоҷикистон дар миёни сайёҳон ба як макони маъруфи сайёҳӣ табдил ёфта истодааст, розӣ нашудан мумкин нест. Пурсиш нишон дод, ки асосан сайёҳон аз Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Чин ва Австралия ба ҷумҳурӣ афзалият медиҳанд. Омор нишон дод, ки барои аз 6 то 12 рӯзи истироҳат дар минтақаи мо сайёҳон аз 800 то 1,2 ҳазор доллар хароҷот мекунанд. Албатта, ин рақам аз ҳисоби миёнаи кишварҳои дигари ҷаҳон камтар аст, ки истироҳаткунандагон ҳангоми сайёҳат барои як сафари 8-рӯза ҳудуди 3 ҳазор доллар сарф мекунанд.

Қаблан хабар дода шуда буд, ки давлати мо дар соли 2020 бояд барои кишвар ба маблағи 30 миллион доллар грант дарёфт кунад. Ҳамчунин маълум буд, ки Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР) барои рушди сайёҳӣ маблағҳои грантӣ ҷудо мекунад. Ба ин муносибат вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Ян - Питер Олтерс созишномаи дахлдор ба имзо расониданд.

Татбиқи лоиҳа хеле муҳим аст, зеро ҳадафи он фароҳам овардани имкониятҳои нави иқтисодӣ барои рушди мустақими сайёҳӣ ва агробизнес ва дар натиҷа таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар доираи лоиҳаи мазкур маблағҳои муайян барои беҳбудии инфрасохтори сайёҳӣ, дастгирии ҷойҳои тамошобоби маҳаллӣ, фаъолияти бозорҳои кишоварзӣ ва ғайра дар шакли грантҳои баробар ҷудо карда мешаванд. Муҳлати амалисозии ин лоиҳа аз соли 2020 оғоз шуда, соли 2024 ба поён мерасад. Дар Тоҷикистон васеъ паҳн шудани агротуризм барои сайёҳон хатсайрҳои пахта ва зардолуро кушод. Вазорат инчунин қайд кард, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ, гурӯҳҳои фермерон, соҳибкорони хурду миёна имконият доранд, ки барои дастгирии самараноки маъракаи ҳосилғундорӣ маблағҳои грантӣ гиранд.

Вилояти Суғд, ки тадқиқот бо ҳудуди он маҳдуд аст, як вилояти маъмурӣ дар таркиби Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар шимоли Тоҷикистон, дар кӯҳҳои Тиёншон ва Ҳисору Олой ҷойгир шуда, ҷанубу ғарби водии Фарғона, яъне қисми шимолии онро ишғол мекунад. Масоҳати он 24 400 км² буда, аз рӯйи ин нишондиҳанда севумин минтақаи калонтарини Тоҷикистон мебошад. Вилояти

Суғд бо кишварҳои ҳамсоя сарҳади умумӣ дошта, аз шимол, шимолу шарқ ва ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз шарқ бо Ҷумҳурии Қирғизистон, аз ҷануб бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриямон ҳамсарҳад аст.

Аҳолии маркази вилоят, ки шаҳри Хуҷанд аст, 198,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои асосии аҳолӣ ва сохтори маъмурии вилояти Суғд дар ҷадвали зерин нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3.1.1. -Тақсимоти маъмурӣ ва зичии аҳолии вилояти Суғд**

(ҳаз.нафар)

| № | Номи воҳиди сохтори маъмурӣ | Аҳолӣ ҳаз.нафар | Дар шаҳр ҳаз.нафар | Дар деҳот ҳаз.нафар |
|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Хуҷанд | 198,7 | 198,7 | - |
| 2 | шаҳри Бӯстон | 38,4 | 38,4 | - |
| 3 | шаҳри Гулистон | 50,2 | 46,6 | 3,6 |
| 4 | шаҳри Истаравшан | 288,4 | 62,1 | 226,3 |
| 5 | шаҳри Истиқлол | 18,7 | 18,7 | - |
| 6 | шаҳри Исфара | 285,1 | 61,7 | 223,4 |
| 7 | шаҳри Конибодом | 220,0 | 52,9 | 167,7 |
| 8 | шаҳри Панҷакент | 311,8 | 43,1 | 268,7 |
| 9 | ноҳияи Айнӣ | 91,3 | 3,0 | 88,3 |
| 10 | ноҳияи Ашт | 176,3 | 17,1 | 159,2 |
| 11 | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | 388,9 | 19,5 | 369,4 |
| 12 | ноҳияи Деваштич | 182,9 | 13,4 | 169,5 |
| 13 | ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ | 24,4 | - | 24,4 |
| 14 | ноҳияи Ҷаббор Расулов | 144,5 | 15,6 | 128,9 |
| 15 | ноҳияи Зафаробод | 77,4 | 41,9 | 35,5 |
| 16 | ноҳияи Мастчоҳ | 132,5 | 20,3 | 112,2 |
| 17 | ноҳияи Спитамен | 149,7 | 20,1 | 129,5 |
| 18 | ноҳияи Шаҳристон | 46,2 | - | 46,2 |
|  | **Ҳамагӣ дар вилоят** | **2825,4** | **673,1** | **2152,3** |

**Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд – 2021. (нашри расмӣ) Ношир: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. ш.Хуҷанд - 2022. С.-24.**

Чунонки маълум аст, ҷумҳурии мо кӯҳсор буда, вилояти Суғдро аз шимол пуштаҳои Курамин ва кӯҳҳои Муголтау, аз ҷануб қаторкӯҳи Туркистон ва кӯҳҳои Зарафшон иҳота мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои об бой аст. Дар ҳудуди вилояти Суғд дарёҳои асосӣ Сирдарё ва Зарафшон, кӯли калонтарин Искандаркӯл ҷойгиранд. Вилояти Суғд инчунин аз обанборҳо, аз ҷумла Баҳри тоҷик, обанборҳои Фарҳод, Каттасой ва Даҳанасой бой аст.

Мушоҳидаи динамикаи нишондиҳандаҳои омории рушди минтақа ба хулоса меорад, ки дар моҳҳои январ-декабри соли 2021 дар вилоят шумораи ҷойгиршудагон дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, лагерҳо ва марказҳои муолиҷавӣ 112,3 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,6 фоиз зиёд гардидааст. Дар шумораи умумии ҷойгиршудагон ҳиссаи мардон 67,5 фоиз ва ҳиссаи занон 32,5 фоизро ташкил менамояд. Сатҳу сифат ва дараҷаи рушди сайёҳии вилояти Суғдро метавонад нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3.1.2. овардашуда шарҳ диҳанд.

**Ҷадвали 3.1.2. -Рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд (моҳҳои январ-декабри соли 2020-2021)**

| Нишондиҳандаҳои соҳа | Ҳамагӣ дар соли 2020 | Ҳамагӣ соли 2021 | 2021/2020 бо-(%) |
|---|---|---|---|
| Шумораи ашхоси ҷойгиршуда (дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, лагерҳо ва марказҳои муолиҷавӣ), нафар | 58520 | 96950 | 165,6 |
| аз ин микдор: | - | - | - |
| аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 55992 | 92739 | 165,2 |
| аз хориҷа омадагон | 2528 | 4211 | 166,5 |
| Шумораи хуҷраҳо, адад | 2773 | 2862 | 103,2 |
| Шумораи катҳо-ҷойҳо, адад | 6731 | 6927 | 102,9 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо, ҳазор сомонӣ | 31652,2 | 54915,9 | 173,4 |

**Манбаъ:дар асоси омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021-2022 аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки шумораи шахсони ҷойгиршуда дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, лагерҳо ва марказҳои муолиҷавӣ афзоиш ёфта, аз ин миқдор ҳиссаи зиёдаш шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд. Исботи ин гуфтаҳо нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3.1.3. овардашуда аст:

Нишондиҳандаҳои оморӣ маълумот медиҳад, ки дар вилояти Суғд 2 миллиону 825 ҳазору 400 нафар аҳолӣ, аз ҷумла 673 ҳазору 100 нафар дар шаҳрҳо ва 2 миллиону 152 ҳазору 300 нафар дар деҳот умр ба сар мебаранд. Ин нишондодҳоро бо фоиз ҳисоб кардан мумкин аст, ки ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумӣ 24,7 фоиз, деҳот 75,3 фоизро ташкил дод. Дар вилояти Суғд зичии аҳолӣ 97,4 нафар/км$^2$ ро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 3.1.3. - Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҷойгирифташуда**

| Шумораи ҷойгирифтагон аз дигар минтақаҳо | Ҳамагӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2020 | Ҳамагӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021 | Январ-декабри соли 2021 ба ҳисоби фоиз нисбат ба январ-декабри соли 2020 |
|---|---|---|---|
| Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, нафар | 55992 | 92739 | 165,6 |
| аз ин миқдор: вилояти МКБ | 757 | 1494 | 197,3 |
| вилояти Хатлон | 5087 | 8018 | 157,6 |
| вилояти Суғд | 30412 | 46389 | 152,5 |
| ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 3595 | 9743 | 271,0 |
| шаҳри Душанбе | 16141 | 27095 | 167,8 |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021-2022 ва аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.1.3. гуфта метавонем, ки дар давоми соле, ки таҳқиқ кардем, дар ҷумҳурӣ ҷойивазкунии дохилии аҳолӣ дар ҳудуди минтақаи Суғд ба чашм мерасад. Таносуби шаҳрвандони хориҷии ба вилояти Суғд воридшуда, дар ҷадвали 3.1.4. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.4. - Шумораи ташрифовардагони хориҷӣ ба вилояти Суғд**

| | Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ | | Фарқият (+; -) |
|---|---|---|---|
| | дар моҳҳои январ-сентябри соли 2021 | дар моҳҳои январ-сентябри соли 2022 | |
| Беларус | 8 | 103 | 95 |
| ИМА | 42 | 292 | 250 |
| Корея | 11 | 156 | 145 |
| Қазоқистон | 212 | 573 | 361 |
| Лаҳистон | 9 | 105 | 96 |
| Русия | 637 | 3510 | 2873 |
| Туркия | 119 | 206 | 87 |
| Ӯзбекистон | 1153 | 3529 | 2376 |
| Фаронса | 13 | 141 | 128 |
| Ҳиндустон | 46 | 111 | 65 |
| Чин | 223 | 642 | 419 |
| Эрон | 40 | 144 | 104 |
| Дигар давлатҳо | 411 | 1706 | 1295 |
| **Ҳамагӣ** | **2924** | **11218** | **8294** |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021-2022.**

Нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 3.1.4. афзоиши миқдори ба вилояти Суғд сайёҳаткардагонро нишон медиҳад. Ин афзуншавии миқдорӣ аз ҳисоби шумораи шаҳрвандони Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ИМА ба амал омадааст.

Агар тағйироти нишондиҳандаҳои ҷадвалро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки шумораи ташрифовардагон дар моҳҳои январ-сентябри соли 2022

нисбат ба моҳҳои мувофиқи соли 2021 3,8 маротиба зиёд гаштаанд, аз ҷумла Корея -14,2 маротиба, Белорусия – 12,9 маротиба, Лаҳистон – 11,7 маротиба, Фаронса – 10,8 маротиба, ИМА- 6,9 маротиба, Русия – 5,5 маротиба афзудааст. Ин нишондиҳандаҳо вобаста аз шароити пандемия мебошад, дар акси ҳол миқдори сайёҳон аз ин ҳам бештар хоҳад буд, ки яке аз манбаи даромадҳои буҷети маҳаллӣ ба ҳисоб меравад.

Таносуби шаҳрвандони хориҷии ба вилоят воридшударо дар намуди диаграмма дар расми 3.1.1. тасвир намудем.




**Расми 3.1.1. Таносуби шаҳрвандони хориҷии воридшуда (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Маълум аст, ки сайёҳӣ дар ҷаҳон бо мақсадҳои мухталиф ба роҳ монда мешавад. Вобаста ба мақсади пешгирифта сайёҳии экологӣ, табобатӣ, меҳнатӣ, фароғатӣ, барои барқароркунии саломатӣ, зиёрати ҷойҳои муқаддас ва дигар намуди сайёҳиро фарқ мекунанд. Соли 2019 ба вилояти Суғд сайёҳон бо мақсадҳои сайёҳӣ-экологӣ омада 5880 нафар, меҳнатӣ 1892 нафар, барқароркунии саломатӣ-табобатӣ 2063 нафар, 1155 нафар барои фароғат, зиёрати ҷойҳои муқаддас 527 нафарро ташкил медиҳанд ва 4690 нафар бо дигар сабабҳо ворид шудаанд.

Бо назардошти рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишварамон миқдори зиёди ширкатҳои сайёҳӣ фаъолияти пурсамар мебаранд. Вилояти Суғд дар ин ҷода қафо намемонад. Дар ҳудуди вилоят аз 40 ширкати сайёҳӣ, ки ба қайд гирифта шудаанд, дар моҳҳои январ-декабри соли 2021 16 ширкат ба сайёҳон хизмат расониданд. Дар ҳамин муддат ба ҳудуди вилоят 20457 нафар сайёҳ ворид гаштаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21,6 фоиз зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои дигаре, ки рушди соҳаи сайёҳии вилояти Суғдро шарҳ медиҳад, дар ҷадвали 3.1.5. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.5. -Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, воҳид | 20 | 26 | 26 | 26 | 38 | 38 | 40 | 41 |
| Теъдоди сокинони вилоят, ки ба воситаи ширкат-ҳои туристӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар | 6330 | 3492 | 3753 | 1318 | 1452 | 165 | 266 | 314 |
| Теъдоди туристо-ни хориҷие, ки ба воситаи ширкат-ҳои туристӣ ба вилоят ворид шудаанд, нафар | 1205 | 1526 | 2071 | 3494 | 4250 | 21 | 444 | 1875 |
| Даромад аз пеш-ниҳоди хизмат-расониҳои турис-тӣ (бе назардошти андоз ва арзиши изофа), ҳаз. сомонӣ | 1532,1 | 2151,1 | 2619,3 | 4714,6 | 6639,1 | 243,0 | 790,2 | 1887,0 |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Ҷадвали мазкур афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳиро дар вилоят аз 19 адад дар соли 2014 то 40 адад дар соли 2021 нишон медиҳад. Миқдори умумии сайёҳони хориҷие, ки ба вилоят ворид гардидаанд, 44% зиёд гардида, даромад аз ҳисоби хизматрасонии сайёҳӣ ба 5099,6 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Як андоза поён рафтани миқдори сайёҳон дар солҳои 2020, 2021 танҳо бо сабаби пандемия маънидод мегардад, аммо дар раванди сайёҳӣ кам шудани сайёҳон бо дигар сабабҳо ба мушоҳида нарасидааст. Зиёд шудани миқдори сайёҳон дар солҳои 2021 ва 2022 нисбат ба соли 2020 тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад.

Маълумот оид ба динамикаи миқдори шаҳрвандони хориҷие, ки ба воситаи ширкатҳои сайёҳӣ ба вилояти Суғд ворид шудаанд, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сол то сол воруди сайёҳони хориҷӣ ба вилояти Суғд афзуда, зиёдшавии миқдории сайёҳони хориҷӣ дар як сол аз 21,6 % то 68,7 %-ро ташкил медиҳад.

Нақши муҳимро дар рушди соҳаи сайёҳӣ инфрасохтори тараққикарда мебозад. Дар ин самт пешравиҳо дар вилоят ба назар мерасанд. Имрӯзҳо дар вилояти Суғд инфрасохтори муайян барои сайёҳон пешниҳод карда мешавад. Меҳмонхона ва осоишгоҳи ҳаҷмашон ва сатҳашон гуногуни дар қайд буда фаъолияти пурсамарро бо мақсади ҷалби сайёҳон идома доранд. Номгӯи онҳо тибқи ҷойгиршавиашон дар ҷадвали 3.1.6. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.6. -Рӯйхати меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳои ниҳияҳои вилояти Суғд**

| | **ИСФАРА** | | **АЙНӢ** | | **ИСФАРА** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ "МЕҲМОНХОНАИ ИСФАРА" | 1 | КДФ ХМК-И Н.АЙНӢ | 1 | ОСОИШГОҲИ ЗУМРАД |
| 2 | ҶДММ "ХИЗМАТ СЕРВИС" | 2 | ҶДММ НУРИ РАҲМОН | | **АШТ** |
| 3 | ҶСК "КОРХОНАИ КИМИЁВӢ" | 3 | ҶДММ “ВАРЗ” | 1 | ҶСК "КОНИ НАМАК" |
| 4 | ҶДММ "МЕРОСИ ИСФАРА" | 4 | МАРКАЗИ САВДОИ СУҒД (меҳмонхонаи Суғд) | | **ГУЛИСТОН** |
| | **АШТ** | 5 | ҶДММ САЙЁХИ ВА ИСТИРОҲАТИИ САРВОДА | 1 | ҶДММ МТС СОҲИЛ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ "МЕҲМОНХОНАИ ШАЙДОН" | | **Ҷ.РАСУЛОВ** | 2 | ҶДММ ШОҲИН БМТ |
| | **ХУҶАНД** | 1 | ҶДММ АКМАЛ-Б (Салимбек) | 3 | ҶДММ МС УСМОНҶОН |
| 1 | ҶДММ "МУҲАММАДИФТИХОР" | | **Б.ҒАФУРОВ** | 4 | ОСОИШГОҲИ ШИФО |
| 2 | ҶДММ "АРМОНИ ХУҶАНД" | 1 | ҶДММ СИНО 555 | 5 | БАҲОРИСТОН |
| 3 | ҶДММ "МУЗАЙЯН" | 2 | МЕҲМОНХОНАИ ЭҲСОН | | |
| 4 | ҶДММ "СУҒД-ОТЕЛ" | 3 | ҶДММ МКМ СОМОН | | **ИСТАРАВШАН** |
| 5 | МД "КАРОРГОҲИ САРВАРИ ДАВЛАТИ ҶТ" | 4 | ҶСК Фурудгоҳи байналмилаллии Хуҷанд | 1 | ОСОИШГОҲИ ХАВОТАГ |
| 6 | ҶСК "МЕҲМОНХОНАИ ТАВҲИД" | | **ПАНҶАКЕНТ** | 2 | ОСОИШГОҲИ УРОТЕППА |
| 7 | МЕҲМОНХОНАИ ХУҶАНД | 1 | ҶДММ ШУМО РАФ (Умариён) | 3 | ҶСК ОСОИШГОҲИ ИСТАРАВШАН |
| 8 | ҶДММ "ХУЧАНД-МУҶАЛЛАЛ" | 2 | ҶДММ ҶАНОБИЛ | 4 | ҶДММ АВИС СИТИ |
| 9 | ҶСК "МЕХМОНХОНАИ ЛЕНИНОБОД" | 3 | ҶСП САЙРУ САЙЁҲАТИ Ш.ПАНҶАКЕНТ | 5 | МДТИ ХАВОТАГ |
| 10 | ҶДММ ФИРУЗ | 4 | ҶДММ НАЖМИДДИНИ НОФИН | 6 | ҶДММ ГУЛДАСТА 2013 (Истироҳатгоҳи Роҳат) |
| 11 | ҶДММ ХЕСОН СИТОРА | 5 | ҶДММ ФАРИШТАИ ҲАФТКӮЛ | | **КОНИБОДОМ** |
| 12 | ҶДММ САФАРИ САЙЁХ-ПАРЛАМЕНТ | 6 | ҶДММ СОГДИАНА | 1 | ҶДММ ФАР.ТАБ.ГУЛИ БОДОМ |
| 13 | ҶДММ НАҶМ (меҳмонхонаи Хуҷанд стар) | 7 | ҶДММ Бобокалонова Заррина | 2 | ҶДММ ОСОИШГОҲ-ФАРОҒ. ИРАМ |
| | | 8 | ҶДММ ТОҲИРИЕН (Хостел) | | **Ҷ.РАСУЛОВ** |
| | **ДЕВАШТИЧ** | 9 | ҶДММ Меҳмонхонаи Рӯдаки | 1 | КВДК ИСТИР.СОЛ.КУД.НАВР.ҶАВОНОН |
| 1 | ҶДММ "АЗИЗӢ" | 10 | ҶДММ Париен | 2 | ҶДММ ГИППОКРАТ-2017 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **БӮСТОН** | | **СПИТАМЕН** | 3 | ҶДММ МТС ГИППОКРАТ |
| 1 | ҶДММ МАҶМӮИ МЕҲМ. А.ҶАББОРЗОДА | 1 | ҶДММ ЗАРГУЛ | 4 | БФВС "ҒӮЛАКАНДОЗ" |
| 2 | ҶСК "МЕҲМОНХОНАИ ХУҶАНД" | 2 | | | **Б.ҒАФУРОВ** |
| 3 | ҶДММ "АВИТКОН" | | **ЗАФАРОБОД** | 1 | ҶДММ ҶАХОНДОР |
| 4 | ҶДММ "ХУШОБАК" | 1 | ҶДММ МОҲИНУР | 2 | ҶДММ ДИЁРИ АЗИЗ |
| 5 | ҶДММ ЗАРРИН 999 | | | | |
| 6 | ҶДММ ОРЗУИ ТУТИНИСО | | **ИСТАРАВШАН** | | **СПИТАМЕН** |
| 7 | ҶДММ ШОҲИН-2003 | 1 | МЕҲМОНХОНАИ ИСТИРОҲАТ | 1 | ОИМ САРЧАШМА |
| 8 | ҶДММ САДБАРГИ ОРЗУ | 2 | МЕҲМОНХОНАИ МУҲАББАТ | | **МАСТЧОҲ** |
| 9 | ҶДММ СУҒДИЁНА | 3 | ҶДММ САДБАРГИ ИСТАРАВШАН | 1 | МД СОЛИМГ.МАКТАБ. СИЁВУШ |
| 10 | ҶДММ Муратов З.Р. | 4 | МЕҲМОНХОНАИ КИРОПОЛ | | |
| | **ГУЛИСТОН** | | | 2 | ҶДММ МТТ СИНО |
| 1 | ҶДММ МЕҲМОНХОНАИ СОҲИЛ | | **КОНИБОДОМ** | | |
| 2 | ҶДММ ДАЛЕР 777 | 1 | ҶДММ ШОМИ ҚАНД | | **ШАҲРИСТОН** |
| 3 | ҶДММ НАВРӮЗ 2000 | 2 | ҶДММ ШОҲРУХҶОН | 1 | ҶДММ ОСОИШГОҲИ ШАҲРИСТОН |
| 4 | ҶДММ Фирӯз плаза | 3 | ҶДММ КАРОМАТ 2010 | 2 | ҶДММ ЭДЕЛВЕЙС |
| | | | | 3 | ҶДММ ОДИЛ С |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 ( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Номгӯи хизматрасониҳое, ки ширкатҳои сайёҳии вилояти Суғд барои сайёҳон бо муваффақият пешниҳод мекунанд, хеле зиёд аст.

Дар сатҳи баланд хизматрасонии сайёҳӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров ҶДММ «Суғдиён Помир Тур», ш.Хуҷанд ҶДММ ҶБТМ «Спутник», ҶДММ «Ҷахонгард», ҶДММ «Сайёҳати олӣ», ҶДММ “Олами сайёҳат”, ТҶ «АТСЗ», ҶДММ «АЛП Сомон-Тур», ҶДММ «Қалъаи Хуҷанд» мансуб аст. Аз нисф зиёди ширкатҳои

сайёҳӣ дар ноҳияи Панҷакент ҷойгир шудаанд: ҶДММ «Куҳандиз», ҶДММ «Бозори Вору», ҶДММ «Виркан-сайр», ҶДММ «Артуч», ҶДММ «Зурмич», ҶДММ «Зарафшон маҷестик тревел», ҶДММ «Панҷакент интур», ҶДММ «Сайёҳатҳои Куҳии Помир», ҶДММ «Чилмеҳроб», ҶДММ « Сайри кӯҳҳои Фон», ҶДММ «Амри Тревел», ҶДММ «Чимтарға тревел», ҶДММ «Сайёҳати Саразм», ҶДММ «Сайёҳати кӯҳҳои Тоҷикистон», ҶДММ “Сайёҳати Ҳафткӯл”, ҶДММ «Саразм 5500», ҶДММ “Фариштаи Ҳафткӯл”, ҶДММ «Сайёҳати бо шукӯҳи Осиё», ҶДММ “Зарафшон тур”. Дар ноҳияи Айнӣ ҶСП “Вертикал” ва ҶДММ «Фан Эдвенч Тревел», дар шаҳри Гулистон ҶСК «Осоишгоҳи Кишоварзон», дар шаҳри Истаравшан ҶДММ “Киропол” ва ҶДММ «Тоҷикистон Тревел», дар шаҳри Бӯстон ҶДММ «Сайри Бӯстон» ва дар ноҳияи Ҷ.Расулов ҶДММ «Роҳи сафед» ҷой гирифта ва омодаи хизматрасонӣ мебошад.

Дар қатори иншоотҳои ҳайатӣ хизматрасонии ҳудуди вилояти Суғд 57 меҳмонхона, 2 хостел ва 1 намуди дигари меҳмонхонаро номбар кардан мумкин аст. Диққати сайёҳҳонро объектҳои дигари сайёҳӣ низ ба худ мекашад. Дар вилоят 23 осоишгоҳи истироҳатӣ–фароғатӣ, аз ҷумла 15 осоишгоҳ, 4 осоишгоҳ ва лагери солимгардонӣ, 4 маркази муолиҷавӣ, 3 дармонгоҳи табобатӣ-истироҳатӣ, 1 базаи истироҳатӣ самаранок фаъолият мебаранд. Аз ин миқдор 70 адад дар давоми сол пурра ба кор машғул буда танҳо 17 иншоот фаъолияти мавсимӣ доранд. Вобаста ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ва нишондиҳандаҳои дараҷавӣ иншоотҳои ҳайатӣ миқдоран чунин тақсим шудаанд: 2 ситорадор 7 то; 3 ситорадор 9 то; 4 ситорадор 8 то; 5 ситорадор 1 то ва бе дараҷа 32 иншоот.

Муассисаҳои истироҳатӣ-фароғатӣ самтҳои зиёди солимгардониро пеша кардаанд. Самтҳои солимгардонии муассисаҳои истироҳатӣ-фароғатии вилоят номгӯи зиёдро дар бар мегиранд: системаи гардиши хун-8 иншоот; узвҳои ҳозима-1 иншоот; узвҳои нафаскашӣ-8 иншоот; системаи асаб-15 иншоот; системаи устухону мушакҳо ва бофтаҳои пайвасткунанда-11 иншоот; системаи эндокринологӣ - 3 иншоот; пӯст ва насҷи зери пӯст-3 иншоот; системаи бавлу таносул-8 иншоот; касалиҳои занона-10 иншоот; дигар намуди касалиҳо-7 иншоот; истироҳатӣ-10 иншоот. .

**Ҷадвали 3.1.7. -Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Гардиши молиявии умумӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (туристӣ) *(сомонӣ)* | *аз тамоми намуди хизматрасониҳои дар поён овардашуда* | 1886963 |
| | аз ҷумла: | *ҳамагӣ* | 1828273 |
| | | *- аз ҳисоби туризми воридотӣ* | 1574350 |
| | | *-аз ҳисоби туризми содиротӣ* | 73678 |
| | | *-аз ҳисоби туризми дохилӣ* | 180245 |
| | | *-мағозаи комиссионӣ* | 46400 |
| | | *Дигар ҳисоб* | 12290 |
| 2. | Маблағҳои гардиши умумиро ба табақаҳо тақсим намоед- (сомонӣ)<br><br>*Эзоҳ: Ҷамъи нишондиҳандаи банди мазкур бояд ба нишондиҳандаи банди 18 мувофиқат намояд* | *- аз ҳисоби пешниҳод намудани раводид* | |
| | | *Раводиди шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ* | 33895 |
| | | *Раводиди шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷа* | |
| | | *- аз ҳисоби таъмини меҳмонхона* | |
| | | *Таъмини меҳмонхона дар дохили кишвар* | 257675 |
| | | *Таъмини меҳмонхона дар хориҷи кишвар* | 10328 |
| | | *- аз ҳисоби бақайдгирӣ дар шӯъбаи додани гузарнома ва қайди шаҳрвандони хориҷӣ (ОВИР)* | 1800 |
| | | *-аз ҳисоби дастрас намудани иҷозатнома барои вуруд ба ВМКБ* | |
| | | *-аз ҳисоби пешниҳод намудани чиптаи ҳавопаймоӣ* | |
| | | *чиптаҳои осорхона* | 11300 |
| | | *-ташкили нақлиёт* | 178279 |
| | | *-ташкили хӯрок* | 133701 |
| | | *роҳбаладӣ* | 20000 |
| | | *турпакет* | 414056 |
| | | *хайма* | 130440 |
| | | *экскурсия* | 75330 |
| | | *музди меҳнат* | 46131 |
| | | *чои хоб дар базаҳои туристӣ* | 272700 |
| | | *мағозаи комиссионӣ* | 46400 |
| | | *-аз ҳисоби дигар намуди хизматрасонӣ* | 254928 |
| 3. | Пардохти умумӣ ба буҷет аз рӯи тамоми намуди андозҳо-(сомонӣ) | | 168037,5 |
| 4. | Шумораи кормандон | | 86 |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд дар ҷадвали 3.1.7 оварда шудааст.

Таҳлил оид ба миқдори ҷойгир кардани сайёҳон дар соли 2021 дар ҷадвали 3.1.8., аз рӯйӣ минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.1.9. ва тақсимоти шумораи шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯйи кишварҳо дар ҷадвали 3.1.10. оварда шудааст.

Аз ҷадвалҳо бармеояд, ки дар нуҳ моҳи соли 2022 даромад тибқи маълумоти оморӣ аз пешниҳоди ҳамаи намудҳои хизматрасонӣ 1886963 сомониро ташкил дод. Аз ҷумла, аз ҳисоби сайёҳии воридотӣ 1574350 сомонӣ, сайёҳии содиротӣ 73678, сайёҳии дохилӣ 180245 сомониро ташкил додааст. Пардохти умумӣ ба буҷет аз рӯи тамоми намудҳои андозҳо 168037,5 сомонӣ мебошад.

**Ҷадвали 3.1.8. -Маълумот дар бораи ҷойгир кардани сайёҳон**

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | ҲАМАГӢ | | аз онҳо: | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардҳо | | Занҳо | |
| | | нафар | шабонарӯз | нафар | шабонарӯз | нафар | шабонарӯз |
| 1 | Шумораи шахсони ҷойгиршуда ҳамагӣ | 96950 | 465759 | 67513 | 268751 | 29437 | 197008 |
| 2 | аз ин миқдор: аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 92739 | 451463 | 64264 | 258286 | 28475 | 193177 |
| 3 | шаҳрвандони хориҷӣ | 4211 | 14296 | 3249 | 10465 | 962 | 3831 |

**Манбаъ: Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Аз ҷадвали 3.1.8. бармеояд, ки дар соли ҳисоботӣ шумораи умумии шахсони ҷойгиршуда 96950 нафар ва ба ҳисоби миёна дар муҳлати 4,8 шабонарӯз ба қайд гирифта шудааст. Миқдори мардони ҷойгиршуда байни онҳо 69,6% ва боқимонда 30,4% ро занҳо ташкил медиҳанд. Дар ин самт ҷиҳати ҷалби бештари шаҳрвандони хориҷӣ ҳам мардон ва ҳам занҳо зарур мебошад.

**Ҷадвали 3.1.9. -Маълумот дар бораи ҷойгир кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи минтақаҳо**

| *№ сатр* | Номгӯи нишондиҳандаҳо | ҲАМАГӢ | | аз он ҷумла дар минтақаҳо*:* | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ВМКБ | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | НТҶ | | ш. Душанбе | |
| | | Нафар | шабо-нарӯз | Нафар | шабо-нарӯз | нафар | шабо-нарӯз | Нафар | шабо-нарӯз | Нафар | шабо-нарӯз | Нафар | шабо-нарӯз |
| 1 | Шумораи шаҳраван-дони ҷойгиршудаи ҶТ, ҳамагӣ | 92739 | 451463 | 1494 | 4338 | 46389 | 289195 | 8018 | 45010 | 9743 | 27197 | 27095 | 85723 |
| 2 | аз ҷумла: Мардҳо | 64264 | 258286 | 1088 | 2707 | 29643 | 153884 | 5697 | 27573 | 8127 | 18004 | 19709 | 56118 |
| 3 | Занҳо | 28475 | 193177 | 406 | 1631 | 16746 | 135311 | 2321 | 17437 | 1616 | 9391 | 7386 | 29605 |

**Манбаъ: Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии сайёҳони дохилӣ дар соли 2021 бештар дар маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд 50,0%-и онҳо, аз ҷумла 29643 нафар мардон ва 16746 нафар занҳо истироҳат ва дидан намудаанд, ки ин шаҳодати мутобиқ будан ба талаботҳои истифодабарандагони маҷмааҳои сайёҳӣ, сатҳи мутобиқи хизматрасонӣ ва фаъолияти босамари мавсимӣ мебошад. Ҷоизи қайд аст, ки дар шаҳри Душанбе 29,2% аз ҷумла, мардон - 30,7% ва занҳо - 25,9%; Ноҳияҳои тобеи марказ - 10,5%; вилояти Хатлон – 8,6% ва ВМКБ – 1,6% ишғол менамоянд. Дар ин радиф зиёдшавии шумораи сайёҳон дар вилояти Суғд аз ҳисоби занҳо то 58,8% (16746 нафар) ва муддати миёнаи ҷойгиршавӣ то 8,1 шабонарӯз, ки 1,19 маротиба аз ҳисоби миёна зиёд мебошад ба назар мерасад. Муҳлати миёнаи ҷойгиршавӣ дар дигар минтақаҳо, вилояти Хатлон 7,5 шабонарӯз, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 5,8 шабонарӯз, шаҳри Душанбе ва ВМКБ 4 шабонарӯзро ташкил медиҳанд.

## Ҷадвали 3.1.10. -Тақсимоти шумораи шаҳравандони хориҷии ҷойгиршуда аз рӯйи мамлакатҳои ҷаҳон

| Мамлакатҳои ҷаҳон | Рамзи мамла-катҳо аз рӯйи ТУМҶ | Шумораи нафарони ҷойгиршуда, ( нафар) | Номгӯйи мамлакатҳо | Рамзи мамлакатҳо аз рӯйи ТУМҶ | Шумораи нафарони ҷойгиршуда, (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| Афғонистон | | 101 | Чин | | 335 |
| Американское (Восточное) Самоа | | 6 | Хорватия | | 1 |
| Озарбойҷон | | 14 | Молдова | | 11 |
| Австралия | | 9 | Эстония | | 4 |
| Африқо | | 1 | Фронса | | 20 |
| Австрия | | 1 | Дания | | 1 |
| Арманистон | | 8 | Гурҷистон | | 8 |
| Белгия | | 2 | Олмон | | 47 |
| Болгария | | 16 | Венгрия | | 3 |
| Белорусия | | 14 | Ҳиндустон | | 52 |
| Канада | | 9 | Ҷумҳурии Исломии Эрон | | 47 |
| Камерун | | 11 | Ирландия | | 2 |
| Богамские острова | | 1 | Покистон | | 12 |
| Италия | | 9 | Полша | | 13 |
| Япония | | 5 | Россия | | 822 |
| Қазоқистон | | 378 | Испания | | 30 |
| Ҷумҳурии  Корея | | 45 | Швейцария | | 14 |
| Қирғизистон | | 51 | Туркия | | 141 |
| Латвия | | 4 | Украина | | 57 |
| Мальдива | | 1 | Шоҳигарии Мутаҳида | | 23 |
| Нидерландия | | 5 | ИМА | | 65 |
| Намибия | | 1 | Ӯзбекистон | | 1722 |
| Зеландияи нав | | 2 | Нигерия | | 1 |
| Арабистони Саудӣ | | 10 | Словакия | | 2 |
| Таиланд | | 3 | АМА | | 3 |
| Туркманистон | | 8 | Эфиопия | | 1 |
| Колумбия | | 1 | Ҷумҳурии Чехия | | 6 |
| Сингапур | | 1 | Финландия | | 2 |
| Гана | | 1 | Гренада | | 8 |
| Индонезия | | 1 | Исроил | | 2 |
| Ҷумҳурии халкии демократии Корея | | 1 | Норвегия | | 5 |
| Филлипин | | 1 | Португалия | | 21 |
| Македония | | 1 | Миср | | 1 |
| Поластин | | 1 | Кувайт | | 2 |
| Литва | | 1 | Мексика | | 2 |
| Шветсия | | 1 | | | |

**Манбаъ:Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021( аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Аз рӯи ҷадвали 3.1.10 маълум аст, ки бо шарофати сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне сиёсати дарҳои кушод бо кишварҳои ҳамсоя махсусан бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маданият, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ тағйироти куллӣ ба миён омаданд. Чунончи, аз ҳама шумораи зиёди сайёҳон аз Ӯзбекистон (1722 нафар) мебошанд. Ҳамчунин аз кишварҳои шарикони стратегӣ Русия (822 нафар), Қазоқистон (378 нафар), Чин (335 нафар) ва Туркия (141 нафар) – ро ташкил медиҳанд ва тамоюли афзоиш доранд

## 3.2. Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд

Рушди сайёҳӣ дар кишвар ба амсиласозии комплекси мураккаби иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва хусусиятҳои вазъи кунунии макроиқтисод ҳамчун муҳити фаъолият ба таҳия ва коркарди иттилоот талаботи хосса дорад.

Ташкил ва гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи таснифоти ҳолати ибтидоии объект ҳангоми ҳалли масъалаи кор карда баромадан, баҳо додан ва интихоби роҳ аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар доираи таҳлил ва таъйини иқтидори объектҳои мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, имкониятҳои максималии онҳо ва арзёбии имкониятҳои маблағгузорӣ дар муҳлатҳо, иштироки сармоя, пешгӯии сатҳи кафолатноки маблағгузорӣ хеле муҳим аст.

Барои дурнамои рушди сайёҳӣ баҳодиҳии минбаъдаи иқтидори табиӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва демографӣ зарур мебошад. Таҳлили иқтисодии соҳаи сайёҳӣ бояд пас аз он гузаронида шавад. Ҳол он ки маълумотҳои соҳа вобаста ба намудҳои сайёҳӣ, вобаста ба вақт ва шаклҳои моликият омӯхта ва арзёбӣ мегардад. Дар натиҷа нақши соҳаи сайёҳӣ дар иқтисод муайян карда мешавад.

Ҳамчун системаи мустақили иҷтимоию иқтисодӣ муайян намудани сарҳадҳои масоҳатии соҳаи сайёҳӣ зарур аст. Барои рушди фаъолияти сайёҳӣ он чун нишондиҳандаи иқтидори табиӣ ва инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар таҳияи сайрҳои оянда ин арзёбиҳо истифода мешаванд.

Нишондиҳандаи фоидаи софи тури намуди навъи $к$ сайёҳӣ чун $d_k^r$ ишора шудааст. Нархҳои хизматрасонии нави $к$, хароҷоти ғайримустақим ва мустақим, инчунин хароҷоти иловагӣ барои тамоми номгӯи ин хидматҳо бо мақсади муайян намудани фоидаи соф лозим аст. Бо назардошти шароит ва тағйири нишондиҳандаҳо бо мурури замон тамоми пардохти имконпазир аз фоида тасҳеҳ карда мешаванд.

Арзиши воҳиди объектҳои нави сохтмону таҷдид $С_{ij}^{\tau}$ -ро аз рӯйи маълумоти лоиҳаҳои типии объектҳои дахлдор бо назардошти динамикаи нархҳои масолеҳ ва таҷҳизот ҳисоб кардан мумкин аст.

Азбаски амсила турҳои маъмулиро барои дурнамо ба инобат мегирад, бояд стандартҳои хидматҳои $W_{ik}$ ҷамъ карда шаванд, то дар вазифа шумораи нисбатан ками вариантҳои намояндагии турро истифода баранд. Чунин маҷмуи вариантҳои стандартӣ дар дурнамо бояд пурра инъикос ёфта, самтҳои асосии рушди сайёҳии мамлакат бошад.

Чун меъёри $Н_i^p$-хориҷ кардан аз фоида барои сармоягузории дубора дар соҳаи сайёҳӣ дар амсила параметреро гирифтан мумкин аст, ки арзишҳоро дар фосилаи [0,1] ҷой медиҳад. Бо ҳалли масъалаи беҳдошт дар қиматҳои гуногун муқаррар намудани нақши ин сарчашмаи маблағгузорӣ дар марҳалаҳои гуногун имконпазир аст.

Сатҳи вақти истифодаи иқтидори ҳар як бахш $(V_i,)$ чунин муайян карда шавад.

$$V_i = {V_i^Y}/{V_i^h}, \quad i = \overline{1,N}.$$

дар ин ҷо:

$V_i^Y$ – фонди солонаи вақти кории иқтидори бахш:

$V_i^h$ - вақти миёнаи истифодаи иқтидори бахш.

Таъсиси муҳити ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодиро рушди сайёҳӣ талаб менамояд. Ин асоси равобити сайёҳӣ ҳамчун самти ташаккули саноати муосири

сайёҳӣ ва воситаи ҳамгироии ҷаҳонӣ  дар кишвар мебошад. Чунин фазо ба рушди заминаи моддии сайёҳӣ ва инфрасохтори он мусоидат менамояд.

Ташкили маҷмуи сайёҳии замонавии хеле самаранок ва рақобатпазир мақсади вазифаҳои тадқиқот мебошад, ки он имконияти васеъро барои қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандони ватанӣ ва хориҷӣ ба намудҳои гуногуни хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳод менамояд. Дигар аз он, фароҳам овардани шароит барои рушди он ва имконпазир гардонидани саҳми назаррас ба рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Ин ҳадаф бо роҳи зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, даромади андозӣ, воридоти асъор, ҳифз ва истифодаи оқилонаи мероси фарҳангӣ ва табиӣ амалӣ хоҳад гашт. Барои таҳлил ва рушди сайёҳӣ ду марҳала пешбинӣ шудааст.

Дар навбати аввал солҳои 2022-2024 чун марҳалаи якум ба эътибор гирифта шудааст. Ин марҳала ба ташаккули заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди сайёҳӣ нигаронида шудааст. Татбиқи такмили сохтори идораи сайёҳӣ ва ҳавасманд кардани рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ муҳтавои ин марҳала мебошад. Фаъолияти ширкату иншоотҳои сайёҳиро оид ба рушди базаи моддии сайёҳӣ, таъмини кадрӣ ва илмии рушди сайёҳӣ, фаъолияти рекламавӣ-иттилоотӣ дар бар мегирад. Дар минтақаҳои дорои иқтидори баланди сайёҳӣ таҷдид ва анҷом додани сохтмони объектҳои сайёҳӣ низ ҷой дорад.

Тадриҷан зиёд шудани ҳаҷми сайёҳати дохилӣ ва воридотӣ натиҷаи амалӣ гардидани ин нақшаҳо буда, асоси ташаккули саноати сайёҳӣ ва баланд намудани сифати хизматрасонӣ хоҳад гашт.

Ба итмом расонидани корҳо оид ба ташкили фазои ягонаи сайёҳии муосири иттилоотӣ–рекламавӣ дар марҳалаи дуюм пешбинӣ шудааст. Ин фосила пурзӯр намудани модернизатсия солҳои 2025 – 2026-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳалаи сохтмон объектҳои нави сайёҳӣ ва инфрасохторҳои сайёҳӣ, пурзӯр намудани азнавсозиҳоро интизор шудан мумкин аст. Афзоиши минбаъдаи гардиши сайёҳон дар натиҷаи татбиқи марҳалаи дуюм пешбинӣ шудааст.

Чорабиниҳо оид ба рушди базаи моддии соҳаи сайёҳиро, пеш аз ҳама, таҳияи пешниҳодҳо оид ба механизми маблағгузорӣ, таҷдид ва сохтмони иншооти сайёҳӣ пешбинӣ менамояд. Ба ин бояд татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат намояд.

Дар инкишофи базаи моддии сайёҳӣ ҷанбаи на он қадар фаъоли таҳияи чорабиниҳо низ ҷой дорад. Ин, пеш аз ҳама, дар равияҳои сармоягузорӣ ва афзалияти сохтмони объектҳо мавҷуд набудани таҳлили иқтисодии вариантҳои рушд мебошад. Ҷиҳати дастгирии рушди сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ҳарчанд аз ҷониби давлат роҳандозӣ гардида бошад ҳам, ба роҳ мондани маҷмуи бештари тадбирҳо низ зарур аст.

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, танзими илмӣ-ҳуқуқии иқтисоди ҷомеа, ташкили мониторинги комплексии ҳолати муҳити табиӣ асоси чунин тадбирҳо мебошанд. Тараққӣ додани комплекси хоҷагии халқ, ҳифзи мероси табиию маданӣ ва ба вуҷуд овардани базаи иттилоотӣ-техникӣ низ зарур мебошад.

Маҷмуи маълумотҳои оморӣ ва меъёрӣ асоси тадқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Маълумот оид ба сохтори иншооти нави сохтмон ва азнавсозӣ дар нашрияҳо пурра тавсиф нашудаанд.

Амалиёти амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар мисоли вилояти Суғд сурат мегирад. Забони барномарезии амсилае, ки дар боби дуюм пешниҳод шудааст С++ , барномарезии ба объект нигаронидашуда ба шумор меравад. Самараи коркарди ахбор ва нигоҳ доштани онҳо, аз ҷумла яклухтӣ ва эътимоднокии ахбор таъмин гардидааст. Ҳадаф ташаккули саноати муосири сайёҳӣ, марҳалаи самараноки сайёҳӣ дар вилояти Суғд мебошад. Дар ҷадвали замимаи 1, тибқи маълумоти бахши Суғдии Хадамоти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои маҷмааи сайёҳии шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон ва Хуҷанди вилояти Суғд оварда шудааст. Нишондиҳандаҳои маҷмааи сайёҳии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар замимаи 1 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои барои тадқиқоти мо зарурӣ дар пурагӣ ҷой дода нашудаанд, монанди хароҷот оид ба сохтмони иншоот, ҳаҷми маблағгузорӣ, ки барои дар оянда васеъ гардонидани ташкилот асос мегардад. Қимати нишондиҳандаҳои фоидаи баъзе аз иншоотҳо бисёр паст, ҳатто

баробари сифр ва манфӣ, яъне зараровар мебошад. Албатта, дар чунин ҳолат ягон ташкилот дар бозори сайёҳӣ фаъолияти чандинсола дошта бошад ҳам, муддати зиёд фаъолият бурда наметавонад.

Бинобар ҳамин ба мо зарур омад, иловатан пурсиши экспертӣ гузаронем. Чи тавре, ки зикр гардид, амалӣ гардонидани рушди маҷмааҳои сайёҳӣ дар вилояти Суғд ду марҳаларо дар бар мегирад. Тибқи маълумотҳои дастрас, маблағгузории умумӣ дар ин фосила ба маблағи 75,5 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст. Бештари маблағгузорӣ дар марҳалаи якум 52,8 миллион сомонӣ ба назар гирифта шуда буд. Азбаски ба маҷмааҳои тадқиқотии сайёҳӣ маблағгузорӣ аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ аст, барои дарёфти нуқтаи оптималии ҳалли ин масъала интихоби меъёри оптималӣ муҳим мебошад. Нишондиҳандаи ниҳоии барзиёдии фоидаи бақиявӣ аз тамоми намуди фаъолияти сайёҳӣ мувофиқи мақсад мебошад. Албатта, ин нишондиҳандаи давраи баррасишаванда аст. Фоидаи меъёрӣ аз сармоягузориҳои якдафъаина бо баргардонидани меъёри 0,15, ки дар оғози марҳала оварда шудааст, берун омадааст. Нишондиҳандаҳои рушд дар натиҷаи оптималӣ гардонидани ҳаматарафа асоснок мешавад. Чунин асоснок кардан бо захираҳо ва ҳам баргардонидани харҷи яквақта аз ҳисоби фоидаи соф таъмин карда мешавад.

Дар амсиласозии объектҳои сайёҳии баррасишаванда ҳамаи объектҳои сайёҳӣ ба гурӯҳҳои сохтмони нав ва аз нав сохташаванда ҷудо карда мешавад. Дар ин раванди рушди маҷмааи сайёҳӣ силсилаи ҳисоббарорҳо
гузаронида шуд. Масъалаи марҳалаи аввали сохтмони нав ва таҷдид силсилаи ҳисоббаробарии якум буд. Маҷмааи фароғатии “Баҳористон” ва дигар объектҳо дар ҷадвали замимаи 1 дохил шудаанд. Боқимонда сохтмон ва азнавсозии лоиҳавии иҷронашудаи рушди сайёҳӣ супориши марҳалаи 2 ба ҳисоб меравад. Чунин тақсимот низ ба хурд намудани андозаи марҳалаи 2 оварда расонид. Ҳамин тавр, объектҳое, ки дар марҳалаи аввал оптималӣ шудаанд, амалӣ гардида, дар марҳалаи дувум пурра ба итмом мерасанд.

**Ҷадвали 3.2.1. -Объектҳои маҷмӯи туристии шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон ва Хуҷанди вилояти Суғд ва хусусиятҳои онҳо**

| № | Номи ташкилотҳо | Даромад аз пешниҳоди хизмат-расониҳо | Дигар намуди даромад-ҳо | Хароҷотҳо вобаста ба амалӣ намудани кору хизмат-расонӣ ҳамагӣ | аз он ҷумла: | | | | | | Фоида |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Харо-ҷоти моддӣ | Пардох-ти хизмат-расони-ҳои ғайри моддӣ | хароҷоти сарфи хизматӣ | музди меҳнат | хароҷотҳо барои маблағгузорӣ, харидории асбобу анҷом | дигар хароҷотҳо | |
| 4 | ҶДММ “Шоҳин-2003” ш.Бӯстон | 65,8 | - | 62,2 | - | - | - | 27,7 | - | 34,5 | 3,6 |
| 5 | ҶДММ “Заррин 9999” ш.Бӯстон | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 6 | ҶДММ “Садбарги Орзу” ш.Бӯстон | 98,488 | - | 89,950 | - | - | - | 36,720 | - | 53,230 | 8,538 |
| 7 | ҶДММ “Маҷмӯи Меҳмонхонаҳои Айдуқодир Ҷабборзода” ш.Бӯстон | 831,290 | - | 828,8 | - | - | - | 202,5 | - | 626,3 | 2,49 |
| 8 | ҶДММ “Орзуи Тӯтинисо” ш.Бӯстон | 85,6 | - | 72,8 | 45,6 | - | - | 20,0 | - | 7,2 | 12,8 |
| 9 | ҶСШК “Меҳмонхонаи Хуҷанд” ш.Бӯстон | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

| | Идомаи ҷадвали 3.2.1. | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | ҶДММ “Хушобак” ш.Бӯстон | 50,7 | - | 57,9 | 10,1 | 1,9 | - | 31,2 | - | 14,7 | -7,2 |
| 11 | ҶДММ “Мурадов З.Р” ш.Бӯстон | 194,8 | - | 144,8 | 51,8 | 16 | - | 22,5 | 15,2 | 39,3 | 50 |
| 12 | ҶДММ “Суғдиёна” ш.Бӯстон | 23,61 | - | 29,0 | 13,4 | - | - | 15,6 | - | - | -5,39 |
| 13 | ҶДММ “АВИТКОН” ш.Бӯстон | 88,893,60 | - | 109,020,40 | - | 41,880,40 | - | 21,100 | - | 46,040,0 0 | -20,127 |
| 39 | ҶДММ “Армони Хуҷанд “ ш. Хуҷанд | 313,52 | - | 300,00 | 11,40 | 22,60 | - | 81,60 | 107,20 | 77,20 | 13,52 |
| 40 | ҶДММ “Наҷм “ ш. Хуҷанд | 206,897 | - | 67,9 | - | - | - | 42,0 | 25,9 | - | 138,997 |
| 41 | ҶДММ “Фирӯз“ ш. Хуҷанд | 197,12 | - | 150,4 | - | - | - | 60,65 | - | 89,80 | 46,72 |
| 42 | ҶДММ Меҳмонхонаи “Тавҳид“ ш. Хуҷанд | 328,1 | - | 313,1 | - | 182,6 | - | 111,3 | 19,2 | - | 15 |
| 43 | ҶДММ “Шарқ - 2015“ ш. Хуҷанд | 53,9 | - | 34,6 | 3,5 | - | - | 18,8 | - | 12,3 | 19,3 |
| 44 | ҶДММ “Хуҷанд Муҷалол“ ш. Хуҷанд | 575,9 | - | 562,3 | 247,35 | 144,33 | - | 88,32 | - | 82,3 | 13,6 |
| 45 | ҶДММ “Хесон Ситора“ ш. Хуҷанд | 225,577 | - | 167,650 | - | - | - | 92,650 | 10,500 | 64,500 | 57,927 |
| 46 | МД Қароргоҳи сарвари давлати ҶТ ш. Хуҷанд | 119,41 | - | 119,143 | - | 9,2 | - | 62,73 | 2,1 | 45,11 | 0,267 |
| 47 | Меҳмонхонаи “Хуҷанд” ш. Хуҷанд | 70,5 | - | 163,5 | - | 13,2 | - | 84,9 | 40,7 | 24,7 | - 93 |
| 48 | ҶДММ “Сафари Сайёҳ” ш. Хуҷанд | 839,3 | 606,0 | 1243,0 | - | - | - | 324,5 | - | 918,5 | 202,3 |
| 49 | КВДИ “Меҳмонхонаи Суғдиён” ш. Хуҷанд | 3038,02 | - | 3878,93 | - | 566,9 | 0,7 | 678,9 | 1306,43 | 1326 | -840,91 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Идомаи ҷадвали 3.2.1. | | | | | | | | | | |
| 50 | ҶДММ “Музайян” ш. Хуҷанд | 28,6 | - | 22,00 | - | 1,5 | - | 13,0 | 7,0 | 0,5 | 6,6 |
| 51 | ҶДММ “Муҳаммадифтихор” ш. Хуҷанд | 983,1 | - | 859,20 | 524 | - | - | 212,2 | - | 120 | 123,9 |
| 61 | ҶДММ Мехмонхонаи “Соҳил” ш.Гулистон | 541,8 | 54,2 | 549,8 | 174,8 | 150,3 | - | 39,3 | - | 185,4 | 46,2 |
| 62 | ҶДММ Маркази табобати солимгардонии “Соҳил” ш.Гулистон | 727,8 | - | 1084 | 444,4 | 273,1 | - | 279,0 | 87,5 | - | -811,2 |
| 63 | ҶДММ МС “Усмонҷон” ш.Гулистон | 522,09 | - | 521,09 | - | 221,94 | - | 140,38 | - | 158,77 | 1 |
| 64 | ҶДММ “Далер 777” ш.Гулистон | 70 | - | 70 | - | - | - | 29,3 | - | 40,7 | 0 |
| 65 | ҶДММ “Шоҳин-БМТ” ш.Гулистон | 2411,67 | - | 3974,49 | 828,30 | - | - | 540,86 | - | 2605,33 | -1562,82 |
| 66 | ҶДММ Осоишгоҳи “Баҳористон” ш.Гулистон | 21360,42 | - | 26087,44 | 8110,35 | 6990,00 | 11,7 | 4816,5 | 3099,80 | 3060,09 | -4727,02 |
| 67 | ҶДММ “Фируз Плаза” ш.Гулистон | 369,87 | - | 262,6 | - | - | - | 63,65 | - | 198,85 | 107,27 |
| 68 | КВД “Осоишгоҳи Шифо” ш.Гулистон | 3483,64 | - | 3425,24 | 1288,8 | - | - | 888,3 | - | 1248,14 | 58,4 |
| 69 | ҶДММ “Наврӯз-2000” ш.Гулистон | 275,0 | 94 | 352,0 | - | - | - | 70,2 | 125,0 | 156,8 | 17 |
| 70 | ҶДММ Осоишгоҳи “Абдуқодир Ҷабборзода” ш.Гулистон | 203,24 | - | 207,48 | - | 77,40 | - | 56,22 | 46,50 | 27,36 | -4,24 |

**Манбаъ: Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст)**

Дар вилояти Суғд беш аз 50 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд. Мизоҷон метавонанд маҷмуи турҳои онҳоро истифода баранд. Маълум аст, ки ҳар як категорияи сайёҳӣ (масалан, категорияи $(k=\overline{I,K}))$ $M_k$ турҳои муфассалро дар бар мегиранд, ки ба миқдори турҳои даври $i_k$ ба $U_{ik,}$ $i_{k=}$ $\overline{I,M_k}$ баробар аст. Фоидаи тавозунӣ барои як роҳхати сайёҳии $i_k$- тур, барои $b_{ik}$ рӯз ҳисоб карда мешавад $C_{ik}$ (сомонӣ). Дар ин ҳол, метавонем нишондиҳандаи фоидаи як нафар-рӯзро, ки дар амсила қабул шудааст, чунин ҳисоб намоем:

$$\overline{c_k}=\frac{\sum_{i_k=1}^{M_k}U_{ik}C_{ik}}{\sum_{i_k=1}^{M_k}U_{ik}b_{ik}},k=\overline{1,K} \quad (3.2)$$

Дар ин ҳолат метавонем фоидаи умумии як намуди сайёҳиро дар амсилаи марҳалавӣ ба воситаи тағйирёбандаи ҷамъшудаи $Z_k$ ифода намоем. Қимати ададии тағйирёбандаи $z_k^i$-и дар натиҷаи оптималӣ гардонидан чунин маълумот медиҳад: $z_k^i$ шахс–рӯзҳои хизматрасонии сайёҳии самти категорияи к-ро дар марҳалаи 1-уми инкишофи маҷмааи сайёҳӣ ба амал овардан лозим аст, ки фоидаи тавозуниро ба маблағи зерин таъмин менамояд.

$$\overline{c_k}z_k^i=\frac{\sum_{i_k=1}^{M_k}U_{ik}C_{ik}}{\sum_{i_k=1}^{M_k}U_{ik}b_{ik}}z_k^i,k=\overline{1,K}. \quad (3.3)$$

Ё, ба ибораи дигар, барои тартиб додани нақшаи оптималии инкишофи хизматрасонии сайёҳӣ $z_k^i$ миқдори роҳхатҳоро барои ҳар давр пешбинӣ кардан лозим аст, ки ин баробари $U_k^i$ буда, $U_k^i=\lambda_k U_{ik}$ мебошад.

Дар ин ҷо $\lambda_k = \dfrac{Z_k^i}{\sum_{i_k=1}^{M_k} U_{ik} b_{ik}}$ - коэффитсиенти самти $K$ – уми рушди сайёҳӣ, $U_{ik}$- ҳаҷми воқеии хизматрасонии тури $i_k$ – мебошад.

Самтҳо ва суръати рушди сайёҳӣ тибқи натиҷаи оптималӣ гардонидан дар ду марҳала дар ҷадвали 3.2.1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2.1. - Марҳалаҳои рушди комплекси сайёҳии “Баҳористон”**

| Намуд ва категорияҳои хизматрасонии комплексӣ | Миқдори хизматҳо дар мавсим, нафар. рӯз | |
|---|---|---|
| | Дар марҳалаи1 | Дар марҳалаи 2 |
| Баҳористон: | - | - |
| 1. категорияи миёнаи хизматрасонӣ | 8320 | 15130 |
| 2. категорияи баланди хизматрасонӣ | 4700 | 7980 |
| Баҳористон | 5960 | 12080 |
| Сайёҳии ғайримуташаккил | 2500 | 5640 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст**

Маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳосилшуда дар натиҷаи оптималӣ гардонидан аз ҷиҳати захиравӣ ва баргардонидани хароҷоти якваќта аз ҳисоби фоидаи соф асоснок карда шудааст.

Дар амсила ба ғайр аз манбаъҳои маблағгузорӣ барои сармоягузорӣ ба рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд боз як манбаи пасандози худӣ аз фоидаи софи дар маҷмааи сайёҳӣ гирифташуда ба таври илова ба назар гирифта шудааст.

Фоидаи софи дар марҳалаи аввал ба даст овардаи маҷмааи сайёҳӣ маблағгузории марҳалаи дувум ба шумор меравад ва ба он равона шудааст. Ин меъёр бори аввал дар [80,с.21-63] пешниҳод ва асоснок шуда буд, ки он нишондиҳандаи баргардонидани мутлақи аз меъёр боло (БММБ) номида мешавад.

Мувофиқи амсила коэффитсиенти ҳисоб кардани БММБ дар вазифаи ҳар як марҳала баробар ба $\eta_1 = \alpha_1\beta$, дар ин ҷо $\alpha_1 = \frac{1}{(1+r)^{s_r/2}}$ мебошад.

Ҳисобкунии зерини коэффитсиенти ба фоидаи стандартӣ расонидани сармоягузорӣ дар лаҳзаи аввали татбиқи он гузаронида шуд. Барои масъалаи мо давомнокии марҳалаи 1-ум 3 сол аст: $S_r$=3. Мувофиқан фоизи дахлдори солонаи бонкӣ 14%: $r$ = 0,15. Пас $a_1 = 1/(1.15)^1 \approx 0.87$ мебошад. Дар марҳалаи 2-юм фоизи солонаи бонкро саҳеҳ пешгӯӣ намудан мушкил аст, аз ин сабаб, қимати $r$=0,15 шудааст. Танҳо бо назардошти давомнокии марҳалаи дувум, ки ду сол мебошад $a_2$ = 1/1.17≈0.87 аст.

Аз ин рӯ, мо ба даст меоварем, ки қимати коэффитсиенти стандартии бозгашт β = 0,15, $\eta_1$= 0.87*15≈0.13, $\eta_2$ = 0.87*0.15≈0.13 мебошад.

Ин коэффитсиентҳо ба вазифаи мақсадноки масъала, ба тағйирёбандаҳое дохил мешаванд, ки маҷмуи маблаггузорӣ ба сохтмони нав ва азнавсозиро инъикос мекунанд ва дар байни объектҳо тақсим гардидаанд. Чунин маблағгузорӣ дар оғози ҳар як марҳала оварда шудаанд. Фоидаи софи меъёрӣ, ки бояд ин сармоягузориро дар давраи меъёрӣ ҷуброн кунад, ба 1/0,15≈6.7 сол баробар аст ва фоидаи тахминии марҳалаи 1 мутаносибан баробар мебошад ба:

$$R_1 = 0.069 * \sum_{i-1}^{N} Q_1^i \quad (3.4)$$

$$R_2 = 3 * \sum_{k=1}^{K} \overline{C_k}\, x_k$$

Бо истифода аз формулаи (3.4) барои маҷмуаҳои баррасишаванда, категорияҳо ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ меъёри фоидаи соф $\overline{C_k}$ муайян гардид. Асоси ҳисобҳоро арзёбии арзиши роҳхатҳои сайёҳӣ ва натиҷаи коркарди вариантҳои турҳо аз тарафи туроператорҳо ташкил медиҳад.

Муҳтавои марҳалаи дигар аз масъалаҳои зерин иборат мебошад:

- хориҷ намудани тағйирёбандаҳо ва маҳдудиятҳои дахлдори объектҳое, ки дар марҳалаи пешина сохта ба истифода дода шудаанд. Объектҳои азнавсозӣ, ки ҳаҷми корашон дар марҳалаи баррасигардида ба охир расида низ аз марҳалаи оянда хориҷ карда мешавад;

- тағйирёбандаҳо ва маҳдудиятҳои фондҳои сармоягузорӣ аз пасандозҳои худӣ барои сармоягузорӣ дохил карда шуда, онҳо дар асоси ҳалли масъалаи марҳалаи якум ҳисоб карда мешаванд ва ҷамъи ин маблағҳо аз тарафи рости маҳдудияти масъалаи дуюм гузошта мешавад.

Ҳаҷми андозаи марҳалаи дуюм дар натиҷаи чунин дигаргунсозиҳо нисбат ба марҳалаи якум камтар мегардад. Объектҳое, ки сохтмон ва таҷдиди онҳо дар марҳалаи аввал қисман амалӣ шуда буданд, дар марҳалаи минбаъда мувофиқи ҳалли оптималӣ пурра анҷом дода мешаванд. Боқимонда лоиҳаҳои амалинашуда сохтмон ё таҷдид ва инчунин варианти рушди инфрасохтори сайёҳӣ чун вазифаҳои марҳалаи навбатӣ ба шумор мераванд. Ҳамин тавр, аз андозаи масъала, аз ҳисоби истисно намудани объектҳои амалишуда кам карда мешавад.

Пешниҳоди самти рушди сайёҳӣ, гуногунии сармоягузорӣ, пайдарпаии сохтмони иншоотҳоро мувофиқи воридоти манбаъҳои маблағгузорӣ ва вариантҳои гуногуни сармоягузорӣ, асосноксозии иқтисодиро амсилаи пешниҳоднамудаи мо амалӣ менамояд. Ҳавасмандгардонии рушди инфрасохторҳо дар Тоҷикистон ва коркарди стратегияҳои ҷалби сармояро барои ташаккули бозори муосири сайёҳӣ низ амсилаи мазкур имконпазир менамояд.

Аз таҳлили маводҳои ҷамъовардашуда оид ба фаъолияти маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд метавон ба ин натиҷа расид, ки миқдори ҷойгиршавии сайёҳон, ҷойгиршавии маҷмааҳои сайёҳӣ дар ҳудуди вилоят, тафриқаи миқдории онҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, ҳаҷми сармоягузорӣ, рушди инфрасохторҳо, маҷмуи хизматрасонӣ ба сайёҳон пешниҳодшуда ва дигар ба ин монанд мушаххасоти зиёди онҳоро зоҳиран арзёбӣ намудан аз имкон берун мебошад.

Аз ин лиҳоз, вобаста аз мушаххасоти гуруҳбандии (кластеризатсия) маҷмааҳои сайёҳӣ таҳқиқу таҳлили онҳоро лозим шумоpидем, то оид ба ҳар гурӯҳ хислатҳои хосро арзёбӣ намоем. Албатта, на ҳамаи мушаххасоти маҷмааи сайёҳӣ

миқдоран арзёбӣ мегарданд. Зеро қисме аз онҳо мушаххасоти сифатӣ мебошанд, ки низ бояд арзёбӣ шаванд. Усули гурӯҳбандии маҷмӯи зиёд, бо мушаххасоти миқдорию сифатӣ дар [30,с.5-13] оварда шудааст. Аз ҷумла, наздикии ду элемент аз рӯи маҷмуи мушаххасоти ҳам сифатию ҳам миқдорӣ бо ин формула муайян карда мешавад:

$$c_{ij} = \frac{\sum_{t=1}^{m} \rho_{it}\rho_{jt}}{\sum_{t=1}^{m}\rho_{it} + \sum_{t=1}^{m}\rho_{jt} - \sum_{t=1}^{m}\rho_{it}\rho_{jt}} \qquad (3.5)$$

Дар ин ҷо чунин манидод карда шудаанд, $R_I, R_i$ миқдори мушаххасоти сифатӣ ба ($\rho_{it} = 1$) хос ва ба мушаххасоти ($\rho_{it} = 0$) хос набуда барои элементҳои i ва j; $R_{IJ}, R_{ij}, R_{Ij}$ шумораи мушахасоте, ки мутаносибан қиматҳои 1 ва 1, 0 ва 0, 1 ва 0, 0 ва 1-ро доранд; миқдори умумии мушаххасотҳо чун m.

$C_{ij}$ ченаки наздики (зичии) алоқамандии элементҳои муқоисавии $i$ ва $j$; $i$ ва $j$ – рақами тартибии элементҳои (маҷмааи сайёҳӣ) гурӯҳбандишаванда аст.

Дар навбати худ

$$R_i = m - R_I, \qquad R_I = \sum_{t=1}^{m}\rho_{it}; \qquad R_{IJ} = \sum_{t=1}^{m}\rho_{it}\rho_{jt}; \qquad R_{ij} = \sum_{t=1}^{m}(1-\rho_{it})(1-\rho_{jt});$$

$$R_{Ij} = \sum_{t=1}^{m}\rho_{it}(1-\rho_{jt}); \quad R_{iJ} = \sum_{t=1}^{m}\rho_{jt}(1-\rho_{it})$$

Амсилаи гуруҳбандии N маҷмааи сайёҳиро ба M зергурӯҳҳо (зермаҷмааҳо) чунин ифода менамоем, тақсимот ба зергурӯҳҳо вобаста:

$$N = \bigcup_{v=1}^{M} N_v; \; v = \overline{1,M}. \qquad (3.6)$$

$$N_v \bigcap_{v,\mu=1}^{M} N_\mu = \varnothing, \;\; v \neq \mu, \;\; v,\mu = \overline{1,\grave{I}}. \qquad (3.7)$$

Бо назардошти маҳдудиятҳо

$$\sum_{i \in N_v} P_q(i) \le P_{qv}, \quad v = \overline{1, Ì}, \tag{3.8}$$

Шумораи зергурӯҳҳо (M) дода нашудааст ва чун яке аз параметрҳои оптимизатсионӣ, дар рафти гурӯҳбандӣ муаян карда мешавад. $P_q(i)$ - ба элемент алоқаманд омилҳои маҳдудкунандаро тавсиф мекунад ва бузургии вектори мебошад; $P_{qv}$ - дигар бузургии вектори додашуда вобаста ба хусусиятҳои зермаҷмуаи $v$-ум. Аз ҷумла метавонад, чун адади маҳдудкунандаи шумораи элементҳои ба як зергурӯҳ дохилшуда бошад.

$$\sum_{i \in Nv} \boldsymbol{H(i)} \le \boldsymbol{H_v}, \tag{3.9}$$

$$\left| \sum_{i \in Nv} \boldsymbol{H(i)} - \sum_{i \in N\mu} \boldsymbol{H(i)} \right| \le 1, \tag{3.10}$$

$$\delta(i,j) = \begin{cases} 1, \text{агар элементи i, j дар ҳолати имконпазир будани базе гурӯҳ дохил} \\ \text{намудан } \mathrm{N_v}\text{: i, j} \in \mathrm{N}; \\ 0, \text{дар акси ҳол .} \end{cases} \tag{3.11}$$

Ин маҳдудияти пеш муайяншуда имконнопазири дохил кардани элементҳои i ва j ба як зермаҷмуа акс медиҳад. $H(i) \equiv 1, \ \forall i \in N$, $H_v$ маҳдудияти шумораи элементҳои ба як зергурӯҳ дохилшаванда мебошад. Функсияи мақсад максималӣ гардонидани ҷамъи $C_{ij}$ дохили ин гурӯҳ буда ва минимали гардонии ҷамъи алоқаҳои дар гурӯҳҳои гуногун бударо акс менамояд.

$$F = \sum_{v=1}^{M-1} \sum_{\mu=v+1}^{M} \sum_{i \in N_v} \sum_{j \in N_\mu} C_{ij} \longrightarrow \min \tag{3.12}$$

Алгоритми амилигардонии амсила дар расми 3.2.1 оварда шудааст.

Асоси ин алгоритмро татбиқи бартариятҳои тартиби алоқаи пурра ва аввалин қоидаи афзалияти локалӣ тартиб додааст ва камбудиҳои ба онҳо дар истифодабарии алоҳидаги хос бударо бартараф менамояд.

Моҳияти алгоритм чунин аст.

1. Миқдори умумии элементҳои маҷмӯи N ба n баробар аст, дар аввал он ба зергурӯҳҳои $N_v$, тақсим мешавад ва кадоми он як элемент дорад.

Андозаи наздикии байни зергурӯҳҳо бо матритсаи $\|C_{ij}\|$ дода шдудааст.

Пайдарҳамии такрориҳо бо қимати тағйирёбандаи қадами *r* тавсиф карда мешавад. Тағйирёбандаи омезиши тартиби алоқаи пурра ва аввалин қоидаи афзалияти локалиро бо V ишора мекунем. Дар қисмати ибтидоӣ, r = 0 ва V = 0.

2. Матритсаи $\|C_{ij}^r\|$ ворид карда мешавад, барои r = 0 андозаи он бо андозаи матритса $\|\tilde{N}_{ij}\|$ мувофиқат мекунад. Ҳама зермаҷмӯаҳо, ки шарти

$$C_{k\ell}^r \geq \max_{\substack{i \subset N_\ell^r\{k\} \\ j \subset N_k^r\{\ell\}}} \{C_{ki}^r, C_{\ell j}^r\}; \qquad \forall C_{ij}^r > 0. \qquad (3.13)$$

қонеъ мегардонанд ба зергурӯҳи $N_k$ *è* $N_\ell$, муттаҳид карда мешаванд:

3. Ба қадами r+1 мегузарем. Ба зергурӯҳҳо, ки дар натиҷаи муттаҳидшавӣ мувофиқи формулаи (3.13) ба даст омадаанд, рақамҳои элементҳои хурдтарин дода мешаванд, ки натиҷа чунин аст:

$$N_1^{r+1}, N_2^{r+1} \ldots N_{M_{r+1}}^{r+1} \neq \varnothing \text{ и } N_{M_{r+1}+1}^{r+1}, \ldots, N_{M_r}^{r+1} = \varnothing. \qquad (3.14)$$

Қимати функсияи мақсад ҳамчун фарқи байни ҷамъи умумии андозаи наздикии ва ҷамъи андозаи наздикии элемнтҳои дохили зергурӯҳҳо буда муайян карда мешавад.

$$F = \sum_{i,j \in N} C_{ij} - \sum_{v=1}^{M_{r+1}} \sum_{i,j \in N_v^r} C_{ij}. \qquad (3.15)$$

Бо дарназардошти он, ки иттиҳодияҳои ҷуфтӣ мувофиқи (3.13) амалӣ карда шаванд, функсионалии *F* дар натиҷаи гузариш ба қадами r+1 то максимали коҳиш

меёбад. Агар шарти (3.13) барои $C^r_{k\ell}=0 \quad \forall k,\ell \in N^r$, иҷро гардад, ба қадами 8 мегузарем.

4. Қиматҳои элементҳои матритсаи мамнӯъ ва коэффисиентҳои ченаки наздикӣ ба таври зерин аз нав ҳисоб карда мешаванд:

$$\delta^{\hat{e}+1}_{k\ell}=\prod_{\substack{i\in N^r_k\\ j\in N^r_\ell}}\delta(i,j). \qquad (3.16)$$

$$C^{r+1}_{k\ell}=\sum_{i\in N^r_k}\sum_{j\in N^r_\ell}C_{ij}\Big/\sum_{i\in N^r_k}i\sum_{j\in N^r_\ell}j \qquad (3.17)$$

Шарти иҷрои нобаробарӣ санҷида мешавад:

$$r<h-V_1, \qquad (3.18)$$

Ин ҷо, $h=\left[\min\left\{\dfrac{P_{iR}}{\max\limits_i P_R(i)}\right\}\right]+1,$ (3.19)

$R=\overline{1,S}$ - шумораи маҳдудиятҳо. Агар шарти (3.13) иҷро шавад, ба қадами 3 баргардем, вагарна ба қадами 6 мегузарем.

5. Аз қадами r = h-V сар карда, иттиҳодияҳои ҷуфтӣ ба таври махсус амалӣ карда мешаванд.

Дар байни зергурӯҳҳо як ҷуфт интихоб карда мешавад $N^r_\nu, \quad \nu=\overline{1,M_r},$, ки барои $N^r_k$, $N^r_\ell$, шарти зерин иҷро мешавад:

$$\tilde{N}^r_{k\ell}=\max_{i,j\in N^r_\nu}C_{ij}. \qquad (3.20)$$

Ба зергурӯҳҳои $N^{r+1}_{k\ell}$, ки дар қадами r+1 тавассути якҷоя кардани зермаҷмӯаҳои $N^r_k$ è $N^r_\ell$, ба даст оварда шудааст, рақами тартибии баробар ба $\min\{k,\ell\}$ дода мешавад. Дар натиҷа, шумораи зергурӯҳҳо дар қадами r+1 нисбат ба қадамҳои r-ум як адад кам мешавад, яъне.

$$N^{r+1}_\nu, \qquad \nu=\overline{1,(M_r-1)}. \qquad (3.21)$$

6. Минбаъд қиматҳои элементҳои матритсаи маҳдудият $\delta(i,j)$ байни зермаҷмӯҳои ҳосилшуда мувофиқи формулаи (3.16) аз нав ҳисоб карда мешаванд

ва арзиши коэффисиентҳои андозаи наздикии байни онҳо бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$C_{kl}^{r+1} = \sum_{i \in N_k \cup N_\ell} \sum_{j \in N_v} C_{ij}, \qquad \forall v = \overline{1,(M^{r+1} - 1)} \tag{3.22}$$

Пас аз ҳисобкунии дубора, раванди пайвастшавии ҷуфтии зергурӯҳҳо такрор карда мешавад. Дар ҳолате, ки қимати аз рӯи шарти (3.20) интихобшуда $C_{k\ell}^{r} = 0$ ба банди 8 мегузарем. Охирин имконнопазирии муттаҳидкунии минбаъда бо сабаби маҳдудиятҳои (3) - (6) ҳисоб карда мешавад. Агар $C_{ij}>0$ ба банди 6 бармегардем.

7. Гузаштан ба қадами 8 маънои онро дорад, ки тақсимоти ҳосилшудаи маҷмӯи аслии N шартҳои маҳдудкунандаро (3) - (6) бо қимати функсионалии баробар ба F1 қонеъ мегардонад. Агар V < h, пас V-ро як воҳид зиёд менамоем ва ба қадами 2 бармегардем. Тартиби 2 - 8 то V < h такрор карда мешавад. Бо зиёд кардани қимати V, омезиши ду қоидаи гуруҳбанди таъғир дода мешавад. Ҳангоми V=1, шумораи қадамҳо, ки дар он гуруҳбандии элементҳо бо усули алоқаи пурра анҷом дода мешавад максимали мебошад. Барои V=2, аввалин қоидаи афзалияти маҳаллӣ дар марҳилаи охирини раванди гурӯҳбандӣ иҷро карда мешавад, ҳангоми V=3, дарду қадами охирин ва ғайра.

8. Тақсимоти маҷмӯи ибтидоии N-ро дар фосилаи тағйирёбии V бо қимати меъёри оптималӣ F1, F2, F3,... муайян карда мешавад. Беҳтарин варианти гурӯҳбандӣ аз шарти зерин интихоб карда мешавад:

$$F_0=\min\{F^v\}. \tag{3.23}$$

Гурӯҳбандӣ, ташкили кластерҳои маҷмааҳои сайёҳӣ бо назардошти омилҳои таъсисрасон иҷро мегардад. Дар натиҷаи таҳлил чунин омилҳо барои гурӯҳбандӣ интихоб шуданд:

- ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ дар асоси арзиш;
- захираҳои табиӣ ва иқлимии минтақаи сайёҳӣ (ба ин низ наздикии кӯл, обанбор, дарьё, баҳр, кӯҳ, имконияти кухгардӣ, масофа аз маркази минтақа);
- рушди сифати хизматрасонӣ;

- бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ки ба хизматрасонӣ, ба авҷи сайёҳон нигаронида шудааст (аз ҷумла, хизматрасонии табобатӣ, ташкили сайру гашт);

- ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ дар асоси мавҷудияти иттилоот;

- ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ дар асоси мавҷудияти технологияҳои нав барои ҳамаи иштирокчиён.

Гурӯҳбандӣ барои осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳои вилояти Суғд дар алоҳидагӣ гузаронида шуд ва натиҷаҳо чунинанд. Ба гурӯҳи аввали мехмонхонаҳо ворид шуданд: ҶДММ "Шоҳин-2003", ҶДММ "Садбарги Орзу", ҶДММ "Маҷмӯи Меҳмонхонаҳои Абдуқодир Ҷабборзода", ҶДММ "Орзуи Тӯтинисо", ҶСШК "Меҳмонхонаи Хуҷанд", ҶДММ "Хушобак", ҶДММ "Мурадов З.Р", ҶДММ "Суғдиёна", ҶДММ "АВИТКОН", дар шаҳри Хуҷанд ҶДММ "Армони Хуҷанд ", ҶДММ "Наҷм ", ҶДММ "Фирӯз", ҶДММ Меҳмонхонаи "Тавҳид", ҶДММ "Шарқ - 2015", ҶДММ "Хуҷанд Муҷалол", ҶДММ "Хесон Ситора", Меҳмонхонаи "Хуҷанд", ҶДММ "Сафари Сайёҳ", КВДИ "Меҳмонхонаи Суғдиён", ҶДММ "Музайян", ҶДММ "Муҳаммадифтихор", дар шаҳри Гулистон ҶДММ Меҳмонхонаи "Соҳил", ҶДММ "Фируз Плаза". Мушаххасотҳои ба ин гурӯҳ бештар хос буда - ҷойгиршавӣ дар назди дарё ё обанбор, наздик будан ба ҷойҳои маърифативу фарҳангии шаҳру шаҳракҳо, рушди инфрасохтор, хизматрасонӣ ва таъминоти иттилоотӣ мебошад.




**Расми 3.2.1. - Алгоритми гурӯҳбандии якҷоягардонидашуда**

Ба гурӯҳи дигар меҳмонхонаҳои наздикии роҳи байналмиллалии "Душанбе-Хуҷанд-Чанок", роҳҳои баромад ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя ворид шуданд: ҶДММ "Меҳмонхонаи Исфара" ш. Исфара, ҶДММ "Меҳмонхонаи Умариён", ҶСП "Сайру сайёҳат" дар ш. Панҷакент, ҶДММ Меҳмонхонаи "Истироҳат" ш. Истаравшан, ҶДММ "Меҳр Ғиёс" н. Айнӣ, ҶДММ "Меҳмонхонаи Эҳсон" Б. Ғафуров, ҶДММ "Сино" н. Масчоҳ. Наздикӣ ба табиат кӯҳсорон, таъмини истироҳату фароғати мизоҷон, инфрасохтору хизматрасонии кифоягӣ хусусияти хоси ин гурӯҳ мебошад. Рақобат дар асоси арзиш ва мавҷудияти иттилоот ҷой дорад.

Таркиби гурӯҳи сеюм иборат аз - ҶДММ "Мехмонхонаи Шайдон " н. Ашт, Меҳмонхонаи - Ғончӣ н. Деваштич, ҶДММ "Ҷонобил" ш. Панҷакент, ҶДММ Фариштаи ҳафткул ш. Панҷакент, ҶДММ "Тоҳириён" ш. Панҷакент, ҶДММ "Согдиана" ш. Панҷакент, ҶДММ "Наҷмиддини Нофим" ш. Панҷакент, ҶДММ "Париён" ш. Панҷакент, ҶДММ "ВАРЗ" н. Айнӣ, ҶДММ "Нури Раҳмон" н. Айнӣ, ҶДММ "Сомон Ҷаборзода" Б. Ғафуров, ҶДММ МКМ "Сомони" Б. Ғафуров, ҶДММ "Ҷаҳондор" Б. Ғафуров, ҶДММ "Диёри азиз" Б. Ғафуров, ҶДММ "Сайёҳӣ ва истироҳати Сорвода" н. Айнӣ, КФФ "ХМК"- и н. Айнӣ, ҶДММ "Муҳаббат" ш. Истаравшан, ҶДММ "Киропол" ш. Истаравшан, ҶДММ Гулдаста 2013 ш. Истаравшан, ҶДММ "Садбаргии Истаравшан" ш. Истаравшан, ҶДММ "Бобоҷонова Зарина" ш. Панҷакент, ҶДММ МТС "Гиппократ ", ҶДММ "Акмал-5 ш. Меҳробод, Шӯъбаи маорифи н. Деваштич, ҶДММ "Шоми Қанд", ҶДММ "Маликаи Ховар", ҶДММ "Каромат 2010", ҶДММ "Шохрухҷон" ш. Конибодом, ҶСК "Корхонаи кимиёвӣ" ш. Исфара, ҶДММ "Хизмат-Сервис" ш. Исфара, ОИМ "Сарчашма" н. Спитамен, ҶДММ "Заррин 9999" ш. Бӯстон, ҶДММ "Моҳинур" н. Зафоробод мебошад. Ҳоло, ягона хислати хоси мусбӣ ин ҷойгиршавии меҳмонхонаҳо дар табиати хуш, наздикии кӯҳсор мебошад. Дигар ин муҳайё набудани шароит, муҳити носозгор, набудани рақобати шиддатнок, дур будан аз коммуникатсия, бурдани фаъолияти мавсимӣ, инфрасохтори номукаммал мебошад.

Дар натиҷаи класстербандии осоишгоҳҳои вилоят се груҳ баста шуд. Ба гурӯҳи якум воридшуда осоишгоҳҳо - ҶДММ "Баҳористон" ш. Гулистон, ҶСК

“Осоишгоҳи Зумрад ” ш. Исфара, ҶДММ Маркази табобати солимгардонии “Соҳил” ш. Гулистон, ҶДММ МС “Усмонҷон” ш. Гулистон, ҶДММ “Далер 777” ш. Гулистон, ҶДММ “Шоҳин-БМТ” ш. Гулистон, КВД “Осоишгоҳи Шифо” ш. Гулистон, ҶДММ “Наврӯз-2000” ш. Гулистон, ҶДММ Осоишгоҳи “Абдуқодир Ҷабборзода” ш. Гулистон, ҶДММ “Ависсити” ш. Истаравшан, ҶСК“Осоишгоҳи Истаравшан” ш. Истаравшан мебошад. Мушаххасоти гурӯҳ пешкаш намудани маҷмӯи васеъи хизматрасонии табобатӣ, дар наздикии обанбор ҷойгир шудан, доштани хатсайрҳои мустақим, инфрасохтори рушдёфта, таъминоти хуби иттилоот ва нақлиёт мебошад.

Ба гуруҳи дуюм осоишгоҳҳо ҶСК Осоишгоҳи хавотак ш.Истаравшан, ҶДММ “Осоишгоҳи Шаҳристон” н. Шаҳристон, ҶДММ “Марказа сайёҳӣ ва табобатии Аксион” н. Ашт, Муассисаи давлатии солимгардонии “Сиёвуш” н. Масчоҳ, ҶДММ “Мероси Исфара ” ш. Исфара, ҶДММ Осоҳишгоҳ-фароғ “Ирам” ш. Конибодом, ИВДТ Истироҳатгоҳи солимгардонии кӯдакона н. Ҷ.Расулов, ҶДММ “Заргул” н. Спитамен шомил гаштаанд. Наздик будан ба ҷойҳои маърифативу фарҳангӣ, пешниҳоди маҷмӯи хизматрасонии табобатӣ, бастаҳои сайёҳӣ, доштани муҳити зебои саёҳатӣ, кӯҳсор ва дигар имкониятҳои табиӣ, ҷой доштаи рақобат дар асоси арзиш ва мавҷудияти иттилоот хусусияти асосии ин гурӯҳи маҷмааҳо маҳсуб мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюм ҶДММ ”Маркази савдо ва хизматрасонии Суғд” н. Айнӣ, Муассисаи Таълимӣ ш. Истаравшан, МДТИ “Ховотаг” ш. Истаравшан, БФВС “Ғулакандоз” н. Ҷ.Расулов, ҶДММ фароғ-таб “Гули Бодом” ш. Конибодом, ҶДММ “Одилс” н. Шаҳристон, ҶДММ “Эделъвейс” н. Шаҳристон ворид шудаанд. Ҷойгиршавии маҷмааҳо дар табиати хуш, наздикии кӯҳсор, доштани муҳити зебои саёҳатӣ, пешниҳоди маҷмӯи бастаҳои сайёҳӣ мебошад. Рушди инфрасохтор, таминоти нақлиётию иттилоотӣ, сатҳи хизматрасони норасоӣ дорад.

### 3.3. Самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ

Дар Тоҷикистон дар сиёсати муосири рушди сайёҳӣ набудани ҳамоҳангӣ ба пайдо шудани номутаносибӣ дар байни сайёҳии воридотӣ ва хуруҷӣ оварда мерасонад. Ба инкишофи низоми сайёҳӣ, умуман, амалкарди он методҳои асосии

дастгирии корхонаҳои низоми сайёҳӣ таъсир намерасонанд. Набудани ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ ин норасоии нақшагирӣ мебошад.

Дар амал бартарӣ ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддат дода мешавад. Ин нуқта низ ба назар мерасад, ки байни идораҳои мухталиф вазифаҳои идоракунии беасос сайёҳӣ тақсим карда мешаванд. Бартарӣ доштани муносибатҳои «хусусӣ» дар сиёсати сайёҳӣ боиси нокифоя будани муносибатҳои «умумӣ» мегардад.

Барои рушди соҳаи сайёҳӣ сиёсати фаъолонаи давлатӣ дар ҳамаи мамлакатҳо аҳаммияти калон дорад. Иқтидори азими сайёҳии Тоҷикистон ва вазъи воқеан ғайриқаноатбахши соҳаи сайёҳӣ ташаккули чунин сиёсатро ба зарурат табдил додааст.

Дар марҳалаи аввали рушди сайёҳӣ вазъияти объектҳои захираҳои сайёҳӣ, амсилаи мавҷудаи рушди сайёҳӣ, намудҳои фаъолият ва бозорҳои сайёҳӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Мудаллалсозии мақсаду вазифаи рушди давлатии сайёҳӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ бояд аввали ташаккули сиёсати сайёҳӣ гарданд.

Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи муосири рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати андешидани тадбирҳои асосӣ дастгирии давлатии инкишофи соҳаи сайёҳӣ бояд таъмин гардад:

- паҳн намудани бартариҳои иқтисодиву иҷтимоии дастгирии давлатии доираи маҳдуди самтҳои муҳимтарини сайёҳӣ;
- ба фаъолияти сайёҳӣ ҷалб кардани корхонаҳои шакли моликияташон гуногун бо дастгирии давлатӣ;
- дар шакли уҳдадорӣ ё кафолатҳои умумии ҳукумат пешниҳод гардидани дастгирии давлатӣ.

Самтҳои бартарии сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ:

- Таъмини рушди сайёҳии суроғавӣ – иҷтимоӣ;
- Таъмини ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ва пешгирӣ аз амалҳои ҷиноӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- Таъмини эҳтиёткоронаи истифодаи захираҳои табиӣ ва фарҳангии мамлакат;

- Ташкили омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналхалқӣ.

Тадбирҳои асосии дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ аз мақсадҳои болои бармеоянд, ки дар навбати аввал стандартӣ кардан, сертификат додан дар соҳаи сайёҳӣ, такмили пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқии инкишофи методологияи додани иҷозатнома, танзими гумрукӣ мебошанд. Бояд қоидаҳои вуруд, хуруҷ ва будубош бо назардошти манфиатҳои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон муқаррар гардад. Мубориза бо ҷинояткорӣ ва коррупсия аз зумраи ин масъалаҳоянд.

Дар соҳаи иқтисодӣ низ ба чунин тадбирҳо ниёзҳо ҳастанд, ки ин танзим дар соҳаи андоз мебошад. Зеро асоси сармоягузории мақсадноки буҷетӣ ба барномаҳои рушди сайёҳӣ андоз аст. Барои сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ бояд шароитҳои мусоид фароҳам оварда шавад.

Бояд ҳалли масъалаҳои сайёҳии иҷтимоии суроғавӣ ҳамеша дар мадди назар бошад ва ба вуҷуд овардани пойгоҳи иттилоотӣ-таҳлилӣ, таъмини кадрҳои касбӣ барои фаъолияти сайёҳӣ низ аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Гурӯҳи калони тадбирҳо бояд ба соҳаи ташкили сайёҳӣ равона гардад. Ин, пеш аз ҳама, ташаккули имиҷи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ва таъмини иштирок дар барномаҳои байналхалқии сайёҳӣ аст. Таъмини пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохиливу ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароит барои истифодаи сермақсади инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст. Сармоягузории бахшҳои давлатию хусусӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ бояд ҳамоҳанг бошанд.

Барои ин ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурӣ танзим ва дастгирии ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон зарур аст. Албатта, дар ин ҷода шаклу воситаҳои гуногун ҷой дорад. Ин аз сармоягузории ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ, то сармоягузории мустақимро фаро мегирад. Пешбурди маҳсулоти миллии сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонӣ, таъмини илмӣ ва рекламавӣ-иттилоотӣ, омода кардани кадрҳо аз тадбирҳои дигар дар ин соҳа ба шумор меравад. Сармоягузориро ба инкишофи сайёҳии ташрифӣ ва дохилӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ ҳавасманд мегардонанд.

Имтиёзҳои зерин низ рушди соҳаи сайёҳиро таъмин менамоянд:

- қарздиҳии имтиёзнок, имтиёз дар иҷора гирифтани моликияти давлатӣ барои идораи сайёҳӣ;

- фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохилӣ, бекор кардани андози фурӯш.

Соҳаи сайёҳӣ ба имтиёзҳо оид ба андози арзиши илова ниёз дорад. Андози арзиши илова дар Фаронса дар ҳамаи соҳаҳо ба ҳисоби миёна 22% аст. Аммо на бештар аз 13% танҳо дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Мумкин аст, ки ин то 10% коҳиш ёбад.

Имрӯзҳо сайёҳии кӯдакон ва ҷавонон нигарони ёрии моддӣ мебошад, чунин ниёз дар сайёҳӣ барои нафақахӯрон низ ҷой дорад.

Тадбири дигари сиёсати давлатӣ метавонад ба тағйир додани таносуби андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ сабаб шавад ва он ба бардоштани дараҷаи маблағгузориҳо ба дастгирии соҳаи сайёҳӣ равона мегардад. Барои иҷрои барномаҳои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо имкон фароҳам гардида ва ба он асоси воқеӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Амалан ин ба берун кардани рушди сайёҳӣ аз доираи марказият оварда мерасонад. Дар ин ҳолат меҳвари иқтисодии асосӣ рентаи сайёҳӣ мегардад. Пардохти аз назари хусусиятҳои маҳаллӣ ҳисобшуда барои истифодаи захираҳои табиӣ ва захираҳои дигари сайёҳӣ пурра ба буҷети маҳаллӣ ё минтақавӣ ворид мегардад.

Интиқоли маблағҳои пардохтҳои рентавӣ ба ҳисоби фонди махсус низ қобили қабул ба назар мерасад. Зеро маблағҳое, ки дар чунин фоидаҳо ҷамъ шудаанд, ба таъмиру тармими ёдгориҳои таърихӣ, ҳамчунин сохтмон ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ равона мегарданд.

Ҳамчунин, маблағҳоеро, ки аз иҷозат ба фаъолияти сайёҳӣ ва сертификатсияи хизматҳои сайёҳӣ ба даст меоянд, ба таҳкими пойгоҳи моддии соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, аз нав барқарор кардани объектҳои таърихие, ки дар моликияти ҷумҳурӣ қарор доранд, дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳадафмандона истифода кардан лозим аст.

Сиёсати умумидавлатии танзими рушди сайёҳӣ дар оянда тавассути минтақаҳо амалӣ мегардад. Қисми таркибии сиёсати давлат барои исботи вазъияти

иқтисодӣ дар Тоҷикистон Консепсияи давлатии танзими рушди сайёҳӣ бояд бошад ва амалан ҷорӣ гардад.

Ба вуҷуд овардани маҷмааи сайёҳии ҳозиразамон, самарабахш ва рақобатпазир бояд мақсади асосии Консепсияи танзими давлатии рушди сайёҳӣ дар сатҳи минтақа бошад ва талаботи сайёҳро ба сифати олӣ қонеъ карда тавонад. Аз ҷумла, ба рушди иқтисоди минтақа саҳмгузор бошад.

Аз ҷумла, Консепсияи танзими давлатии рушди сайёҳӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат менамояд:

Дар навбати аввал бо назардошти рушди ояндаи фаъолияти сайёҳӣ дар маҳалҳо коркарди лоиҳаҳои сайёҳии минтақавӣ лозим мебошад.

Муаррифии сайёҳии минтақавӣ бояд бо барномаи рушди сайёҳӣ зиддият надошта бошад ва дар ин самт барномаи давлатӣ қабул гардад.

Иштирок дар ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳамгироии минтақа бо бозори сайёҳии Тоҷикистон ва ҷаҳон  созанда мебошад.

Бо роҳи ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ дастрасӣ бо ҳавасмандии инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла нигоҳдорӣ, истифодаи самарабахш ва таҷдиди захираҳои рекреатсионии минтақа.

Дар бозори минтақавӣ ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами хизматрасонии сайёҳӣ коркард гардад ва ин бояд дастгирӣ ёбад.

Низоми ҳисоботдиҳии оморӣ бояд инкишоф дода шавад ва ба намудҳои фаъолияти сайёҳӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои ҳамҷавори он дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ диққати хосса дода шавад.

Барои инкишоф ёфтани тиҷорати хурд, бидуни ҷалби маблағҳои давлатӣ шароити мусоид таъмин гардад.

Танзим ва идора кардани сайёҳӣ бо роҳи таъсиси сохторҳои зарурии ташкилӣ, амалӣ гардонидани самарабахши сиёсат ва нақшаҳои рушди сайёҳӣ, назорати доимӣ ба рафти он низ таъмин гардад.

Рафъи бӯҳрони иқтисодӣ барои ҳар як минтақа имрӯзҳо ба воситаи амалӣ гардонидани барномаҳои мушаххаси рушди сайёҳӣ чашмрас мебошад. Чунин амалкард бо назардошти хусусиятҳои марҳалаи муосири ташаккули бозори сайёҳӣ,

аз ҷумла бо имкониятҳои маблағгузорӣ ва идоракунии чорабиниҳои накшавӣ ва тақсими минбаъдаи воридот аз сайёҳӣ ба ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи аҳолии вилоят ва рушди оянда алоқаманд мебошад.

Тамоюли функсионалии барномаи минтақавии рушди сайёҳӣ дорои хусусияти маҷмуӣ мебошад. Ин ҳамгироии мақомотҳои мухталифи минтақавии идоракунӣ ва дар ҳамоҳангиву мувофиқат будани қарорҳои ташкилиро талаб менамояд. Ин ҳамзамон ҳайати бисёрсоҳаи иҷрокунандагони тадбирҳои барномавиро тақозо дорад ва дар пойгоҳи муносибати системавӣ ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди сайёҳиро бори дигар ба таври қотеъ асоснок мегардонад.

Иқлим, экология, ландшафт, пойгоҳи моддӣ, хизматҳои сайёҳӣ ва дигар нишондиҳандаҳо дар ҳама ноҳияҳо хусусияти худро доранд ва барнома вежагиҳои мазкурро ба инобат мегирад.

Коркарди барномаи рушди сайёҳӣ дар сатҳи минтақа ба назар гирифтани се вазифаи асосиро зарур медонад. Дар навбати аввал:

- бозсозии сохтори соҳавии сайёҳӣ, амалӣ гардонидани таҷдид ва навсозии заминаи моддии сайёҳӣ, омода кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, ободонии шаҳру ноҳия бо назардошти дурнамои сайёҳӣ, амалӣ гардонидани маркетинг дар бозорҳои дохилию беруна, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ;

- зиёд кардани қисми даромади буҷет дар асоси таҷдиди тамоюли истифодаи моликияти фоидаовари шаҳр ва фурӯши бевоситаи моликияти шаҳр ба манфиати соҳибмулк, ба иҷора додани меҳмонхонаҳо ба операторон ё истифодаи имкониятҳои замонавӣ, коммерсиализатсияи чорабиниҳо дар шаҳр ва монанди инҳо;

- ишкишофи пойгоҳи моддӣ ва инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, такмили кори операторону агентҳои сайёҳӣ. Корхонаҳои нақлиётӣ, хӯроки умумӣ ва корхонаҳои алоқа ба ин дохил мешаванд. Дар ҳолати имтиёзнок бо назардошти ба инкишофи сайёҳии ташрифӣ ва дохилӣ нигаронида шудани фаъолиятҳо бояд корхонаҳои маҷмуи намоишгоҳӣ вуҷуд дошта бошанд. Ба ин танзими маҳалии андоз мусоидат менамояд ва он ба солимгардонии умумии иқтисодӣ дар бозор равона мешавад;

- пойгоҳҳои моддии бе даромад ғайридавлатӣ гардонида шавад. Ҳадафмандии ғайридавлатӣ гардидан бояд аз амалӣ гардонидани ин ҳадаф аз мавқеи иқтисодӣ муайян шавад. Дар ҳолати ғайридавлатӣ нагардонидани чунин иншоотҳо лозим аст, ки самти фаъолияташон тағйир ёбад.

Дар навбати дувум, функсияҳои рушди соҳаро ҳангоми ташаккули сохтори маъмурияти шаҳр дар як ҷузъу том муттамарказ сохтан зарур аст. Ташкили чунин ҷузъ масъули пойгоҳи моддӣ ва рушди сайёҳии худии маҳаллӣ ин сохторро таъмин менамояд. Вазифаҳои зеринро чунин ҷузъу том бояд иҷро кунанд:

- коркард ва амалӣ гардонидани сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи тиҷорати сайёҳатҳо ва омода сохтани барномаҳои шартномавӣ;

- дар рушди инфрасохтори тиҷорати сайёҳатӣ бояд сиёсати минтақавӣ коркард ва амалӣ шавад;

- истифодаи самарабахш ва ҳадафмандонаи моликияти давлатӣ дар таҳти назорат таъмин гардад;

- барои фаъолияти иттилоотӣ ва оморӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инкишофи тиҷорати сайёҳӣ барномаҳои суроғавӣ таҳия гардад;

- шароити рушди тиҷорати сайёҳӣ фароҳам оварда ва ба омода кардани кадрҳо мусоидат карда шавад.

Барои ташаккули инфрасохтори мувофиқ ба инкишофи соҳа бояд маъмурияти шаҳр ба мақсади асосӣ ноил гардад. Аз маъмурият интиқол додани вазифаҳои идоракунӣ ба субъектҳои инфрасохтори маҳаллӣ баъзан дуруст ба назар намерасад. Бо ин маъмурияти минтақа ба мақсади асосӣ, ташаккули инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, инкишофи сайёҳӣ ноил намегардад.

Фарсудашавии сатҳи баланди маънавӣ ва физикӣ, тараққӣ накардан, набудани объектҳои ҳозиразамони ҷойгиронӣ низ аз унсурҳои муҳимтарини инфрасохтори сайёҳӣ дар пойгоҳи моддии сайёҳӣ мебошад, аз қабили шабакаи корхонаҳои хӯроки умумӣ, нақлиёт ва алоқа, хизматҳои вақтхушиву фароғатӣ ва ғайра. Мавҷудияти кормандони баландихтисоси хизматрасонӣ омили зарурии рушди бомуваффақияти соҳаи сайёҳӣ мебошад. Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ афзоиши маҷрои сайёҳонро ҳавасманд мегардонад. Дар шаҳр

гузаронидани тадбирҳо на ба барзиёд намудани шумораи меҳмонони вурудӣ, балки бештар ба афзудани буҷети шаҳр равона гардидааст.

Имкониятҳои сармоягузории шаҳрҳоро барномаи инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ бояд дар бар гирад. Маълумоти муфассали ҳуқуқӣ ва техникӣ роҷеъ ба сохтмони нав ва таҷдиди фонди мавҷуда, таҳлили қонунгузории андозӣ ва сармоягузорӣ бояд чунин пешниҳодҳоро фарогир бошад. Дар чунин ҳолат сармоягузор метавонад ҳам дар бораи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва дар бораи афзалияту имкониятҳои тиҷоратии шаҳр маълумоти муфассал гирад ва тасаввур пайдо кунад. Муттаҳид сохтани имкониятҳои молиявии он барои соҳаи рушди сайёҳӣ ба миён меояд. Ин бо устувории қарздиҳӣ ба коркарди маҳсулоти сайёҳӣ ва пешбурди он дар борзори беруна ба тадбирҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва ғайраро ба миён меорад. Дар ҳолати қабули қарор оид ба барномаҳои маблағгузорӣ бар дӯши худи субъектҳои тиҷорати сайёҳӣ будан, боҷи сайёҳӣ ва фонди махсусро табқи қонунҳои амалкунанда муттаҳид сохта, онро бе такя ба маблағи буҷети шаҳр метавон ба субут расонид.

Бо назардошти моҳияти ин маводҳо метавон ба чунин хулоса расид, ки мақсади сиёсати танзими рушди сайёҳӣ ба вуҷуд овардани маҷмааи рақобатпазири сайёҳӣ бояд бошад. Талаботи ҷомеъа ва шаҳрвандони хориҷиро ба хизматҳои сайёҳӣ қонеъ гардонида, саҳмгузориро аз ҳисоби афзоиши миқдори ҷойҳои корӣ, вуруди асъори хориҷӣ, нигоҳ доштани мероси фарҳангӣ ва табиӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъмин намояд.

Самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳӣ бояд пеш аз ҳама ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон, роҳ надодан ба амалҳои љиноӣ дар доираи соҳа, дастгирии рушди сайёҳии суроғавӣ-иҷтимоӣ, дастгирии рушди сайёҳии ташрифӣ ва дохилӣ; омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналхалқӣ, нигоҳ доштани захираҳои табиӣ ва фарҳангии мамлакат ва минтақаҳо иборат мебошад.

Меъёри соҳа, ки ба баланд бардоштани дараҷаи суроғавӣ будани маблағгузории рушди соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудааст, тағйир додани таносуби андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро тақозо дорад. Ин тадбир барои ба минтақаҳо

гузаронидани вазнинии асосии барномаҳои рушди сайёҳӣ пойгоҳи воқеӣ ба вуҷуд меорад.

Рентаи сайёҳӣ меҳвари асосии иқтисодии танзими рушди сайёҳӣ бояд гардад. Ин барои маблағгузории ҳадафманди таҷдиду таъмини ёдгориҳои таърихӣ, ҳамчунин сохтмону азнавсозии объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ истифода мешавад.

Мақсади асосии ба вуҷуд овардани маҷмааи сайёҳии ҳозиразамон, самарабахш ва рақобатпазир мебошад, ки талаботи сайёҳро ба сифати олӣ қонеъ гардонида, ҳамчунин ба рушди иқтисодиёти минтақа низ саҳм мегузорад.

Кумитаи сайёҳӣ, ки дар он таҷдиди ташкилот сурат гирифтааст, бояд субъекти асосии амалигардонии сиёсати минтақавии сайёҳӣ гардад. Самти афзалиятноки фаъолияти он ҳамкории фаъолона бо ширкатҳои сайёҳӣ буда, доираи хизматрасониҳои тиҷоратии кумита тавсеа меёбад ва ба ин восита маблағи афзоиши штати кормандон талофӣ хоҳад шуд.

Мақсади асосӣ ташаккули инфрасохторӣ мутобиқ ба бозори хизматрасонӣ ва барои худинкишофи соҳа бо интиқоли вазифаҳои идоракунӣ аз маъмурият ба субъектҳои инфрасохтори мазкур бо роҳи ғайридавлатикунонидани объектҳои зарароваре, ки дар моликияти маҳалӣ мавҷуданд, мебошад.

Ташкил намудани сохторҳои маҳалии сайёҳӣ ба ҳайси сохтори мустақил яке аз тасмимҳои муҳим ва беҳтар ба назар мерасанд. Дар таркиби чунин сохтор, шуъбаҳо барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди сайёҳӣ дар ҳудуди минтақа пешбинӣ гардад ва коркарди барномаҳои минтақавиро низ ба зимма гирад мувофиќи матлаб хоҳад буд.

Доираи хизматрасониҳои тиҷоратии ин сохтор, ҳамкории фаъолона бо ширкатҳои сайёҳӣ мегардад. Аз ин рӯ, бояд самти афзалияти шуъба барои ҷуброни хароҷоти афзоиши штати кормандон имкон диҳад. Ҳадафи ин сохтор вазифаҳои зерини идоракунӣ ба монанди - коркарди барномаҳои минтақавӣ дар таҳияи барномаҳои минтақавии рушди сайёҳӣ, коркарди амсилаҳои рушд ва ҷойгиронии минтақа, объектҳои сайёҳӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳамгироии онҳо бо барномаҳои давлатӣ, ҳамоҳангсозии инфрасохтори рушди сайёҳӣ, коркард ва амалигардонии

